Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ТАЪРИХИ ҶАҲОН

**9**

Нашри 4-уми аз нав кор карда ва пуррашуда

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон ҳамчун китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 9-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ ба нашр тавсия намудааст*

ХОНАИ ЭҶОДИИ ТАБЪУ НАШРИ „O‘QITUVCHI“
ТОШКАНД – 2019

http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**УЎК: 94(100)(075.3)**
**КБК 63.3(0)я72**
**Ж 40**

Мувофиқи хулосаи гурӯҳи коршиносон (экспертҳо) оид ба тайёр намудан ва чоп кардани адабиётҳои таърихӣ аз тарафи Шӯрои таълимию методии фанҳои таърихи Маркази таълими республика ба нашр тавсия шудааст.

*Муаллифон:*

**М. Лафасов, У. Ҷӯраев,**
**Э. Холиқов, Д. Қодирова**

*Муҳаррири масъул:*

**Э. З. Нуриддинов** – доктори илмҳои таърих, профессор.

*Тақризчиён:*

**Р. Р. Назаров** – номзади илмҳои фалсафа;
**Б. Абдуллоев** – муаллими тоифаи олӣ.

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

Кори мустақилона оид ба мавзӯъ.

Дар ёд доред.

Мазмуни истилоҳҳо.

Мавзӯъ барои баҳс.

Савол ва супоришҳо.

**Аз ҳисоби маблағҳои бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

© Лафасов ва диг.
© ХЭТН „O‘QITUVCHI“ 2019

ISBN 978-9943-22-399-8

http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУҚАДДИМА

Донишомӯзони азиз!

Шумо фарзандони Ӯзбекистони мустақил ҳастед. Дар аснои омӯхтани таърихи ҷаҳон суханони зерини раҳбари давлатамон Шавкат Мирзиёевро „...мутаассифона дар дунё, атрофамон қувваҳое ҳастанд, ки вазъи босуботи ҷамъиятамонро аз маҷро бароварда, дар байни одамон низоъ барангехта, тухми душманиро пошида, моҷароҳои гуногунро сар зонанданӣ ва ҳатто моил ба хунрезиҳо мебошанд"-ро дар ёд дошта бошед ва бояд идрок кунед, ки решаҳои ин иллатҳо ба охири асри XIX – ибтидои асри XX рафта мерасанд.

Шумо ба синфи 9-ум синфи охирини мактаби миёнаи умумӣ қадам ниҳодед. Шумо дар синфи 8-ум аз фанни „Таърихи ҷаҳон" даври иборат аз ибтидои асри XVI то нимаи дуюми асри XIX-ро омӯхтед. Дар ин давр инкишофи пешрафти ҷамъият хеле пурзӯр шуд. Истеҳсолот боло рафт. Демократияи сиёсӣ расмӣ гардид, шаклҳои ҳукмронии табақаҳои боло такмил ёфт. Шумо акнун даври хеле шавқовар ва дар айни замон бисёр мураккаби таърихи ҷаҳонро меомӯзед. Чунки дар ин давр дар дунё дигаргуниҳои калон рӯй доданд. Хусусияти асосии ин давр дар истеҳсолот барқарор шудани капитализми монополистӣ аст. Синдикатҳо, картелҳо, консернҳои гуногун ба вуҷуд омаданд. Истеҳсолот мутамарказ шуд, ба хориҷа баровардан капитал сар шуд. Якчанд давлатҳо ба чунин дараҷаи тараққиёт расиданд, ки пештар дар тӯли садсолаҳо намерасиданд.

Ин гуна дигаргуниҳоро, ки ба тараққиёти ҷамъияти иқтисоди бозаргонӣ хос аст, ҳоло мамлакати мо аз сар гузаронида истодааст. Истифодаи таҷрибаи таърихии тараққиёти ҷамъият дар шароити имрӯза, такрор накардани хатоҳои роҳёфта барои барпо намудани ҷамъияти бузург дар мамлакатамон ва дарёфтани ҷои муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ суръат мебахшад. Аз ин боис таърихи кишварҳои мутараққиро чуқур омӯхта, тарафҳои мусбии онро барои равнақи республикаамон истифода бурдан вазифаи муқаддаси ҳар кадоми мост.

Ин китоби дарсӣ дар асоси ба марҳалабандии нави таърих таҳия шуда, даври аз солҳои 70-уми асри XIX то соли 1918-ро дар бар мегирад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ФАСЛИ I | ҶАҲОН ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

## БОБИ I МАНЗАРАИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДӢ ВА СИЁСИИ ДУНЁ

### § 1 Рӯй додани дигаргуниҳои куллӣ дар инкишофи капитализм дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

**Консентратсияи (мутамарказшавии) истеҳсолот**

Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар инкишофи капитализм марҳалаи нав – марҳалае, ки онро капитализми монополистӣ меноманд, барқарор гардид. Капитализми монополистӣ ин марҳалаест, ки дар ҳаёти иқтисодии капитализм монополияҳо ба вуҷуд омада, олигархияи молиявӣ ташаккул ёфт, дар истеҳсолот консентратсия (мутамарказшавӣ) ва корпоратсияҳои байналмилалӣ барпо шуда, дар ҳаёти сиёсӣ бошад, онҳо аз болои давлат ва халқ ҳукмронӣ мекардагӣ шуданд.

Ин марҳалаи капитализм аз марҳалаи капитализми озод бо нишонаҳои асосии зерин фарқ мекунад:

**1. Дар истеҳсолот пайдо шудани монополияҳо.**

Монополия ин корхонаи азим ё иттифоқи ин хел корхонаҳост, ки дар соҳаи истеҳсолот ё савдо яккаҳукмрониро ба даст овардааст. Монополияҳо дар ҳамаи давлатҳои индустриалӣ ба вуҷуд омада буданд.

Онҳо дар шакли картел, синдикат, трест ва консерн дар ин ё он соҳаи хоҷагии мамлакат ҳукмрон шудаанд. Масалан, синдикати ангиштсанги Рейн-Вестфалия, ки дар Германия ташкил ёфта буд, қисми асосии ангиштеро, ки дар кишвар истеҳсол ва фурӯхта мешуд, дар даст ҷамъ карда буд.

Дар охири асри XIX шумораи монополияҳо дар Германия беш аз 250-то, дар ШМА 185-то монополия фаъолият нишон медод.

**2. Ба вуҷуд омаданди олигархияи молиявӣ.**

Ин ҳодиса дар натиҷаи ба ҳам як шудани капитали саноатӣ ва банкӣ содир гардид. Мутамарказ шудани истеҳсолот ва ҷараёни монополияшавии саноат ба мутамарказ гардидани капитал дар фаъолияти банк оварда расонд. Дар оқибати рақобати сахт банкҳои хурд хонавайрон шуда, ба таркиби банкҳои калон дохил шуданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар натиҷаи ин марказҳои молиявӣ – банкҳои гигант (яъне азим) пайдо шуданд, ки дорои қудрати хеле калони молиявӣ ва таъсири бузурги сиёсӣ дар мамлакаташон буданд. Дар ибтидои асри XX чунин банкҳо дар Франсия сето, дар ШМА дуто буд.

Ба ҳам муттаҳид шудани капитали банкӣ ва капитали саноатӣ ба пайдошавии шакли нави капитал–капиталияи молиявӣ оварда расонд. Империяҳои хеле бузурги банку саноат пайдо шуданд, ки онҳо „шоҳони“ соҳаи пӯлод, нефт, газета ва дигар соҳаҳо буданд.

Дар ШМА чунин империяҳои 60 хонавода мавҷуд буданд, ки назорати ҳаёти иқтисодиро дар мамлакат ба даст гирифта буданд. Дар охири асри XIX аз ин хонаводаҳо „сегонаи бузург“ – Рокфеллер (нефт), Морган (молия) ва Карнеги (пӯлод) фарқ мекарданд. Дар ибтидои асри XX баъди молу мулки бисёрмиллионаи худро фурӯхтани Карнеги дар нигоҳи америкоиҳо дар бобати омад ва қудрати сарватмандӣ дар соҳаи тадбиркорӣ симои ду кас – Морган ва Рокфеллер падид мегардад. Чунончи, трести нефти Рокфеллер қариб тамоми нефти кишварро истеҳсол мекард. Тресті пӯлоди Морган 66 фоизи пӯлодро медод. Дар Франсия „оилаи 200“, ки дорои амонатгузорони бузурги банкҳои франсуз буданд, ба тимсоли нерӯи молиявӣ табдил ёфтанд.

**3. Ба хориҷа баровардани капитал аҳамияти калон пайдо мекунад.**

Монополияҳо, олигархияи молиявӣ барои зиёд намудани фоида ҳаракат намуда, акнун ба хориҷа на мол, балки ба содироти капитал (сармоя) эътибори калон доданд. Чунки акнун аз содироти мол дида, ба хориҷа баровардани капитал, яъне бар ивази фоиз додани кредит, ба нархи арзон харидани сарватҳои табиӣ ва дар он ҷойҳо аз ҳисоби қувваи арзони корӣ сарват ба даст овардан, сохтани корхонаҳо фоидаи калон медоданд.

Ҳамин тариқ, монополияҳо ба хориҷи кишвар баровардани капиталро нисбат ба истифода дар иқтисодиёти мамлакаташон афзал донистанд. Аз ин боис, дар байни солҳои 1900 – 1913 ҳаҷми ба хориҷа баровардани капитал аз тарафи давлатҳои индустриалӣ (мутараққӣ) ду баробар афзуда буд.

**4. Аз нигоҳи иқтисодӣ дунёро тақсим карда гирифтани монополияҳои байналмилалӣ.**

Монополияҳои бузургтарин, гурӯҳҳои гуногуни олигархияи молиявӣ кӯшиш менамуданд, ки бозорҳо, манбаъҳои ашёҳои хомро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

зери назорати худ гиранд. Ҳамин тариқ, монополияҳои байналмилалӣ ба вуҷуд омаданд. Дар соли 1910 шумораи онҳо ба 100 расида буд. Дар натиҷаи ин ҳодисаи нав – байни монополияҳои байналмилалӣ мубориза барои назорат кардани хоҷагӣ ва боигарии дунё сар шуд. Чунончи, ду гурӯҳи молиявӣ – Рокфеллер (ШМА) ва Ротшилдҳо (Британияи Кабир, Франсия) бозори карасини ҷаҳонро тақсим карда гирифта буданд.

Дар соли 1907 ду монополияи азимтарин – „Ширкати умумии барқ" (ШМА) ва „Ҷамъияти умумии барқ" (Германия) оиди тақсим намудани бозори барқи дунё ва ҳамкории дутарафа шартномаро ба имзо расонданд. Ҳамин тариқ, қариб тамоми дигар давлатҳои заиф ва ақибмонда тобеи олигархияи молиявии давлатҳои бузургтарини индустралӣ гардиданд.

**5. Авҷ гирифтани мубориза барои ба охир расонидани тақсимкунии ҳудудии дунё аз тарафи давлатҳои индустриалӣ.**

Баробари мустаҳкамшавии қудрати олигархияи молиявӣ давлатҳои индустриалӣ барои васеъ намудани доираи мустамликаҳои худ боз ҳам кӯшиш карданд. Ин ҳолат дар байни давлатҳои индустриалӣ ҷараёни тақсим намудани дунёро тезонид.

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX байни онҳо аз нисф зиёди ҳудуди рӯи замин тақсим карда шуда буд. Британияи Кабир, Франсия ва Россия ба мустамликаҳои хеле калон соҳиб шуданд. Германия, Италия ва Япония маҷбур шуданд, ки бо ҳудудҳои начандон калон кифоя кунанд. Ин гуна ҳолати тақсимоти дунё Германияро, ки аз лиҳози инкишофи иқтисодӣ дар дунё мақоми 2-юм, дар Европа мақоми 1-умро ишғол менамуд, асло қонеъ намекард.

ШМА, ки ҳудуди хеле калон, захираҳои бои ашёи хом, бозори васеи дохилӣ дошт, барои забт кардани мустамликаҳо чандон иштиёқ надошт. Зиёда аз ин, ШМА чун давлати аз нигоҳи иқтисодӣ пешқадами дунё нисбат ба экспансияи ароқноки роҳи дохил шудан ба иқтисоди дигар давлатҳо, аввал ба кишварҳои Америкаи Лотиниро афзал донист. Аммо ин маънои онро надошт, ки ШМА аз истилои заминҳои нав тамоман даст кашидааст. Дар охири асри XIX ШМА ҷазираҳои Гавайиро аннексия кард. Филиппинро ишғол намуд, Пуэрто-Рико ва ҷазираҳои Гуамро ба ниммустамликаи худ табдил дод.

Дар натиҷаи сиёсати мустамликадорӣ ба охири асри XIX омада истило кардани „заминҳои забтнашуда" ба охир расид (Ба харитаи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

саҳифаҳои 8–9 нигоҳ кунед. Таъсири кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ пурқудрат ба мамлакатҳои сусттараққикардаи Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ торафт пурзӯр мегардид. Дар рӯзмарра масъалаи аз нав тақсим кардани мустамликаҳо ва доираи таъсир пайдо шуд. Аксари давлатҳо роҳи ягонаи ҳалли муамморо дар истифодаи қувва лозим донистанд. Дар оқибати он, мусобиқаи мусаллаҳшавӣ сар шуд.

Моҷароҳои ҳудудии байни давлатҳои Европа ҳам яке аз омилҳои пуртаъсири мусобиқаи мусаллаҳшавӣ ба шумор мерафт. Сабаби дигари тезутунд шудани муносибатҳои байни давлатҳои Европа мубориза барои пайдо кардани бартарии иқтисодӣ ва ҳарбию стратегӣ буд. Дар айни вақт, дар охири асри XIX Германия аз рӯи нишондоди иқтисодӣ дар Европа ҷои якум, дар дунё баъд аз ШМА ҷои дуюмро мегирифт, ғазаби Британияи Кабир ва Францияро меовард. Россия дар навбати худ ба хотирҷамъии Германия зарар мерасонидагӣ шуд. Ҳамин тавр, хоҳиши тақсим кардани дунё байни давлатҳои бузург ба рақобати иқтисодӣ ва сиёсӣ, зиддияти ҳарбию стратегӣ ва мусобиқаи мусаллаҳшавӣ оварда расонд.

### Нақши капитализми монополистӣ

Пайдоиши монополияҳо, аввалан, барои дар истеҳсолот васеътар истифода бурдани техника ва технологияи нав имконият фароҳам овард. Ин боиси якбора баландшавии самараи меҳнат шуд.

Сониян, боиси ба дасти як гурӯҳи ками одамон ғун шудани ҳокимияти бузург оварда расонд. Аз ин рӯ, монополистҳои ШМА-ро беҳуда „шоҳони betoҷи Америка“ намегуфтанд. Онҳо ба сиёсати дохилию хориҷии ҳукумати ШМА таъсири калон мерасониданд. Ё ин ки дар Германия „Ҳар чизе, ки ба Крупп нағз бошад, он ба Германия ҳам маъқул“ мегуфтанд. Чунки онҳо дорои сарвати калон буданд.

Сеюм, капитализми монополистӣ сабабгори вусъати ҷангҳои мустамликавии харобиовар гардид. Пурзӯршавии ин гуна ҷангҳо дар охири асри XIX ба васеътар истифодашавии истилоҳи „империализм“ оварда расонд. Ин истилоҳ аввало нисбати сиёсати хориҷии мустамликахоҳии давлатҳои индустриалӣ истифода мешуд. Баъдтар, истилоҳи „империализм“ ба ҷои синоними „капитализми монополистӣ“ кор мефармудагӣ шуд. Ҳамин тавр, ин ҳар ду истилоҳ як хел маъноро ифода мекард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




ТАҚСИМ КАРДАНИ ОСИЁ ВА АФРИКА



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




АЗ ТАРАФИ ДАВЛАТҲОИ МУТАРАҚҚӢ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Монополия*** (аз юнонӣ, mono – танҳо, poleo – мефурӯшам) – яккаҳукмронӣ дар як соҳаи иқтисодиёт.
***Молия*** – муносибатҳои вобаста ба пайдоиши хазинаи мақсадноки пул, ғункунӣ, тақсимот ва истифодаи он.
***Олигархия*** (юнонӣ – ҳокимияти аққалият) – ғуншавии ҳукмронии иқтисодию сиёсӣ дар дасти як гурӯҳи сармоядорон.
***Картел*** (италиявӣ – қоғаз, ҳуҷҷат) – сохторе, ки дар асоси шартнома оиди ҳаҷми умумии истеҳсол ва фурӯши истеҳсолоти ширкатҳо (компанияҳо), фирмаҳои мустақили як соҳа, нарх, бозори фурӯш, саҳми ҳар як иштирокчӣ ва ҳоказо ташкил шудааст.
***Консентратсия*** – ҷамъ шудани истеҳсолот дар як макон (тахти як даст).
***Консерн*** (иштирок, манфиат) – иттифоқи калони корхонаҳое, ки дар асоси умумияти манфиат муттаҳид шудаанд.
***Синдикат*** (юнонӣ, якҷоя кор кардан) – иттиҳодияи корхонаҳое, ки як навъи маҳсулот мебароранд.
***Трест*** – иттиҳодияи корхонаҳоест, ки истеҳсолот ва савдоро, на бесарусомон, балки дар асоси қарори раёсати марказ ба роҳ мемонад.
***Аннексия*** (лотинӣ – муттаҳид кардан) – ҳудуди ягон давлатро пурра ё қисман аз худ карда гирифтан.
***Империализм*** – даври баландтарин ва охирини ҷамъияти капиталистӣ.

1. Капитализми монополистӣ чист?
2. Нишонаҳои асосии капитализми монополистӣ аз чиҳо иборат аст?
3. Оид ба олигархияи молиявӣ мисолҳо оваред
4. Ба хориҷа баровардани капитал чӣ гуна рӯй дод?
5. Зарурати тақсим карда гирифтани дунё чист?

1. Аз харита истифода намуда кишварҳои мустамликашудаи Британияи Кабирро эзоҳ диҳед.
2. Корпоратсияҳои байналмилалии замони ҳозираро бо монополияҳои ибтидои асри XX муқоиса кунед.

## § 2. Тамаддуни индустриалӣ

### Оид ба тамаддуни индустриалӣ

Шумо аз китоби дарсии „Таърихи ҷаҳон“ барои синфи 8-ум аз хусуси дар солҳои 50 – 60-уми асри XIX дар Европаи Ғарбӣ ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ШМА ба поён расидани табаддулоти саноатӣ бохабар ҳастед. Ҳамин тавр, тамаддуни (сивилизатсияи) индустриалӣ ба маънои том пайдо шуд. Ин тамаддунест, ки дар он тараққиёти техника арзиши асосӣ аст. Шумо аз ин хусус дар синфи 10-ум бештар маълумот хоҳед гирифт.

Ба ҷои истилоҳи „тамаддуни индустриалӣ“ ибораи „ҷомеаи индустриалӣ“-ро ҳам кор мефармоянд ва ин ҳар ду як маъно доранд.

Якбора пеш рафтани шаҳрҳо яке аз нишонаҳои тамаддуни индустриалӣ буд. Ин, аввалан, дар натиҷаи истифодаи техника дар кишоварзӣ як қисми аҳолӣ дар деҳот бекор монда ва ба шаҳр омадани онҳо рӯй дод.

Сониян, дар шаҳракҳои хурд кори савдогарон ва ҳунармандони хурд паст рафт, инчунин дар соҳаи нақлиёт дигаргуниҳо рӯй дода, сохтмони роҳи оҳан, марказҳои саноатӣ ба шаҳрҳои калон кӯчиданд. Акнун аҳолие, ки садҳо сол дар ҷои худ мезист, ба ҳаракат омада буд, заминҳои худро партофта, ба шаҳрҳо муҳоҷират карданд. Аз деҳот иммигратсия шудани аҳолӣ рӯй дод. Одамон ҳатто ба дигар кишварҳо мерафтагӣ шуданд.

**Инкишофи шаҳрҳо**

Дар ҷараёни инкишофи индустриалӣ шаҳрҳо аҳамияти калон доштанд. Истеҳсолоти саноатӣ қариб тамоман дар шаҳрҳо ҷой гирифта буд. Ғояҳои асосии ҷомеа, воқеаҳои муҳими сиёсӣ ҳам дар шаҳрҳо рух медоданд. Шаҳрҳо хеле тез пеш мерафтанд. Дар миёнаҳои асри XIX дар давлатҳои индустриалӣ қариб нисфи аҳолӣ дар шаҳрҳо ҷамъ шуданд.

Омили асосии ин инкишофи бошитоби шаҳрҳо табаддулоти саноатие, ки асоси индустрикунониро ташкил дод, натиҷаи истеҳсолоти фабрика ва завод буд. Ин ҷараён дар Британияи Кабир пештар сар шуд. Дар дигар ҷойҳо дертар, масалан, дар Германия дар солҳои 70-уми асри XIX оғоз ёфт. Урбанизатсияи ҷадалноки ШМА ҳам тахминан ба ин давр рост меояд. Умуман, дар охири асри XIX-ибтидои асри XX аҳолии кишварҳои индустриалӣ хеле зуд афзуд.

Болоравии шаҳрҳои кӯҳна, инкишофи шаҳрҳои нав бо пешравии саноат вобаста буд. Аксари аҳолӣ бо нияти ёфтани кор ба шаҳрҳо меомад. Хусусан, пойтахтҳо, шаҳрҳои калон тез афзуданд. Масалан, соли 1850 аҳолии Париж як миллион бошад, соли 1880 он ду миллион нафарро ташкил медод.

Аз миёнаҳои асри XIX сар карда дар сохтмони шаҳрҳо низ дигаргунӣ рӯй дод. Масалан, Париж аз соли 1853 сар карда дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

давоми 20 сол ба майдони сохтмон табдил ёфт. Он бо услуби замонавӣ сохта шуд, майдону хиёбонҳо, боғҳои нав бунёд гардид. Дар охири асри XIX шабакаи оби нӯшокӣ, трамвай ва метро дошт.

### Аристократияи кӯҳна ва нав

Дар охири асри XIX низ аристократия дар ҷомеа мавқеи худро дошт, асоси сарвати онҳоро чун пешина замин ташкил медод. Ҳаёти аристократҳо ҳанӯз ҳам аз шаҳрҳо дида бештар бо деҳот вобастагӣ дошт. Даҳҳо хобгоҳҳо, китобхонаҳо, коллексияҳои шахсии бадеӣ дар биноҳои васею қулай, маросимҳои қабул, шикор ва монанди инҳо ҳанӯз ҳам қисми ҷудонашавандаи ҳаёти аристократҳо буд. Аз сабаби он, ки никоҳҳо чун қоида „дар доираи худ“ сурат мегирифтанд, оилаҳои аристократҳо аз рӯи риштаҳои хешутаборӣ байни худ вобаста буданд. Дар Британияи Кабир писарбачаҳои аристократҳо аз бачагӣ ба фаъолияти сиёсӣ тайёр мешуданд. Онҳо аввал дар мактабҳои хусусии имтиёзӣ, баъд дар донишгоҳҳои Оксфорд ё Кембриҷ мехонданд. Фаъолияти минбаъдаро дар парламент давом медоданд.

Дар миёнаҳои асри XIX аз 652 нафар аъзои парламенти Британияи Кабир 489 нафарашон заминдорон буданд. Дар солҳои 1906–1916 аз се ду қисми вазирони Британияи Кабир дастпарварони донишкадаҳои имтиёзӣ буданд. Аммо баробари инкишофи тамаддуни индустриалӣ аристократия мавқеи собиқаи ҳукмрониро аз даст дод. Як қисми замин барои сохтмони шаҳрҳо дода шуд, ҷангалҳо ҳам кам карда шуданд.

Даври нав барои одамони обрӯпараст талабҳои нав гузошт. Собиқ аристократҳои заминдор акнун дар банкҳо, компанияҳои саноатӣ, маъмурияти мустамликаҳо лавозимҳои раҳбариро ишғол мекарданд. Бо бойҳои нав хешу табор шудани аристократияи кӯҳнаи аз мулк маҳрумшуда ба якшавии аристократҳо бо буржуазия оварда расонд.

Дар асри XIX нақши буржуазия дар ҳаёти иқтисодию сиёсии давлат торафт афзуд. Ба сари корхонаҳо ва банкҳои азим намояндагони буржуазияе, ки миллион-миллион сарват доштанд, омаданд. Намояндагони назарраси буржуазия ба мавқеи калони сиёсӣ низ соҳиб мешуданд.

### Табақаи миёна

Ташаккулёбии „табақаи миёна“ яке аз воқеаҳои муҳими ҳаёти ҷомеаи асри XIX гардид. Шахсони соҳиби „касби озод“ – инженерон, ихтирочиён, шифокорон, муаллимон, афсарҳо, ҳуқуқшиносон ва монанди инҳо табақаи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

миёнаро ташкил медоданд. Мӯътадилии аҳволи моддӣ яке аз нишонаҳои асосии мансубият ба ин табақа буд.

Дар нимаи дуюми асри XIX дар байни намояндагони табақаи миёна, хусусан тоифаи ҳуқуқшиносон фарқ доштанд. Баробари ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, пешрафти ҳаёти иқтисодӣ зарурат ба ҳуқуқшиносон афзуд. Онҳо бо таҳияи конститутсияҳо, қонунҳо, кодексҳо, расмӣ кардани васиятномаҳо, маслиҳат ба банкҳо ва тадбиркорон, иштирок дар судҳо машғул буданд. Аксари арбобони сиёсӣ ҳам маълумоти ҳуқуқшиносӣ доштанд. Табақаи миёна ба ҷомеа барқарориро овард.

**Синфи коргарон**

Дар асри XIX синфи нави коргар ташаккул ёфт. Дар се кишвар – Британияи Кабир, Франсия ва ШМА, ки табаддулоти саноатӣ рӯй дод, дар солҳои 70-ум коргарони саноат 12 – 13 миллион нафарро, якҷоя бо коргарони кишоварзӣ 20 млн. нафарро ташкил медоданд. Аҳволи коргарон як хел набуд. Аз нисф зиёди онҳо дар остонаи қашшоқӣ умр мегузарониданд, мутахассисони соҳибмалака бештар музд гирифта, „аристократияи коргарӣ“-ро ташкил медоданд. Дар ибтидои асри XIX „аристократияи коргарӣ“ аз се ду қисми коргарони Британияи Кабирро ташкил дода, хеле хуб зиндагӣ мекард.

Дар ибтидои асри XX коргарони саноатии ШМА аз нигоҳи шумора ҷои якумро мегирифтанд. Дар ин ҷо 10,4 млн. нафар коргарони саноатӣ буданд. Дар Германия дар соли 1907 сафи онҳо ба 8,6 млн. нафар расида буд. Шумораи коргарони Европа ва Америкаи Шимолӣ 40 млн. нафарро ташкил медод. Бо назардошти коргарони соҳаи кишоварзӣ, адои хизмат, нақлиёт ва монанди инҳо наздик ба 80 млн. нафар расида буд.

Дар бобати малакаи коргарони кироя низ тағйироти ҷиддӣ рӯй дод. Соҳаҳои нави саноат меҳнати бомалакаро талаб мекарданд. Саҳми коргарони бомалака дар соҳаи мошинсозӣ, киштисозии Британияи Кабир қисми асосиро ташкил медод. Аз 2/3 қисми коргарони саноатии ШМА, аз нисф зиёди коргарони бомалакаи Германияро онҳо ташкил медоданд.

То солҳои 70-уми асри XIX давомнокии рӯзи кор дар мамлакатҳои индустриалӣ 10 – 16 соатро ташкил медод. Музди ками корӣ ба занон ва бачаҳо дода мешуд. „Коргарзанҳои фабрика“ асосан аз духтарони 13 – 14-сола иборат буданд. Бачаҳои 10 – 12-сола аз фаб-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рикаи тамоку сар карда, то шахтаи ангиштсанг кор мекарданд. Онҳо нисбат ба занон ҳам музди кам мегирифтанд.

Дар ин давр занон барои баробарҳуқуқии худ муттасил мубориза мебурданд. Дар ибтидои асри XX муборизаи муттасили занон барои озодӣ ва мустақилӣ, баробарҳуқуқӣ яке нишонаҳои тамаддуни индустриалӣ гашта буд.

Дар ин давр Интернатсионали II, ки соли 1889 ташкил ёфта буд, дар шароити хеле мураккаб фаъолият мебурд. Синфи коргар партия (ҳизб)ҳои худро муттаҳид карда натавонист. Дар оқибати он маҷроҳои инқилобӣ ва муросогар пайдо шуда, байни худ мубориза мебурданд. Дар натиҷаи номуросогӣ ташкилоти Интернатсионали II ба ҳалокат дучор шуда барои таъсиси Интернатсионали нав ҳаракат авҷ гирифт.

***Иммигрант*** (аз лотинӣ – кӯчида омада) шахсе, ки аз як кишвар ба дигараш барои зисти доимӣ ё дер вақт кӯчида омадааст.
***Индустрия*** (аз лотинӣ – фаъолият) – истилохе, ки маънои саноат, хусусан саноати калонро дорад.
***Мигратсия*** (аз лотинӣ – мекӯчам) кӯч бастани аҳолии як давлат ба ҳудуди дигар, ё аз як кишвар ба кишвари дигар.
***Урбанизатсия*** (франсузӣ ва лотинӣ – мансуб ба шаҳр) – болоравии нақши шаҳр дар ҳаёти ҷомеа ва афзудани саҳми аҳолии шаҳр.
***Интернатсионали II*** – иттиҳодияи партияҳои сотсиалистии байналмилалӣ, ки соли 1889 ташкил ёфта буд.

1. Тамаддуни индустриалӣ чӣ хел пайдо шуд?
2. Дар оқибати тамаддуни индустриалӣ дар ҳаёти шаҳрҳо чӣ хел тағйирот рӯй дод?
3. Шумо ҷараёнҳои урбанизатсия ва мигратсияро дар охири асри XIX – ибтидои асри XX чӣ гуна эзоҳ медиҳед?
4. Табақаи миёнаи аҳолиро киҳо ташкил медоданд? Афзудани табақаи миёна дар ҳаёти ҷомеа чӣ гуна аҳамият дорад?
5. Таърихи Ватанамонро дар охири асри XIX-ибтидои асри XX бо таърихи Европаи Ғарбӣ ва ШМА муқоиса кунед.
6. Дар шароити имрӯза ҳуқуқи байналмилалӣ ба меҳнати бачагон аз чандсолагӣ рухсат додааст, аниқ кунед.

1. Дар бораи саҳми бизнеси хурд ва тадбиркории хусусӣ дар ҳаёти иқтисодии Ўзбекистон далелҳо ҷамъ оваред.
2. Омилҳоеро тавзеҳ диҳед, ки сабабгори тараққии давлатҳои индавр шудаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ФАСЛИ II | ДАВЛАТҲОИ ЕВРОПА ВА АМЕРИКА

## БОБИ II ДАВЛАТҲОИ ЕВРОПАИ ҒАРБӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

### § 3. Ҷанги Франсияю Пруссия ва натиҷаҳои он

**Сабабҳои ҷанги Франсияю Пруссия**

Аз нимаи дуюми солҳои 60-уми асри XIX нуфузи императори Франсия Наполеони III паст шуд. Аз нигоҳи тараққиёти иқтисодӣ нисбат ба ҳамсояҳояш – Британияи Кабир ва Германия ақибмонии Франсия сабаби асосии он буд.

Дар айни вақт Франсия дар бобати сиёсати хориҷӣ низ бо нокомиҳо дучор омад. Чунончи, вай натавонист ба муттаҳид шудани Пруссия бо Германия монеъ шавад. Чунки Германия ба давлати ягона муттаҳид шуда, дар арсаи ҷаҳонӣ ба обрӯи Франсия зарари ҷиддӣ мерасонд ва он чун давлати дуюми Европа мавқеи худро аз даст медод.

Доираҳои ҳукмрони Франсия аз шартномаи савдоии Британия – Франсия, ки соли 1860 ба имзо расида буд, низ норозӣ буданд. Чунки, воридоти молҳои англис ба Франсия рақобатро бо молҳои франсузӣ пурзӯр мекард. Ғайр аз ин, бекорӣ ва қимматӣ ҳамроҳи доимии меҳнаткашон шуда буданд. Ин албатта боиси норозигии коргарон гашта буд.

Дар чунин шароит барои Наполеони III ҷанги ғоибонаи зидди Пруссия зарур буд. Ин ҷанг обрӯю нуфузи Франсия ва албатта Наполеони III-ро зинда мекард. Барои ин мақсад он дар ин ҷанг мебоист ғалаба карда, ба муттаҳидшавии Германия роҳ надода, баъзе ҳудудҳои онро истило мекард.

**Оғози ҷанг**

Пруссия низ чандин сол боз ба ҷанги зидди Франсия тайёрӣ медид. Франсияро, ки ба мустаҳкамшавии ҳукмронии Германия дар Пруссия халал мерасонд, мағлуб карда, муттаҳидшавии Германияро ба поён расондан мақсади вай буд. Барои оғози ҷанг фақат баҳона зарур буд. Дере нагузашта ин баҳона пайдо шуд. Масъалаи киро ба тахти Испания шинондан баҳонаи оғози ҷанг шуд. Хӯш ин масъала чӣ хел пайдо шуд? Дар Испанияе,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ки вақте қудрати худро аз даст дода буд, дар соли 1868 инқилоб сар шуд. Малика Изабеллаи II маҷбур шуда ба Франсия гурехта рафт. Зани императори Франсияро, ки миллаташ испан буд, ваъда дод, ки ба Изабелла барои баргардонидани тахт ёрӣ мерасонад.

Аммо дере нагузашта муборизаи байни давлатҳои бузурги Европа барои тахти Испания ба ин имкон надод. Ба он ба тахти Испания номзади худро мондани Германия ҳам сабаб шуд. Ҳукумати Франсия аз Германия талаб кард, ки аз номзади худ даст кашад. Император Вилгелми I ба ин розӣ шуд. Вале ин ризоият Франсияро қонеъ накард. Акнун Франсия аз Германия талаб кард, ки минбаъд ҳам аз нишон додани номзади худ ба тахти Испания тамоман даст кашад. Император аз сафири Франсия тақозо кард, ки баъди бозгашт ба Берлин аз ин хусус ҷавоб бигӯяд.

Канслери Пруссия Бисмарк, ки ба ҷанг ҳозир буд, тафсилоти сӯҳбати байни император ва сафири Франсияро дар рӯзномаҳо махсус дигар хел талқин кард. Мувофиқи хабари рӯзнома, император бо сафири Франсия гап задан нахоста, ба тарафи сафир бо ақибаш нишастааст (ин воқеа дар таърих бо номи „Депешаи Эмс“ даромадааст).

Франсия ин хабарро барои шаъни худ ҳақорат гуфта қабул кард ва сафирашро аз Германия чеғ зада гирифт.

17-уми июли соли 1870 Франсия бар зидди Пруссия ҷанг эълон кард. Ҳамин тавр, ҷанги ду давлат сар шуда рафт. Аммо дере нагузашта ба ҷанг тайёр набудани қувваҳои ҳарбии Франсия, Франсия ба қудрати Пруссия баҳои зарурӣ надодагиаш маълум шуд.

**Ҳалокати империя**

Рӯзи 1-уми сентябри соли 1870 дар назди қалъаи Седан лашкари Франсия ҳамроҳи Наполеони III дар иҳота монд. Лашкари Франсия аз иҳотаи лашкари 140 ҳазораи немисҳо баромада натавонист. Наполеони III ноилоҷ маҷбур шуд, ки 2-юми сентябр байрақи сафедро бардошта, шамшерашро ба шоҳи Пруссия фиристад. Ҳамин тавр, лашкари 80 ҳазорнафараи франсузҳо бо роҳбарии Наполеони III таслим шуд. Наполеони III дар Седан Ватерлоои худро дарёфт. Дуюмин лашкари 100 ҳазора ҳам дар қалъаи Метс муҳосира шуд. Акнун Франсия ба Германия таҳдид намекард. Ин мағлубият дар айни вақт аз ҳалокати ҳокимияти империяи дуюм дарак медод.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Депеша*** – хабари таъҷилӣ.
***Ватерлоо*** – номи деҳа дар Белгияи имрӯза. Айнан дар ин деҳа 18-уми июни соли 1815 лашкари Наполеони I торумор шуда буд.

1. Аз чӣ сабаб рӯй додани ҷанги Франсия ва Пруссия муқаррар буд?
2. Дар соли 1868 кадом истилогарӣ содир шуд? Аз ин хусус нақл кунед.
3. Лашкари Франсия аз чӣ сабаб ба мағлубият дучор шуд?

1. Чаро инсоният ҳам дар асрҳои миёна ва ҳам дар даври нав аз ҷанг халос нашуд?
2. Чаро имрӯз ҳам дар рӯи Замин илоҷи пурра барҳам задани ҷанг ёфта нашуда истодааст?
3. Ҷадвали зеринро пур кунед.

| Р/т | Номи муҳорибаҳои асосӣ дар ҷанг | Оқибатҳои ҷангҳо |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |

Чӣ хел ташкил шудани империяи 1-ум ва 2-юмро дар таърихи Франсия ба ёд оред.

## § 4. Республикаи Сеюми Франсия ва табаддулоти давлатии 18-уми марти соли 1871

**Инқилоби 4-уми сентябр**

Аҳолии Париж хабари мағлубиятро шунида, 3-юми сентябр шӯриш сар кард. Онҳо эълон шудани республика ва ҳимоя кардани Ватанро талаб мекарданд. Бино ба талаби мардум Корпуси қонунбарори Франсия маҷбур шуда, рӯзи 4-уми сентябр афтидани ҳокимияти императорро эълон кард. Айни вақт Франсия Республика ҳам эълон шуд. Ин дар таърихи кишвар Республикаи Сеюм буд. (Дар Франсия республикаҳои 1-ум ва 2-юм кай ташкил шуда буд? Ба ёд оред).

Корпуси қонунбарор бо роҳбарии генерал Трошю ҳукумати муваққатии миллию мудофиавиро ташкил кард. Пруссия кӯшиш мекард,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE
http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ки то имкон ҳаст Франсияро хаста кунад. Он барои аз Франсия товони калон ситонидан ва вилоятҳои аз канданиҳо бойи Элзас ва Лотарингияро кашида гирифтан ҳаракат мекард. Акнун ҷанг барои Пруссия ба ҷанги истилогарона табдил ёфта буд. 19-уми сентябр Парижро ҳарбиёни Пруссия муҳосира карданд. Ҳукумати муваққатӣ ноилоҷ таслим шуд.

Дар моҳи феврали соли 1871 ба Маҷлиси Миллии Франсия интихоботи таъҷилӣ гузаронида шуд ва ҳукумати нав бо роҳбарии Тюер ташкил ёфт. Ин ҳукумат шартномаи сулҳи Франсия ва Германияро ба имзо расонд.

### Воқеаҳои 18-уми марти соли 1871

Мағлубият дар ҷанги зидди Пруссия ва шартномаи сулҳе, ки дар асоси шартҳои вазнин ба имзо расид, қаҳру ғазаби сокинони Парижро нисбат ба ҳукумат ба амал овард. Бар замми он, дар Париж мӯҳтоҷӣ, бекорӣ авҷ гирифта, нархи маҳсулоти озуқаворӣ хеле боло рафта буд. Ҳатто намояндагони табақаи миёна ҳам ба хонавайрон шудан сар карданд.

Нобоварии парижиён нисбат ба ҳукумат пайдо шуд. Баъд аз муҳосира аҳолиро барои пардохти қарз маҷбур намудан ва интихоби шаҳри Версал чун қароргоҳи ҳукумат боиси ин эътирозҳо шуданд.

Зиёда аз ин, Сарвазир Тюер фармон бароварда, Гвардияи миллиро бесилоҳ кард. Шаби 18-уми март лашкари ҳукумат ба Гвардияи миллӣ ҳамла овард. Ин ҳодиса аҳолии Парижро ба по хезонд. Онҳо лашкари ҳукуматро маҷбур намуданд, ки ақибнишинӣ кунад. Тюер дар бораи ба Версал кӯчонидани ҳукумат дастур дод. Меҳнаткашони Париж ҷавобан ба он шӯриш сар карданд. Онҳо бо Гвардияи миллӣ дар ҳамбастагӣ ҳаракат карда, ҷойҳои бисёр муҳими шаҳрро ишғол карданд. Дере нагузашта ҳам бинои ҳукумат, казармаҳои ҳарбӣ ва ҳамаи муассисаҳои давлатиро шӯришгарон ба дасти худ гирифтанд.

Ҳокимият дар Париж ба дасти Кумитаи марказии Гвардияи миллӣ гузашт. Ин кумита вазифаи ҳукумати муваққатиро иҷро мекард. Коргарон, рӯшанфикрон ва дигар намояндагони иштирокчии шӯриш идораҳои давлатиро сарварӣ мекардагӣ шуданд. 26-уми март ба Коммунаи Париж интихобот гузаронида, ҳамин тариқ Шӯрои Коммуна таъсис дода шуд. Ин шӯро аз ҷумлаи аъзоёни худ 10-то комиссия (вазорат) ташкил кард. Ҳамин тавр, шаҳри Париж ба давлати ба худ хоси хурдакак табдил ёфт. Ин давлат давлати меҳнаткашони Париж буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Коммунаи Париж якчанд тадбирҳои куллии иҷтимоиву иқтисодиро гузаронд. Аз ҷумла, корхонаҳоеро, ки соҳибонашон партофта рафта буданд, ба ихтиёри коргарони онҳо супурда шуд. Таълими маҷбурии бепул ҷорӣ гардид. Калисо аз давлат, мактаб аз калисо ҷудо карда шуд. Идораи бо кор таъмин намудани бекорон таъсис ёфт. Идораҳои роҳи оҳанро, ки мулки хусусӣ буданд, Коммуна ба ихтиёри худ гирифт ва назоратро бар истеҳсолот ҷорӣ кард. Аммо Коммуна дар фаъолияти худ ба хатоҳо низ роҳ дод.

*Аввалан,* ҳукумати аз Париж гурехтаи Тюерро таъқиб накард. Ин имкон дод, ки Тюер қувва ҷамъ карда, бар зидди Коммуна ҳуҷум кунад. Дар натиҷа лашкари ҳукумат Парижро муҳосира намуд.

*Сониян*, қисми боқимондаи мамлакат Коммунаро дастгирӣ накард. Ин натиҷаи тарғиботи нафратангези ҳукумат дар бораи он буд, ки гӯё коммуначиён ҳангоми аз тарафи душман ишғол шудани кишвар исён бардоштаанд. Онҳо „агар Коммуна пурра ғалаба кунад, деҳқононро аз молу мулк маҳрум менамояд“ гуфта тарсонданд.

*Сеюм,* Коммуна хазинаи давлат, банкҳоро пурра ба дасти худ нагирифт.

*Чаҳорум,* дар кори Шӯрои Коммуна оид ба сиёсати дохилӣ ваҳдату ягонагӣ мавҷуд набуд.

Германия барои торумори Коммуна ба ҳукумати Тюер ёрӣ расонид. Чунончи, Бисмарк 40 ҳазор нафар аскар ва афсарони асирафтодаро озод карда, ба ихтиёри ҳукумати Тюер фиристод.

**Мағлубшавии Коммуна**

Лашкари ҳукумат 21-уми май ба ҳуҷум гузашт ва он рӯз ба Париж зада даромад. Коммуначиён мардона ҷангиданд. қувваҳо нобаробар буд.

28-уми май Коммуна пурра торумор карда шуд. Қариб 30 ҳазор нафар коммуначиёни асирафтода парронда шуданд. 50 ҳазор нафарашон ба ҳабс гирифта шуданд. Дар байни онҳо ҳазорон занону духтарон ва бачаҳо ҳам буданд. Ҳамин тавр, ба Коммунаи 72 рӯза хотима гузошта шуд.

Баробари пахши Коммунаи Париж дар Франсия ба даври инқилобҳо низ хотима дода шуд. Оқибатҳои ҳалокати Коммуна исбот намуд, ки ҳокимият ва мардум дар асоси муросои байни ҳамдигарӣ ва манфиатнок бояд зиндагӣ кунанд.

**Шартномаи сулҳи Франкфурт**

10-уми маи соли 1871 дар шаҳри Франкфурти Германия байни Франсия ва Германия шартномаи сулҳ ба имзо расонда шуд. Мувофиқи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

он Франсия ба Германия ба миқдори 5 млрд. франк товон медодагӣ шуд. То пардохти ин товон Германия як қисми лашкарашро дар ҳудуди Франсия нигоҳ медошт. Ғайр аз ин, вилоятҳои Элзас ва Лотарингияи Франсия ба Германия гузашт.

***Коммунаи Париж*** – органи худидоракуни шаҳри Париж буд, ки вазифаи ҳокимияти қонунбарорро ба амал баровард, органи меҳнаткашон, ки онро дар моҳи марти соли 1871 ташкил карда буданд.

1. Дар Франсия чӣ гуна Республикаи Сеюм ташкил ёфт?
2. Оқибатҳои ҷангро барои Франсия ва Пруссия қиёс намоед.
3. Коммунаи Париж чӣ тавр ба вуҷуд омад?
4. Оид ба нақши Коммуна дар таърихи Франсия чиҳо гуфта метавонед?

1. Табаддулотҳои давлатӣ ва инқилобҳо чаро содир мешаванд?
2. Дар бораи фаъолияти Тюер иншо нависед.

## § 5. Ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии Франсия дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

**Аҳволи иқтисодӣ**

Дар чоряки охирини асри XIX инкишофи иқтисодии Франсия суст шуд. Чунончи, дар бобати истеҳсолоти саноатӣ дар дунё аз ҷои дуюм ба ҷои чорум фаромад. Хӯш, сабабҳои асосии сустшавии тараққиёти иқтисодии Франсия аз чиҳо иборат буд?

Аз сабаби он, ки дар Франсия саҳми истеҳсолоти молҳои майда калон буд, ба зиёд шудани ҳаҷми импорт нисбат ба экспорти молҳо оварда расонд. Ин дар навбати худ ба маҳдуд шудани бозори дохилӣ оварда расонд. Дар Франсия сарвати табиӣ кам буд. Ҷанг бо Пруссия ба Франсия зарари калони моддӣ ворид кард. Дар ин ҷанг Франсия 13 млрд. франк зарар дид. Дар айни вақт Франсия маҷбур шуд, ки ба Германия 5 млрд. франк товон диҳад. Вазъияти ногувори сиёсии дохилӣ ба ҳолати иқтисодӣ таъсири манфӣ расонд. Дараҷаи пасти имконияти харидории деҳқонон ба афзоиши истеҳсолоти саноатӣ таъсири манфӣ мерасонд. Франсия ба хориҷа сармояи зиёд баровարда буд. Он ба сармоядорон фоидаи калон меовард. Аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ин сабаб сармоядорон (капиталистон) сармояи худро ба хориҷа ва албатта бар ивази фоизи калон баровварданро афзал медонистанд.

**Мубориза барои ҳокимият**

Баъди тамом шудани ҷанги Пруссия дар байни доираҳои ҳукмрон мубориза барои ҳокимият авҷ гирифт. Онҳоро шартан ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин буд. Яке тарафдорони монархия, дигаре тарафдорони республика буданд. Соли 1873 ба Германия товон пурра супурда шуд. Ниҳоят, Германия лашкари худро аз Франсия берун баровард.

Республикачиён дар парламенти кишвар (Маҷлиси Миллӣ) аккалиятро ташкил медоданд. Вале, зидди монархия будани аксарияти аҳолӣ барои онҳо мадад буд.

Монархистон, ки дар Маҷлиси Миллӣ аксариятро ташкил мекарданд, гарчанд номзадҳои худро ду бор ба президентӣ интихоб карда бошанд ҳам, кӯшиш барои барқарор кардани монархия бенатиҷа поён ёфт. Дар муборизаи шадиди дохилии сиёсӣ дар ниҳояти кор республикачиён ғалаба карданд.

**Конститутсияи Республикаи Сеюм**

Соли 1875 Конститутсияи Республикаи Сеюм қабул карда шуд. Мувофиқи он лавозими президент нигоҳ дошта шуд. Дар айни замон парламенти (Маҷлиси Миллӣ) дупалатаи иборат аз Палатаи депутатҳо ва Сенат ташкил карда шуд. Муддати ваколати он 4 сол муқаррар карда шуд.

Маҷлиси муштараки ҳар ду палатаи парламент президенти кишварро ба муддати 7 сол интихоб мекард. Ҳокимияти иҷроия ба президент ва ҳукумат тааллуқ дошт. Президент ваколати таъин кардани вазирҳо, аз номи кишвар бурдани сиёсати хориҷӣ, инчунин, эълон кардани ҷанг ва сулҳ, эълони авфи умумиро бар зимма дошт.

Гарчанде аъзоёни ҳукуматро президент таъин менамуд, онҳо дар назди парламент ҷавобгар буданд. Суруди „Марселеза“ суруди миллии кишвар (гимн) эълон шуд. Рӯзи оғози инқилоби бузурги франсуз (соли 1789) – 14-уми июл Рӯзи ҷашни миллии халқи франсуз эълон шуд.

Чандин ҳуқуқу озодиҳое, ки он вақт аҳамияти калон дошт, эълон гардид. Хусусан, озодии матбуот ва гузаронидани ҷамъомадҳо, машғулшавӣ бо ташвиқоти сиёсӣ аз ҷумлаи он озодию ҳуқуқҳо буданд. Лекин ба занону духтарон ҳуқуқи интихобот дода нашуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Парламент*** (фр. – гап задан) – органи олии давлатии қонунбарор, ки дар асоси интихобот ташкил карда мешавад.
***Республика*** (лот. кори ҷамъиятӣ) – давлате, ки дар асоси интихоботи умумии шаҳрвандон идора карда мешавад.
***Монархия*** (юнонӣ) – яккаҳукмронӣ.

1. Бино ба кадом сабабҳо Франсия дар чоряки охирини асри XIX аз нигоҳи тараққиёти иқтисодӣ дар дунё ба ҷои 4-ум фаромад?
2. Чаро дар мубориза барои ҳокимият республикачиён ғалаба карданд?
3. Дар бораи мазмуни Конститутсияи Республикаи Сеюм чиҳоро дониста гирифтед?

1. Оиди хусусиятҳои аҳволи иқтисодии Франсия фикри худро баён кунед.
2. Мубориза барои ҳокимият чӣ гуна сурат гирифт?

## § 6. Сиёсати дохилии Франсия

**Сиёсати дохилии Республикаи Сеюм**

Ҳукумати республика дар сиёсати дохилӣ якчанд тадбирҳоро амалӣ намуд. Чунончи, дар солҳои 1881 – 1882 қонунҳои оид ба таълимро қабул кард. Мувофиқи он мактаб аз калисо ҷудо карда шуд. Дунёвӣ будани таълим таъмин шуд. Барои бачагони то 13-сола таълими бепули маҷбурӣ ҷорӣ гардид. Акнун дар мактабҳо таълим дар асоси барномаи махсуси давлатӣ ба роҳ монда шуд.

Дар омӯзишгоҳҳои олии педагогӣ тайёр намудани кадрҳои муаллимон ҷорӣ карда шуд. Дар барномаи таълими маҷбурӣ фанни гимнастика барои писарбачаҳо ҳатмӣ муқаррар гардид. Мақсад аз ин ҷавононро ба хизматиояндаи ҳарбӣ нағз тайёр кардан буд. Барои духтарон литсейҳо кушода шуданд. Дар муассисаҳои таълими олии махсус муаллимзанҳо тайёр карда мешуданд. Соли 1884 қонун дар бораи фаъолияти озоди иттифоқҳои касаба ва рухсат ба корпартоиҳо қабул карда шуд. Коргарони иттифоқҳои касаба ва биржаҳои меҳнати худро ташкил карданд. Онҳо ба коргарон ва корпартофтагон ғамхорӣ мекардагӣ шуданд.

Ба шӯроҳои маҳаллӣ ҳуқуқи интихоби раҳбарони худ дода шуд. То ин вақт онҳоро ҳокимияти марказӣ таъин мекард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

„Барои мамлакатҳои бой мустамликаҳо объекти (макони) мусоидтарини дохил кардани сармоя мебошанд. Ман мегӯям, ки...Франсия ҳамеша сармояи изофагӣ дошт, ба миқдори калон экспорт карда меомад. Замоне омад, ки ошкоро бигӯем: нажодҳои бузург нисбат ба нажодҳои паст ҳуқуқҳои алоҳида доранд“. (Иқтибос аз нутқи Сарвари ҳукумати Франсия Ж. Ферри дар палати депутатҳо дар соли 1885.)

**Аҳволи сиёсӣ**

Дар кишвар республика торафт пойдор мегардид. Дар интихоботи Сенати соли 1876 республикачиён ғолиб омаданд. То ин ҳодиса президент Мак-Магон, ки тарафдори идоракунии монархии давлат буд, маҷбур шуда истеъфо дод. Барқарорёбии бисёрҳизбӣ яке аз хусусиятҳои хоси ҳаёти сиёсии кишвар буд. Дар байни онҳо Ҳизбҳои радикалҳо, сотсиалҳо ва республикачиён нуфузи калон доштанд.

Дар ҳаёти сиёсии Франсия таъсири қувваҳои зидди демократия пурзӯр шуд. Чунончи, дар кишвар ғояҳои миллатчигӣ ва шовинизм васеъ паҳн шуда рафт. Тарафдорони ин ғояҳо боварӣ доштанд, ки танҳо бо лашкари тавоно Элзас ва Лотарингияро баргардонидан мумкин аст. Дар ҳаёти сиёсии дохилии Франсия фаъолияти анархистон ва монархистон пурзӯр шуд. Сарнагунсозии сохти мавҷуда мақсади онҳо буд. Анархистон барои расидан ба ин мақсад усули террори мубориазаро интихоб карданд. Аз ҷумла, онҳо ба бинои парламент бомба партофтанд. Соли 1894 ҳатто президенти кишвар Сади Карно низ кушта шуд. Контрразведкаи Франсия аз тарафи ҷосус ба Германия расонидани маълумоти махфиро дар бораи қувваҳои ҳарбии кишвар аниқ кард.

Хизмати махсус дар ин бобат аз капитан А. Дрейфус, ки миллаташ яҳудӣ буду дар Штаби генералӣ хизмат мекард, шубҳа бурд. Дере нагузашта ӯро ба ҷосусӣ айбдор дониста, ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашиданд. Аммо А. Дрейфус ҷосус набуд. Вале бо ёрии санадҳо ва гувоҳҳои сохта „ҷосус“ будани он фош карда шуд. Суди ҳарбӣ вайро ба бадарғаи якумра маҳкум намуд.

Қувваҳои сиёсӣ аз „кори Дрейфус“ барои пурзӯркунии ташвиқоти зидди демократия дар кишвар, авҷ гиронидани кайфияти миллатчигӣ ва шовинистӣ истифода бурданд.

Дар кишвар ҳанӯз одамоне, ки ба ҷосус набудани Дрейфус, фош нашудани ҷосуси ҳақиқӣ бовар доштанд, зиёд буданд. Онҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

барои фошкунии ҷосуси ҳақиқӣ тафтишро давом доданд. Ниҳоят, ҷосус аниқ шуд. Вай майори Штаби генералӣ Эстергази буд. Аммо, Штаби генералӣ ва шахсони марбути он фош шудани ин ҳақиқатро барои худ шармандагии калон ҳисобид. Лекин ин ҳақиқат сир шуда намонд. Он дар соли 1897 дар матбуот эълон шуд.

Қувваҳои демократии Франсия аз нав дида баромадани кори А. Дрейфусро талаб карданд. Қувваҳое, ки шарманда шуданро намехостанд, куштани гувоҳи сохтаро ташкил карданд. Эстергази аз Франсия гурехта рафт. Мубориза дар атрофи „кори Дрейфус“ дер давом кард. Дар ниҳояти кор, доираҳои ҳукмрон маҷбур шуда, ӯро ба озодӣ баровbooarданд. Аммо, ӯ на барои айбаш, балки бино ба „бадшавии саломатиаш“ озод карда шуд. А. Дрейфус фақат соли 1906 сафед карда шуд.

### Тағйирот дар ҳаёти иқтисодӣ

Дар ибтидои асри XX дар мамлакат барқарории мӯътадили сиёсӣ таъмин карда шуд. Ин ҳолат ба туфайли болоравии иқтисодие, ки аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри XIX оғоз ёфта буд, муяссар шуд. Дар ин давр Франсия дар бобати хусусан истеҳсоли оҳан аз ШМА ва Германия гузашта рафт.

Дар саноат соҳаҳои нав (электротехника, автомобил ва кимиё) зуд ривоҷ мекарданд. Дар натиҷа, саҳми аҳолие, ки дар саноат кор мекард, ба 36 фоиз расид. 40 фоизи аҳолӣ бо хоҷагии қишлоқ машғул буд.

Дар бобати экспорти Франсия пашм ҷои якум, матоъи пахтагин ҷои дуюмро, шоҳиворӣ сеюмро, винои франсузӣ ҷои чорумро ишғол мекард. Дар Франсия капитали молиявӣ зуд инкишоф ёфт. Имконияти ба хориҷа баровардани капитал афзуд. Дар ин бобат Франсия баъди Британияи Кабир ҷои дуюмро мегирифт. Франсия соли 1914 ба Россия, ба Британияи Кабир, ШМА, ба давлатҳои Америкаи ҷанубӣ ба миқдори 24 млрд. франк капитал баровард.

Ин сармояҳо ба Франсия аз ҳисоби фоиз на фақат даромади калон меовард, балки иттифоқчиёни сиёсиашро ҳам ба вуҷуд овард.

### Ҳаракати иҷтимоӣ

Аҳволи меҳнаткашони Франсия хеле вазнин буд. Онҳо рӯзе 10–12 соат, баъзан то 14–16 соат маҷбуран кор мекарданд. Меҳнаткашон барои ҳуқуқи худ ба мубориза бархестанд. Дар чунин шароит ташаккул додани ҳаракат хеле муҳим буд. Соли 1880 намояндагони созмонҳои коргарон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

„Ҳизби коргарии Франсия“-ро ташкил карданд. Дар айни вақт коргарон иттифоқҳои касаба ва биржаҳои меҳнатро ташкил карданд. Онҳо ба коргарон ва корпартофтагон ғамхорӣ зоҳир мекарданд.

Чунончи, мувофиқи Кодекси меҳнат барои бардоштани ҷароҳат ҳангоми кор пул мегирифтагӣ шуданд. Ҳафтае як рӯзи истироҳат ҷорӣ карда шуд.

Соли 1910 қонун дар бораи нафақа қабул шуд. Мувофиқи он аз 65-солагӣ ба нафақа баромадан мумкин буд (ин нишондод дар Германия ва Британияи Кабир 70-сола буд). Дар ҳаракати иҷтимоӣ ду ҷараёни сиёсӣ мавҷуд буд. Яке аз онҳо дигар сохтани ҷамъиятро бо роҳи парламент (ба воситаи ислоҳот), дигаре бо роҳи ғайриқонунӣ (шӯриши мусаллаҳона) тарафдорӣ мекарданд. Роҳи дуюм бо мурури замон таъсири худро гум кард.

***Анархизм*** (юнонӣ – беҳокимиятӣ, бесарусомонӣ) – таълимот дар бораи эътирофи хоҳишу ирода шахси алоҳида, рад кардани ҳар гуна ҳокимият ва сохти давлатӣ.

***Шовинизм*** – миллатчигии ашаддӣ, ки барои тафриқаандозии нажодӣ ва низои миллӣ мекӯшад.

***Реаксияи*** сиёсӣ – қувваи сиёсии тарафдори зидди тараққиёт, нигоҳ дошани тартиботи кӯҳнаи иҷтимоӣ.

1. Ҳукумати Франсия дар сиёсати дохилӣ кадом чорабиниҳои муҳимро дар амал татбиқ намуд?
2. Мақсади асосӣ аз ташкилдиҳии „кори Дрейфус“ чӣ буд?
3. Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар вазъияти иқтисодии Франсия чӣ гуна дигаргуниҳо рӯй доданд?
4. Меҳнаткашони Франсия дар натиҷаи муборизаҳояшон барои ҳаққу ҳуқуқҳои худ ба чиҳо муяссар гаштанд?

1. Дар ҳаракати иҷтимоии Франсия дар ниҳояти кор чаро роҳи ислоҳотомезонаи дигарсозии ҷамъият ғалаба кард?
2. Дар бораи Эстергази маълумот ҷамъ кунед ва эзоҳ диҳед.
3. Дар экспорти Франсия кадом соҳаҳо мавқеи аввал доштанд? Чаро?
4. Франсия ба кадом мамлакатҳо бештар капитал (сармоя) мебаровард? Эзоҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

http://eduportal.uz

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## § 7. Сиёсати хориҷии Франсия

**Аҳволи байналмилалии кишвар**

Аз солҳои 70-уми асри XIX аҳволи байналмилалии Франсия хеле заиф шуд. Франсия баъд аз талафотҳои вазнини ҷанги Пруссия мавқеъашро дар қитъаи Европа аз даст дод. Акнун Франсия аз ҳамлаи Германия ҳамеша хавф мебурд. Хусусан, шартномаи иттифоқии байни Германия ва Австрия-Венгрия мавқеи байналмилалии Франсияро боз ҳам бад кард. Дар чунин вазъият Франсия аз зиддиятҳои байни давлатҳои бузург моҳирона истифода бурда, барои васеъ кардани доираи мустамликаи худ имконият пайдо кард.

**Ташкилёбии империяи мустамликавӣ**

Аз охири солҳои 70-уми асри XIX теғи сиёсати мустамликахоҳӣ ба азхудкунии ҳудудҳои аввал истилошуда ва забти мустамликаҳои нав нигаронида шуд.

Истилои Туниси Африкаи Шимолӣ соли 1881 дар роҳи истилои мустамликаҳои нав қадами нахустин шуд. Германия дар роҳи забти Тунис ба Франсия махсус халал нарасонд. Мақсади вай тезутунд кардани муносибатҳои Франсия ва Италия буд. Чунки Германия хуб медонист, ки Италия низ аз даъвогарони Тунис аст.

Акнун Италия муносибатро бо Франсия бад карда, ба Германия наздик шудан гирифт. Ин қаробат дар ниҳояти кор дар соли 1882 ба иттифоқи ҳарбию сиёсии Германия ва Австрия-Венгрия, ки соли 1879 ташкил шуда буд, ба Италияро низ аъзо намудан оварда расонд. Ҳамин тавр, дар Европа иттифоқи ҳарбию сиёсие, ба вуҷуд омад, ки дар таърихи ҷаҳон бо номи „Иттифоқи сегона“ маълум аст.

Сиёсати истилогаронаи Франсия дар Африка бо ишғолкунии Тунис хотима наёфт. Баръакс, дар байни солҳои 1891 – 1896 Гвинея, Сенегал, Мадагаскар ва Мавритания ҳам забт карда шуд. Соли 1912 бар Марокаш протекторат ҷорӣ карда шуд.

Франсия дар Осиё низ мустамликаашро зиёд кард. Масалан, соли 1884 Ветнамро забт намуд. Аз байни даҳ сол гузашту дар Лаос ҳам протекторат барқарор гардид. Ҳамин тавр, империяи мустамликавии дорои 20 млн. нафар аҳолӣ ташкил шуд. Ба туфайли ин империяи мустамликавии Франсия ба манбаъҳои даромади калон соҳиб шуд.

**Наздикшавӣ бо Британияи Кабир**

Доираҳои ҳукмрони Британияи Кабир аз боловии нуфузи Германия дар Европа ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хавфи эҳтимолии аз он сарзананда дар ташвиш афтода буданд. Германия дар ин давр дар арсаи ҷаҳонӣ „зарурати ба китфи ҳамаи давлатҳо як хел пошида шудани нури офтоб“-ро даъво мекард. Ин маънои даъвогарӣ барои аз нав тақсимкунии мустамликаҳои се давлати бузурги мустамликадор – Британияи Кабир, Франсия ва Россияи подшоҳиро дошт. Ин даъво Франсияро низ ба ташвиш андохт. Барои Франсия аз ёфтани роҳи наздикшавӣ бо Британияи Кабир, ки то ин дам дар арсаи ҷаҳонӣ рақиби асосӣ буд, роҳи дигар набуд. Дар айни вақт қаробат бо Франсия ба манфиатҳои Британияи Кабир низ мувофиқ меомад. Чунки, ҳоло Германия дар майдони байналмилалӣ рақиби якуми вай гашта буд.

Ниҳоят, наздикшавии Франсияю Британияи Кабир рӯй дод. Ин наздикшавӣ бо имзои созишномаи байни ду тараф дар соли 1904 анҷом ёфт. Дар созишнома созиши онҳо оид ба мустамликаҳо инъикос ёфта буд. Аз ҷумла, Франсия ваъда дод, ки ба ҳаракати Британияи Кабир дар Миср минбаъд халал намерасонад ва зери таъсири Британияи Кабир будани Мисрро эътироф намуд. Дар навбати худ Британияи Кабир манфиатҳои Франсияро дар Марокаш тан гирифт.

Эҳтимолияти вазифаи худро иҷро карда натавонистани султони Марокаш ва агар чунин бошад, қисми бевосита ба гулӯгоҳи Гибралтар пайвастшудаи ҳудуди Марокашро ба Испания додан ҳам муқаррар карда шуд. Қисми боқимондаи Марокашро Франсия зери тасарруфи худ даровардан̄и шуд.

Барои Британияи Кабир гузаштани гулӯгоҳи Гибралтар на ба Франсия, балки ба давлати барояш нисбатан бехавфтар – Испания маъқул буд. Созишномаи дутарафаи соли 1904 аслан маънои имзо шудани шартномаи иттифоқи ҳарбию сиёсии байни Британияи Кабир ва Франсияро дошт.

**Наздикшавӣ бо Россия**

Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX муносибатҳои байни Россияю Австрия-Венгрия беш аз пеш бад шуда рафт. Бархӯрдани манфиатҳои ду давлат барои нимҷазираи Балкан ба тезутунд шудани муносибатҳо сабаб шуд.

Ташкилшавии итттифоқи ҳарбию сиёсии Германия ва Австрия-Венгрия дар соли 1879 ва ба ин иттифоқ аъзошавии Италия вазъиятро боз ҳам мушкил сохт. Дар чунин шароит наздикшавии



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Франсия ва Россия ҳолати табиӣ буд. Россия, ки боз ҳам пурзӯршавии Германияро намехост, дар роҳи ҷанги нави Германия зидди Франсия монеъгӣ мекард. Ташкилёбии „Иттифоқи сегона“ дар соли 1882 Франсия ва Россияро барои наздикшавӣ водор намуд. Ниҳоят, соли 1891 байни ду давлат созишномаи иттифоқӣ имзо гардид. Мувофиқи он, агар ба яке аз тарафҳо аз хориҷ ҳуҷум содир гардад, ҳар ду тараф дар як вақт сафарбарии ҳарбӣ бояд эълон мекарданд.

Соли 1907 Россия ба иттифоқи ҳарбию сиёсии Британияи Кабир ва Франсия, ки соли 1904 ташкил шуда буд, ҳамроҳ шуд. Ҳамин тариқ, Антанта ба вуҷуд омад ва давлатҳои мустамликадори Европа ба ду иттифоқи ҳарбию сиёсӣ ҷудо шуда рафтанд.

1. Франсия, ки яке аз давлатҳои пешқадами қитъаи Европа буд, бино ба кадом сабабҳо мавқеъашро аз даст дод?
2. Империяи мустамликавии Франсия чӣ хел ташкил ёфт?
3. Омилҳое, ки маҷбур сохтанд Франсияро бо Британияи Кабир ва Россияи подшоҳӣ наздик созанд, чӣ хел ҷиҳатҳои монанд ва ба худ хос доштанд?

1. Чаро давлатҳое, ки дирӯз бо ҳам муносибатҳои бад доштанд, бо мурури вақт бо ҳам иттифоқчӣ ё баръакс, давлатҳое, ки бо якдигар муносибатҳои нек доштанд, рақиби якдигар шуданд?
2. Дар бораи муносибатҳои Франсияю Германия иншои мухтасар нависед.
3. Антанта чӣ гуна пайдо шуд? Эзоҳ диҳед.

## § 8. Германия дар охири асри XIX – ибтидои асри XX. Ташкилёбии империя

**Ба охир расидани муттаҳидшавӣ**

Дар ҳоле, ки ҷанги байни Франсия ва Пруссия давом мекард, 18-уми январи соли 1871 монархҳои ҳамаи давлатҳои германӣ дар Версал ҷамъ омада, шоҳи Пруссия Вилгелми I-ро императори Германия эълон карданд. Яъне Германия бори дуввум империя эълон шуд. (Ба хотир оред: Германия бори аввал кай империя эълон шуда буд?) Ҳамин тариқ, бо роҳнамоии монархияи Пруссия, ки 2/3 қисми ҳудуди тамоми Германия дар он ҷой гирифта, 60 фоизи аҳолӣ дар он зиндагӣ мекард, ҷараёни муттаҳидшавии Германия ба охир расид. Империяи яклухт ва ягонаи Германия барпо карда шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Конститутсияи соли 1871-уми империя**

Соли 1871 рейхстаги империя конститутсияи умумгерманиро қабул кард. Империяи Германия давлати иттифоқчиён шуда монд. Элзас–Лотарингия чун „вилояти махсуси империя“, ки аз тарафи ҳоким (штатгалтер) идора мешуд, ба таркиби империя дохил шуд. Ҳокимро худи император таъин мекард. Баъзе давлатҳои мансуб ба империя конститутсияҳои худ, муассисаҳои намояндагиашонро (ландтагҳо) нигоҳ доштанд.



**Отто фон Бисмарк**

Мувофиқи конститутсия Шӯрои иттифоқ (Бундестаг) ва Рейхстаг муассисаи олии намояндагии империя буд. Дар конститутсия роли гегемонии Пруссия дар Германияи ягона мустаҳкам карда шуд. Император ҳақ дошт, ки ҷанг эълон кунад, сулҳ бандад, дар муносибатҳои байналмилалӣ аз номи империя кор барад. Дар айни вақт ӯ саркӯмондони қувваҳои мусаллаҳи Германия ҳам буд. Император ҳуқуқи бо ихтиёри худ даъваткунии сессияҳои Рейхстаг ва Шӯрои Иттифоқ, кушодани онҳо, пароканда намудан ё муддати онҳоро дароз кардан, таъин кардани канслери империя ва аз вазифа озод намудани онро дошт. Мувофиқи конститутсияи соли 1871 император дар як вақт шоҳи Пруссия низ ба ҳисоб мерафт.

Ба лавозими канслери нахустини империяи Германия Отто фон Бисмарк таъин шуд. Вай дар бобати идоракунии давлат таҷрибаи бой дошт, қариб дар давоми 20 сол (1871–1890) ҳукумати кишварро идора кард. Бисмарк дар таърихи Германия бо лақаби „канслери оҳанин“ маълум аст.

Рейхстаг мувофиқи конститутсия, дар асоси ҳуқуқи интихоботи умумӣ ба муддати панҷ сол интихоб мешуд. Лекин ҳуқуқи интихобӣ ба ном умумӣ буд. Ғайр аз хизматчиёни ҳарбӣ фақат мардоне, ки солашон ба 25 расидааст, аз ҳуқуқи интихобот истифода мебурданд.

**Инкишофи иқтисодии Германия**

Дар солҳои 70–80-ум иқтисодиёти Германия хеле равнақ намуд. Маҳсулоти саноатии он ба бозорҳои ҳамаи қитъаҳо дохил шуда буд. Хӯш, кадом омилҳо сабабгори пешравии иқтисодӣ шуданд?

Муттаҳидшавии Германия омили асоситарин буд. Дар натиҷаи ин якшавӣ бозори ягонаи дохилӣ ба вуҷуд омад. Яъне, монеаҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

гумрукӣ гирифта шуданд. Пул, воҳидҳои ченак ва вазни ягона ҷорӣ карда шуданд.

Омили дуюм тороҷкунии Франсия буд. Франсия дар давоми 3 сол маҷбур шуд 5 млрд. франк товон диҳад. Кони оҳани Лотарингия ва кони ангиштсанги Саар, ки ба он ҳамроҳ карда шуд, барои равнақи саноати вазнини Германия хеле аҳамияти калон дошт.

Омили сеюм, тадбиркорони Германия аз таҷрибаи дигар давлатҳо муваффақиятомезона истифода бурданд. Дар истеҳсолот технологияи пешқадам ва дастовардҳои илму техника ҷорӣ карда шуд. Хусусан, содда гардонидани ҳосилкунии фосфор аз тарафи Томсон барои пешравии босуръати саноати Германия имконияти калон фароҳам овард. Чунки Германия макони асосии кони фосфор буд.

Омили чорум, ҳарбикунонии босуръати саноат ба инкишофи истеҳсолот таъсир накарда намонд. Як қисми товони аз Франсия ситонидашуда барои фармоишҳои ҳарбӣ сарф карда шуд.

Ин омилҳо сабаб шуданд, ки Германия аз давлати аграрӣ ба давлати индустриалӣ табдил ёбад. Германия дар бобати саноати кимиё дар ҷаҳон ба мақоми якум баромад. Он дар бобати истеҳсоли оҳан ва пӯлод баъд аз ШМА ба ҷои дуюм баромад. Истеҳсоли чӯян дар соли 1912 то 17,6 млн. тонна афзуд.



**Ҷараёни ҷамъкунии тӯпҳо дар заводи Шнайдер.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Баробари инкишофи саноат истеҳсолот торафт дар корхонаҳои калон ҷамъ шуд. Дар айни вақт мутамарказ кардани истеҳсолоти саноатӣ пурзӯр шуд. Масалан, истеҳсоли ангиштсанг, чӯян ва пӯлод ба дасти асосан 4-то монополия ғун шуда буд. Дар соли 1914 истеҳсолоти саноатии Германия нисбат ба соли 1871 ҳафт баробар афзуд.

Дар бобати истеҳсолоти саноатӣ Германия дар дунё баъд аз ШМА ҷои дуюмро ишғол кард. Соҳаи кишоварзӣ ҳам бо суръати баланд тараққӣ мекард.

***Бундестаг*** (Шӯрои Иттифоқ) – палатаи болоии парламенти Германия.
***Рейхстаг*** – палатаи поёнии парламенти Германия.
***Канслер*** – Сарвазир.

1. Германия кай бори аввал империя эълон шуда буд?
2. Дар бораи ҷараёни муттаҳидшавии Германия чиҳо донista гирифтед?
3. Мақомоти (органҳои) олии ҳокимияти давлатии империяро номбар кунед.
4. Кадом омилҳо сабабгори тараққиёти босуръати иқтисодии Германияро таъмин карданд?

1. Дар бораи Отто фон Бисмарк реферат тайёр кунед.
2. Дар бораи муносибатҳои Республикаи Федеративии Германия ва Республикаи Ӯзбекистон дар шароити имрӯза маълумот ҷамъ кунед.

## § 9. Сиёсати дохилии империя

**Сиёсати дохилӣ**

Дар соҳаи сиёсати дохилӣ ба пруссиякунонии Германия эътибори алоҳида дода мешуд. Далели равшани ин: мувофиқи конститутсияи империя танҳо шоҳони Пруссия императори Германия шуда метавонистанд.

Дар ҳудудҳое, ки аз Полша ва Франсия ба Германия гузашта буданд, низ сиёсати пруссикунонӣ татбиқ карда шуд. Мактабҳо ба забони полякӣ баста шуданд. Ҷавобан ба он соли 1906 беш аз 100 ҳазор нафар бачаҳои поляк аз мактабравӣ сар тофтанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳукумати Бисмарк барои суст кардани таъсири калисои католикӣ якчанд чорабиниҳо гузаронд. Қонуни махсус қабулшуда дар соли 1872 дар ин роҳ аҳамияти калон дошт. Мувофиқи он мактаб аз калисо ҷудо шуд. Ташвиқоти сиёсӣ бурдани рӯҳониён манъ карда шуд. Давлат корҳои тайёркунии кадрҳои рӯҳонӣ, ба вазифа таъин намудани онҳоро ба дасти худ гирифт.

Корҳои бақайдгирии ҳолати шаҳрвандӣ (таваллуд, никоҳ, вафот) ба ихтиёри идораҳои дунявӣ гузашт. Тадбирҳои зидди таъсири калисои католикӣ, ки Бисмарк амалӣ намуд, номи „Културкампф“ (Мубориза барои маданият)-ро гирифт.

Ҳукумати Бисмарк дар айни вақт сиёсати бераҳмона пахш намудани ҳаракати коргарӣ ва сотсиалистиро пеш бурд. Дар ин давр обрӯву таъсири Ҳизби сотсиал-демократии Германия (ҲСДГ), ки соли 1875 ташкил ёфта буд, хеле боло рафта буд.

Соли 1878 қонуни фавқулоддаи зидди сотсиалистҳо („Қонуни зидди кӯшишҳои хавфноки сотсиал-демократҳо“) қабул гардид. Барои қабули ин қонун ташкили дубораи суиқасд ба император Вилгелми I баҳона шуд. Ин суиқасдро сотсиалистҳо ташкил накарда буданд. Сарфи назар аз он, Бисмарк онҳоро чун вайронкунандагони тартиботи ҷамъиятӣ шуморид. Ин қонун дар амал фаъолияти ҳизбро манъ кард. Қонун гарчанде барои 2,5 сол қабул шуда буд, он 12 сол амал кард.

Ҳукумати Бисмарк нағз медонист, ки танҳо бо таъқибкуниҳо барқарории сиёсии кишварро таъмин кардан мумкин нест. Вай зарурати қабул кардани қонунҳои оид ба коргаронро қайд кард ва ба он муваффақ ҳам шуд. Масалан, қонунҳои оид ба дода шудани суғурта ҳангоми бемор шудан, ҷароҳат гирифтан, пиронсолӣ ва қобилияти кориро аз даст додан аз ҷумлаи онҳо буд. Коргароне, ки 70-сола мешуданд, ҳуқуқи аз тарафи давлат гирифтани нафақаро доштанд.

Вилгелми I соли 1888 вафот кард. Тахтро Вилгелми II-и 28-сола (188 – 1918) ишғол кард. Аз ӯ ҳар гуна рафтору кирдорро мунтазир шудан мумкин буд. Вай ҳокимиятро бо ҳеҷ кас, ҳатто бо Бисмарк бо ҳам дидан намехост ва барои яккаҳукмронӣ ҳаракат мекард.

Соли 1889 Бисмарк дар назди рейхстаг масъалаи қонуни доимии зидди сотсиалистҳоро гузошт. Аммо рейхстаг ин талабро рад кард. Император ҳам Бисмаркро дастгирӣ накард. Бисмарк инро нисбати



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

худ ҳақорат дониста, соли 1890 ба истеъфо баромад. Ҳукумати нав қонуни фавқулоддаро бекор кард.

ҲСДГ ба шароити ошкорои фаъолият гузашт. Ҳизб сиёсати ҳимоя намудани манфиатҳои меҳнаткашонро давом дод. Вай ба яке аз ҳизбҳои пурзӯри оммавӣ табдил ёфт. Дар натиҷа, аз соли 1891 сар карда рӯзи якшанбе рӯзи истироҳат эълон шуд. Меҳнати бачаҳои аз 13-сола хурд манъ карда шуд. Барои занону духтарон рӯзи кори 11-соата муқаррар шуд.

**Аҳволи соҳаи кишоварзӣ**

Дар соҳаи кишоварзӣ қариб 25 фоизи заминҳои кишти шудгоршаванда дар дасти юнкёрҳо (хоҷагии қишлоқ) буд. Онҳо дар бобати хоҷагидорӣ ба истифодаи меҳнати кироя гузашта буданд. Дар айни замон ба истифодаи самарабахши техникаи кишоварзӣ эътибори алоҳида медоданд. Аз нуриҳои маъданӣ низ васеъ истифода мебурданд.

Истифодаи васеи техникаи хоҷагии қишлоқ барои ба шаҳрҳо омадани қувваҳои изофагии корӣ оварда расонд. Ин ҳам барои бо қувваи корӣ таъмин намудани саноати ривоҷёбанда роҳи васеъ кушод.

Ин омил ҳам барои дар муддати кӯтоҳи таърихӣ аз давлати аграрӣ ба давлати тавонои индустриалӣ табдил ёфтани Германия нақши ба худ хос бозид.

**Мубориза барои манфиати меҳнаткашон**

Германия гарчанде пеш рафта буд, коргарони ин мамлакат нисбат ба коргарони ШМА ва Британияи Кабир музди ками корӣ мегирифтанд. Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1900 – 1903 ба афзоиши сафи бекорон, кӯтоҳшавии соати корӣ оварда расонд.

Дар оқибати он аҳволи моддии коргарон хеле вазнин шуд. Дар чунин шароит ҲСДГ манфиати коргарони бо роҳи парламентӣ ҳимоя намуд. Дар интихоботи парламентии соли 1912 ин ҳизб 34, 8 фоизи овозро гирифт. Ин муваффақият ҳукуматро ҳам водор кард, ки онро эътироф намояд. Дар натиҷа музди корӣ каме бошад ҳам зиёд шуд. Аммо коргарон муборизаро дар ин маврид бас накарда буданд. Онҳо акнун талаб карданд, ки рӯзи кории 8-соата ҷорӣ карда шавад.

ҲСДГ усули мубориза барои манфиати коргаронро бо роҳи осоишта ба воситаи парламент интихоб карда буд. Ин роҳи яке аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

сабақҳои дурусти аз Коммунаи Париж гирифташуда буд. Дар заминаи тактикаи мубориза парламентии ҲСДГ мақсади бо роҳи ислоҳот ҳал намудани муаммоҳои рӯзмарраи ҷамъият баён шуда буд. Ин роҳ муросову мадорои шаҳрвандонро низ дар назар дошта буд.

1. Мазмуни ибораи „Пруссикунонии Германия"-ро эзоҳ диҳед.
2. „Културкампф" чист?
3. Бисмарк чаро истеъфо дод?
4. ҲСДГ дар роҳи мубориза барои манфиати меҳнаткашон ба кадом муваффақиятҳо ноил шуд?

1. Хоҷагии қишлоқи мамлакат чӣ гуна инкишоф менамуд? Бо дигар давлатҳо муқоиса кунед.
2. Манфиати коргарон аз тарафи киҳо ҳимоя карда шуд?
3. Ҳокимияти имрӯзаи Германияро кадом ҳизб идора карда истодааст? Инро аниқ намоед.

## § 10. Сиёсати хориҷии империя

### Даъвогарӣ барои аз нав тақсимкунии дунё

Дар ҳоле, ки Британияи Кабир ва Франсия соҳиби мустамликаҳои калон буданд, Германия ин гуна мустамликаро надошт. Доираҳои ҳукмрони Германия бо талаби „офтоб ба китфи ҳама як хел бояд нур бипошад" ба майдон баромаданд.

Бисмарк вазифаи пурзӯр кардани таъсири Германия дар арсаи ҷаҳониро дар назди худ чун вазифаи муҳим гузошта буд. Бисмарк лашкари аз нав ташкилшудаи Франсияро лашкари қасосгиранда гуфта ҳисобид. Аз ин рӯ Германия барои ҷанг бо Франсияи ҳоло пурзӯрнашуда саросема мешуд. Аммо Россия ва Британияи Кабир ҳам пурзӯршавии Германияро намехостанд.

Бисмарк аз бурдани ҷанг дар ду фронт метарсид. Дар чунин шароит ӯ барои худ иттифоқчӣ меҷуст ва онро тез пайдо кард. Он империяи Австрия-Венгрия буд. Соли 1879 Германия бо Австрия-Венгрия иттифоқ баст. Соли 1882 ба ин иттифоқ Италия низ ҳамроҳ шуд. Ин боиси тезутундшавии муносибати Франсия бо Италия гардид. Аз ҷумла, Франсия соли 1881 Тунисро, ки ба он Италия даъво дошт, забт кард. Дар ин ҳол империяи Австрия-Венгрия дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

нимҷазираи Балкан бо Россия рақобат дошт. Ҳамин тариқ, се қувваи ҳаммаслак як шуда, соли 1882 иттифоқи ҳарбӣ – „Иттифоқи сегона“-ро ташкил намуданд. Ҳамин тавр, Германия ба коалитсияе, ки бар зидди Франсия ва Россия нигаронида шуда буд, сарвар шуд. Бисмарк Россияро дар роҳи амалӣ намудани нақшаҳояш садди асосӣ мешуморид.

Лекин Бисмарк дарк карда буд, ки ҷангидан дар ду фронт, яъне ҳам бар зидди Франсия, ҳам бо Россия кори осон нест.

Соли 1981 ташкилоти шовинистии „Иттифоқи Германӣ“ ташкил шуд. Шиори он „Шоҳ бар Пруссия, Пруссия бар Германия, Германия бар саросари дунё“ буд.

### Экспансияи мустамликадории Германия

Германия баробари тайёрӣ ба ҷанги Европа ба забти мустамликаҳо низ камар баста буд. Соли 1882 савдогарони Бремен ба бухтаи Ангра – Пекени воқеъ дар соҳили ҷанубу ғарбии Африка омаданд. Онҳо бар ивази 200 то милтиқи кӯҳна ва 2000 марка аз сардори қабилаи маҳаллӣ замини калонро харида гирифтанд. Дере нагузашта Германия ин ҷоро протекторати худ эълон кард. Ба Африка амалдорон ва аскарон фиристода шуд. Аҳолии маҳаллӣ бар зидди ҳаракатҳои забт кардани заминҳои нав муқобилияти сахт нишон дод.

Германия ҳудудҳои Того ва Камеруни воқеъ дар қисми миёнаи Африкаро, қисми шимолии Гвинея ва ҷазираҳои ҳамсояи онро ишғол кард. Ҳудудҳои қисми шарқии Африка ва Занзибарро забт намуд. Ин ҷойҳо „Африкаи Шарқии Германия“ ном гирифтанд.

Вилгелми II „тарғиботгар“ ва татбиқкунандаи фаъоли сиёсати истилогаронаи доираҳои ҳукмрони Германия шуда баромад. Дар охири солҳои 90-ум як қисми музофоти Шандуни Хитой забт шуд. Он вақт Германия дар уқёнуси Ором ҷазираҳои Каролина, Мариана ва як қисми ҷазираи Самоаро ишғол карда буд. Дере нагузашта вай ҷазираҳои Маршаллро ҳам гирифт. Барои пайвастани баҳри Балтика ва баҳри Шимолӣ канали Кил сохта шуд. Рейхстаг барои сохтмони флоти ҳарбӣ барномаи калонро қабул кард. Ин қадам муносибатҳоро бо Британияи Кабир боз ҳам тезутунд намуд. Даъво кардани Марокаш муносибатро ба Франсия низ бад кард.

Доираҳои ҳукмрони Германия „моро дар Африка бе ҳеҷ чиз гузоштанд“ гуфта, онро аз ҳисоби Шарқи Наздик пур кардани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шуданд. Онҳо нияти ишғолкунии Осиёи Хурд, Сурия, Байнаннаҳрайн ва Фаластинро доштанд. Чунки дар ин ҷойҳо конҳои азими нефт, ғалла ва ашёи хоми пахта буд. Ба ташаббуси банкир Сименси немис нақшаи сохтмони роҳи оҳани байни Берлин ва халиҷи Форс кашида шуд.

Соли 1889 Вилгелми II бо нияти зиёрати „қабри ҳазрати Исо“ ба Фаластин рафт. Ҳангоми сафар бо султони Туркия вохӯрда, аз рӯи нақша оид ба сохтани роҳи оҳани аз Босфор ба воситаи Осиёи Хурд ба Бағдод ва аз он ҷо то халиҷи Форс гуфтугӯ намуд. Ин роҳ дар таърих бо номи „Роҳи оҳани Бағдод“ дохил шуд.

Ба халиҷи Форс даромадани немисҳо ба манфиатҳои Британияи Кабир футур мерасонд. Аз ин боис, барои роҳ надодан ба амалӣ шудани нақшаи „Роҳи оҳани Бағдод“ протекторати худро дар Қувайт ҷорӣ кард. Сарфи назар аз ин, байни давлати Усмонӣ ва Германия оиди сохтмони роҳи оҳан шартномаи охирин имзо шуд. Дар ин шароит Германия ба мусаллаҳкунӣ низ зӯр дод. Сафи қувваҳои мусаллаҳ хеле афзуд. Рейхстаг барои сохтмони киштиҳои ҳарбӣ ва флоти зериобӣ маблағи калон ҷудо мекард.

Аммо ташкилёбии Иттифоқи байни Британияи Кабир, Франсия ва Россия дар соли 1907 аҳволи хориҷии Германияро мушкил карда монд.

**Муносибатҳои Германия ва давлати Усмонӣ**

Дар охири асри XIX муносибатҳои Германия ва давлати Усмонӣ хеле наздик шуданд. Давлати Усмонӣ дар симои Германия халоскори худро медид.

Хӯш, ба ин чӣ сабаб шуд? Давлатҳои бузурги Европа мисли Британияи Кабир, Франсия ва Россия барои ишғол намуда, ба таркиби империя дохил кардани ҳудудҳои давлати Усмонӣ мекӯшиданд, ба ин ё он ҳудудҳои империя чашм ало менамуданд, давлати Усмонӣ дар симои онҳо душмани умумиро медид.

Россия ба гулӯгоҳҳои Босфор ва Дарданелли тобеи давлати Усмонӣ, ки онҳо Баҳри Сиёҳро бо Баҳри Миёназамин мепайвастанд, ҳамчунин ба шаҳри Истанбул даъво дошт. Бинобар ин дар чунин шароит Германия аз назари давлати Усмонӣ ягона давлате буд, ки ба ҳудудҳои ин империя даъво намекард.

Барои тоб овардан ба тазйиқи давлатҳои бузург барои давлати Усмонӣ Германия барин иттифоқчӣ зарур буд. Барои Германия сохтани роҳи оҳани Бағдод дар оянда имконияти соҳибӣ намудани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шарқи Наздикро медод. Аз ин сабаб, Германия Туркияро ҳам молиявӣ, ҳам аз нигоҳи ҳарбӣ дастгирӣ мекард.

Ин наздикшавии байни ду давлат, дар ниҳояти кор давлати Усмониро дар ҳолати худаш даркнакарда ба вассали Германия табдил дод. Акнун, давлати Усмонӣ мехост ё намехост дар Ҷанги якуми ҷаҳон, ки фаро мерасид, маҷбур буд, ки ба тарафи Германия истода биҷангад.

**Муқаррарии ҷанг**

Дар солҳои 90-уми асри XIX ҳудудҳои истилонамудаи Германия аз ҳудуди худаш қариб панҷ баробар калон буд.

Чунки, аввалан, даъвоҳои ҳукмрони Европа шудани Германия авҷ мегирифт.

Сониян, Германия дар бозори ҷаҳонӣ ба рақиби асосии Британияи Кабир табдил ёфт.

Сеюмин, талаби он оид ба аз нав тақсимкунии Африка муносибатҳояшро бо Франсия ва Британияи Кабир боз ҳам тезутунд карда буд.

Чорумин, хурӯҷи Германия ба Балкан, Шарқи Наздик, Миёна ва Дур чунон фаъол шуд, ки ин фаъолият дар таърих бо номи „ҳуҷум ба Шарқ“ („Grang nach osten“) дохил шуд.

Акнун, доираҳои ҳукмрони Германия аз ин дунёи рӯшан ҷой талаб менамуданд. Дар айни замон, аз ҳама низоъҳои байналмилалӣ ба фоидаи худ кор медидагӣ шуданд. Масалан, манфиатҳои Россияи подшоҳиро дар нимҷазираи Балкан писанд накарда, сиёсати Австрия-Венгрияро дастгирӣ мекард.

Экспансияи Германия дар ҳамаи нуқтаҳои дунё ба манфиатҳои Британияи Кабир дахолат кард ва ба муқовимати он дучор омад.

Императори Германия Вилгелми II шиори „Ояндаи Германия дар баҳр аст“-ро эълон намуд. Ин шиор маънои зарурати ташкил кардани флоти баробар ба флоти ҳарбии Британияи Кабирро дошт.

Германия аз нигоҳи қудрати флоти ҳарбии баҳрӣ ба ҷои дуюм баромада буд. Барои амалӣ намудани мақсадҳои император кори сохтани киштиҳои ҳарбӣ авҷ дода шуд.

Соли 1905 Штаби генералии қувваҳои мусаллаҳи Германия нақшаи ҷангидан дар ду фронт – ҳам дар Ғарб, ҳам дар Шарқ (зидди Россия)-ро тартиб дод.

Германия дар бобати тайёрӣ ба ҷанг ҳам аз нигоҳи ҳарбӣ, ҳам иқтисодӣ ва ҳам мафкуравӣ аз рақибони худ пеш рафта буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Коалитсия*** (лотинӣ – муттаҳид) – иттифоқи муваққатии ҳарбию сиёсии ду ва аз он зиёд давлатҳо бар муқобили як ё якчанд давлат.

***Экспансия*** (лотинӣ – васеъ намудан) – сиёсатҳои давлатҳои бузург барои забти ҳудудҳо ва бозорҳои дигарон, соҳибӣ намудани манбаъҳои ашёи хом, васеъ намудани доираҳои таъсири сиёсӣ ва иқтисодӣ.

1. Мақсади асосии сиёсати хориҷии Германия аз чӣ иборат буд?
2. Иттифоқи ҳарбию сиёсии Германия, Австрия-Венгрия ва Италия чӣ гуна ташкил ёфт?
3. Чаро Германия ақаллан бо яке аз давлатҳои бузурги Европа, мисли Британияи Кабир, Франсия ва Россия шартномаи иттифоқӣ имзо карда натавонист?
4. Ба Ҷанги якуми ҷаҳон зӯр зада тайёрӣ дидани Германияро бо мисолҳо асоснок намоед.
5. Дар бораи муносибатҳои имрӯзаи Республикаи Федеративии Германия ва Франсия маълумотҳо гирд оваред.

1. Дар бораи мақсади асосии „Иттифоқи Германӣ“ реферат тайёр кунед.
2. Аз харита истифода намуда, мустамликаҳои Германияро аниқ кунед ва ба онҳо эзоҳ диҳед.
3. Ибораи „Роҳи оҳани Бағдод“-ро эзоҳ диҳед.
4. Чаро Германия бо давлати Усмонӣ наздик шуд?

## § 11. Аҳволи сиёсию иқтисодии Британияи Кабир дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

### Сохти сиёсии мамлакат

Британияи Кабир дар ин давр ҳам монархияи конститутсионӣ буд. Аммо, дар тафовут аз Германия дар ин давлат ҳокимияти шоҳ (корол) нақши асосӣ намебозид. Шоҳони Британияи Кабир сарвари давлат буданду халос. Онҳо давлатро дар амал идора намекарданд. Идоракунии сиёсати дохилию хориҷии давлат дар дасти ҳукумати парламент ташкилдода буд.

Дар Британияи Кабир кадом ҳизб (партия) дар интихоботи парламент ғолиб ояд, ҳамон ҳизб ҳукумат ташкил мекард. Дар кишвар сохтори пурқуввати дуҳизбӣ (дупартиявӣ) қарор ёфта буд, яке



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

аз онҳо Консерваторҳо, дигар Ҳизби либералҳо номида мешуд. Такягоҳи асосии Ҳизби консерваторҳо заминдорони калон ва калисои англиканӣ, такягоҳи асосии Ҳизби либералҳоро намояндагони синфи миёна ташкил медоданд.

Агар Ҳизби консерваторҳо ба анъанаҳои худ содиқ монда бошанд, Ҳизби либералҳо бо ташаббусҳои гузаронидани ислоҳотҳо тибқи тақозои замон фарқ карда меистоданд. Аммо манфиатҳои ягона ҳам буданд, ки онҳоро муттаҳид месохтанд. Асоси муштаракоти ин манфиатҳоро сайъю ҳаракат барои нигоҳ доштани мавқеи Британияи Кабир чун давлати азим дар дунё, боз ҳам васеъ кардани империяи мустамликавӣ, то ҳадди имкон аз бозорҳои дунё танг карда баровардани рақибони худ ташкил медоданд.

Дар миёнаҳои асри XIX дар Британияи Кабир асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пойдор шуд. Онҳо дар озодии сухан, гузаронидани намоишҳо, матбуот ва монанди инҳо ифодаи худро меёфтанд. Инчунин, имтиёзҳои табақавӣ бекор шуданд. На аз кадом табақа будани инсон, балки озодӣ, қобилият, мустақилӣ, индивидуалии шахс дар мадди аввал гузошта шуд.

Ба туфайли ислоҳоти парламентии соли 1867 сензи мулкии интихобкунандагон кам карда шуд. Дар натиҷа 50 фоизи мардон ҳуқуқи овоз додан пайдо карданд.

Намояндаи либералҳо У. Гладстон чаҳор маротиба лавозими сарвазириро ишғол кард. Дар замони сарвазирии ӯ солҳои 1864–1874 ҳукумат якчанд ислоҳотро амалӣ намуд. Масалан, ба тред-юнионҳо ҳуқуқи ҳимоя дар суд дода шуд. Инчунин, барои кор партофтан рухсат дода шуд. Усули овоздиҳии пӯшида дар интихоботи парламент ҷорӣ гардид. Ислоҳоти мактаб гузаронида шуд.

Дар замони сарвазирии Б. Дизраели низ якчанд чорабиниҳои муҳим дида шуд. Масалан, соли 1875 вақти кори 54 соата дар як ҳафта муқаррар шуд. Бачаҳои аз 10-сола хурдро ба кор ҷалб кардан манъ шуд. Соли 1911 бори дигар ислоҳоти парламентӣ гузаронида шуд. Ин ислоҳот дар роҳи инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд қадами муҳим шуд.

**Ақибмонӣ дар тараққиёти иқтисодӣ**

Дар чоряки охирини асри XIX Британияи Кабир аз нигоҳи иқтисодӣ ақиб монданро сар кард. Дар Британияи Кабири замоне „Устохонаи ҷаҳон“ ном гирифта дар охири асри XIX – ибтидои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

асри XX ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ 2 баробар, саҳми савдои хориҷӣ 70 фоиз кам карда шуд. Дар бобати истеҳсолоти саноатӣ ба ҷои сеюм фаромад. Мақоми устохонаи дунё будани кишвар дар гузашта монд. Сабаби асосии он, аввалан, асосан ба хориҷа баровардани капитал буд. Сармоядорони англис дар мустамликаҳо сохтани заводу фабрикаҳо ва дигар корхонаҳоро афзал донистанд. Чунки мустамликаҳо манбаи арзони ашёи хом ва меҳнати кироя буданд. Ба метрополия овардани онҳо хеле гарон меафтид.

Ба хориҷа баровардани капитал даромади калон меовард. Масалан, даромад аз он нисбат ба даромади савдои беруна 5 баробар зиёд буд. Дар натиҷаи давидан аз думболи даромад корхонаҳои худи Британияи Кабир дар вақташ бо техника ва технологияи замонавӣ ҷиҳозонида нашуданд. Дар натиҷаи он маҳсулоти саноатии Британияи Кабир рақобатбардоштии худро паст карданд. Молҳои Германия ва ШМА молҳои Британияи Кабирро дар ҳамаи бозорҳои дунё танг карданд. Чунки, молҳои Германия ва ШМА ҳам хушсифат, ҳам арзон буданд. Аз ин боис, дар тӯли 20 сол, яъне аз солҳои 80-ум сар карда то ибтидои асри XX экспорти Германия ба Британияи Кабир 41 фоиз афзуд. Дар ҳоле, ки экспорт аз ШМА беш аз ду баробар афзуд.

Ғайр аз ин, давлатҳои ҷавони тараққиёбанда ба молҳои англисӣ боҷи калон ҷорӣ карда буданд. Британияи Кабир ҳамоно ба анъанаи савдои бебоҷ содиқ монда буд.

Сониян, дар шароите, ки барои аз нав тақсим кардани дунё дар арсаи байналмилалӣ мубориза авҷ мегирифт, Британияи Кабир маҷбур шуд хароҷоти ҳарбиро зиёд кунад.

Сарфи назар аз ин, Британияи Кабир аз нигоҳи иқтисодӣ давлати тавоно буд. Лондон ҳамоно маркази молиявии дунё буд. Дар савдои ҷаҳонӣ ҳанӯз ҳисобу китоб дар асоси воҳиди пули Британияи Кабир (фунт стерлинг) амалӣ мегашт.

Гарчанде капитализми англис дар соҳаи саноат аз мақоми якум маҳрум шуда буд, имконияти гирифтани даромади хеле калонро нигоҳ дошт. Вай ба ин бо роҳи нигоҳ доштани бозорҳои калон дар мустамликаҳои хеле бекanoраш ноил шуд. Ғайр аз ин, баробари аз даст рафтани бартарии саноатии Британияи Кабир аз ҳукмронии монополӣ дар бобати савдои миёнаравии дунё, суғурта, банк ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

киштисозӣ маҳрум нашуда буд. Буржуазияи Британияи Кабир ин ҳукмронии монополиро ба туфайли империяи мустамликавиаш дер вақт нигоҳ дошта тавонист.

***Капитал*** (лотинӣ – сар, асосӣ) – сармоя; маҷмӯи воситаҳо ва маблағе, ки ба соҳибаш даромад меорад. Яъне, қимате, ки аз худ зиёд шуда боз ҳам гарон мешавад, пуле, ки пул меёбад.

1. Аз донише, ки дар фанҳои оид ҳуқуқшиносӣ гирифта будед, такя карда, ибораи „Сохти сиёсӣ" ва ҷамъияти демократӣ"-ро эзоҳ диҳед.
2. „Низоми пурзӯри дуҳизбӣ" гуфта чиро мефаҳмед?
3. Монархияи конститутсиявӣ чист?
4. Сабабҳои дар тараққиёти иқтисодӣ мавқеи пешқадамиро аз даст додани Британияи Кабирро дар чоряки охири асри XIX эзоҳ диҳед.

1. Ибораи „Устохонаи ҷаҳон"-ро эзоҳ диҳед.
2. Дар бораи ислоҳоте, ки дар Британияи кабир гузаронида шуд, реферат нависед.

## § 12. Сиёсати дохилии Британияи Кабир

**Муаммои Ирландия**

Яке аз муаммоҳои ҷиддии сиёсати дохилии Британияи Кабир муаммои Ирландия буд. Деҳқонони Ирландия, ки заминро ба иҷора гирифта рӯз мегузарониданд, аҳволи хеле вазнин доштанд. Чунки лендлордҳои Британия заминҳоро аз они худ карда буданд. Аксари ирландиягиҳо аз думболи зиндагӣ ба Америка кӯчида рафтанд. Дар оқибати гуруснагӣ, марг ва кӯчида рафтан шумораи аҳолӣ кам шуд.

Соли 1875 депутати парламенти Британияи Кабир аз протестантҳои Олстер, заминдори калон Парнелл талаб кард, ки дар бораи ба Ирландия дода шудани мухторият қонун (гомрул) қабул карда шавад. Ӯ ҳамчунин дар атрофии худ ҳамҷамъият – гурӯҳи мухолифати ирландиро муттаҳид кард, ки он гузаронидани ислоҳоти аграриеро талаб намуд, ки ин ислоҳот қатъияти иҷора, аз рӯи инсоф гирифтани пули иҷора, аз даст ба даст озод гузаштани замини ба иҷора гирифташударо имконпазир мегардонд.

Мухолифат тахти раҳнамоии Парнелл ба кувваи бонуфуз табдил ёфт. Ташкилоти оммавии деҳқонони Ирландия бо номи „Лигаи



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

замину об“ такягоҳи он мухолифат шуд. Ҷавобан ба пеш карда шудани иҷоракорон аз заминҳояшон „Лигаи замину об“ бар зидди заминдорони калони Британия дар Ирландия террори оммавиро сар карданд. Дар айни замон, бойкоти молҳои Британия пурзӯр карда шуд.

Ҳукумати Британияи Кабир соли 1881 ба ирландиҳо ба ҷои гомрул „Акти замину об“-ро пешниҳод кард. Дар ин санад ташкили комиссияе дар назар дошта шуд, ки он аз рӯи адолат муайян шудани миқдори иҷорапулӣ ба муддати 15 сол ва ба иҷорачиён ҳуқуқи ба дигар шахс додани майдони заминро таъмин мекард.

„Лигаи замину об“ ин тартибро қабул накард ва бойкотро давом дод, ҳатто маъракаи тарсонидани помешикҳои британиягиро сар кард ва гомрулро талаб намуд. Ҳукумат ҷавобан ба он таъқибро авҷ гиронд. Парнелл ба ҳабс гирифта шуд. „Лигаи замину об“ манъ гардид.

Ин кирдори ҳукумати Британияи Кабир рехтани рӯған ба оташ буд. Деҳқонони ирланд бино ба даъвати Парнелл аз пардохти пули иҷора сар тофтанд. Ба ҷои „Лигаи замину об“-и манъшуда „Лигаи занону духтарон“ ташкил шуд. Ба вай ташкилотхои миллатгаро ва ҷанговари „Баҳодурони нури моҳ“, „Писарони сафед“, „Баҳодурони шикастнопазир“ ҳамроҳ шуданд.

Дар Ирландия хавфи ошкорои ҷанги дохилӣ пайдо шуд. Баъд аз он ҳукумати Британияи Кабир ба Парнелл ва тарафдорони ӯ созишро таклиф намуд. Соли 1881 бо Парнелл созишнома имзо шуд. Аз рӯи он деҳқонони иҷорачии ирланд пули иҷора бояд супурда, бойкотро бас мекарданд, заминдорони калон бошанд, қарзи иҷорачиёнро бояд мебахшиданд.

Аммо роҳи муросои Парнелл гурӯҳҳои хурди террористии Ирландияро фаъол кард. Соли 1882 дар Дублин статс-секретар оид ба корҳои Ирландия ва лорд-ҳокими Ирландия кушта шуд. Политсияи Британия таъқиб ва терророро сар кард. Ҷавобан ба ин ҳодиса мавҷи „террори аграрӣ“ дар деҳоти ирланд сар шуда рафт.

Ниҳоят, соли 1886 ҳукумат қарор карда, гомрул дод. Аммо онро парламент рад намуд. Дар чунин шароит як қисми буржуазияи Ирландия талаб кард, ки ба Ирландия мухторият дода шавад. Як қисми доираҳои савдою саноатии буржуазияи Ирландия оид ба таъмини мустақилии иқтисодии Ирландия чандин талабҳои сахтро гузошт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Раҳбари ин гурӯҳ А. Гриффит соли 1905 ҳизби „Шинфейн“ („Мо худамон“)-ро ташкил кард. Вай таъсиси парламенти мустақили худи Ирландияро ташвиқ мекард. Бойкоти молҳои Британия пурзӯр карда шуд. Ҳукумат маҷбур шуд соли 1912 ба парламент лоиҳаи нави қонуни оид ба гомрулро пешниҳод кунад. Аммо парламент ин дафъа низ онро тасдиқ накард. Дар натиҷаи он вазъи сиёсии Ирландия боз ҳам мураккаб шуд. Аммо ҷанги ҷаҳонии соли 1914 сарзада парламентро маҷбур сохт, ки қонуни оид ба гомрулро тасдиқ намояд. Чунки дар шароити ҷанг барқарории дохилии сиёсӣ чун обу ҳаво зарур буд.

**Ислоҳоти парламентии соли 1911**

Соли 1911 дар Британияи Кабир оид ба гузаронидани ислоҳоти парламент қонун қабул шуд. Ин қонун ҳуқуқи вето гузоштани палатаи болоӣ – палатаи лордҳоро маҳдуд кард. Акнун палатаи поёнӣ – палатаи ҷамоа агар лоиҳаи ягон қонунро се маротиба маъқул донаду палатаи лордҳо онро тасдиқ накунад, эътибор пайдо менамуд. Палатаи лордҳо аз ҳалли масъалаҳои молиявӣ ҳам дур карда шуд. Муддати ваколати парламент 5 сол ва ба депутатҳо маош муқаррар карда шуд.

Меҳнаткашони Британияи Кабир барои ҳуқуқи худ ҳамеша мубориза бурдаанд. Дар ҳаракати коргарии кишвар тред-юнионҳо (иттифоқҳои касаба) нақши калон доштанд. Аъзоёни онҳо сол то сол меафзуд.

**Ҳаракати иҷтимоӣ**

Тред-юнионҳои Британияи Кабир роҳи парламентии муборизаро авло медонистанд. Қонун ба коргарон ҳуқуқи корпартоиро дода буд. Аммо зарари рӯзҳои корпартоиро ба корхона тред-юнионҳо медоданд.

Ин қоида дар амал усули мубориза бо корпартоиро ба нестӣ баровард. Тред-юнионҳо барои таъсиси ҳизби (партияи) худ камар бастанд. Ин ҳизб соли 1900 ташкил шуд ва он аз соли 1906 бо номи Ҳизби лейбористҳо маълум аст.

Ҳизби лейбористҳо бо роҳи парламентӣ ҳимоя намудани ҳуқуқи коргаронро мақсади худ эълон кард. Раҳбари ҳукумати либералҳо Д. Ллойд-Жорж „Таъсисёбии ҳизби лейбористҳо хатои ҳукумати Либералҳо“ гуфта афсӯс мехӯрд. Баъди таъсиси ин ҳизб дар интихоботи якум 29 нафар намояндааш мандати депутатӣ гирифт.

Пастравии суръати тараққиёти иқтисодӣ ба болоравии нархи маҳсулоти истеъмолӣ оварда расонд. Ин маҷбур мекард, ки коргарон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

кор партоянд. Соли 1911 корпартоии калон рӯй дод. Корпартоии 6 ҳафтаи ангиштканҳо ҳукуматро маҷур сохт, ки чораҳо андешад. Аз ҷумла, қонун „Дар бораи маоши ҳаддалақал“ қабул шуд. Мувофиқи он акнун тред-юнионҳо зарар аз корпартоиро ба корхона намедоданд.

Агар коргар дар ҷараёни истеҳсолот бино ба ҳодисае ҷароҳат бинад, хӯҷаини корхона ба ӯ нафақа медод. Ба шахсони 70-сола нафақа таъин шуд. Барои кончиҳо рӯзи кории 8-соата муқаррар шуд. Суғуртаи беморӣ ва бекорӣ ҷорӣ карда шуд.

Хулоса, доираҳои ҳукмрони Британияи Кабир дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳон ба нармтар кардани муаммоҳои дохилии сиёсӣ ва муттаҳид кардани мардум муваффақ шуданд.

***Гомрул*** – худидоракунӣ (дар Ирландия).
***Бойкот*** – рад, инкор кардан.

1. Муаммои Ирландия чӣ хел пайдо шуд?
2. Дар бораи муборизаи халқи ирланд барои истиқлол чиҳоро дониста гирифтед?
3. Оё қонуни оид ба гомрулро қабул накардан мумкин буд?
4. Дар бораи ислоҳоти парламентии Британияи Кабир дар соли 1911 нақл кунед.
5. Оид ба таъсис ёфтани Ҳизби лейбористҳо чиҳоро дониста гирифтед?
6. Британияи Кабир Ирландияро кай забт карда буд?

1. Маънои гомрулро фаҳмонед.
2. Фаъолияти ташкилоти „Лигаи замину об“-ро омӯзед.
3. Ташкилоти „Шинфейн“ кадом корҳоро ба амал баровард?
4. Соли 1911 чӣ гуна ислоҳот гузаронида шуд?

## § 13. Сиёсати хориҷии Британияи Кабир

**Давлати дорои мустамликаи аз ҳама бисёр**

Гарчанде тараққиёти иқтисодии Британияи Кабир нисбат ба ШМА ва Германия паст рафта буд, аз нигоҳи ҳарбӣ ҳанӯз ҳам давлати пурқудрати дунё монда буд. Флоти пурқудрати ҳарбии Британияи Кабир онро дар баҳр ба давлати ягонаи ҳукмрон табдил дода буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба туфайли ин қудрат, Британияи Кабир аз охири асри XIX сар карда дар қитъаҳои гуногуни дунё ҳудудҳои калонро забт намуд ва ба мустамликаи худ табдил дод.

Дар охири асри XIX ҳудудҳои мустамлика намудаи он 33 млн. км. мураббаъро ташкил медод. Дар онҳо наздики 370 млн. нафар зиндагӣ мекарданд.

Даромаде, ки аз мустамликаҳо меомаданд, қисми калони фоидаро ташкил медод.

Муаррихони он давр дар бораи аҳамияти мустамликаҳо барои Британияи Кабир образнок карда чунин навишта буданд: „Ҳиндустон барои поидани Британияи Кабир модарандар аст. Миср бошад тоҷест, ки ба сари империяи Британия пӯшонда шудааст“.

**Ташкилёбии империяи мустамликадорӣ**

Яккаҳукмронии Британия дар бахр дар суруди миллии кишвар (гимн) низ ифодаи худро ёфта буд. Писарон ва духтарони Британияи Кабир сатри зерини „Британия, баҳрҳоро ром куну ҳукмронӣ намо!“-ро мағрурона ичро мекарданд.

Пастравии мавқеи Британияи Кабир аз нигоҳи иқтисодӣ чун яке аз давлати пешқадам онро ба истилои мустамликаҳои нав ба нав ҳидоят кард. Дар айни вакт, он дар мустамликаҳои пешинааш мавқеашро боз ҳам мустаҳкам карданӣ шуд.

Пеш аз ҳама соли 1875 аз ҳукумати Миср 45 фоизи аксияҳои канали Сувайшро, ки барои баромадан аз баҳри Миёназамин ба уқёнуси Ҳинд имкон медод, харида гирифт. Дере нагузашта, аксияҳои каналро аз дасти шахсони хусусӣ харид. Ҳамин тавр, назорати роҳҳои баҳрии ҷониби Ҳиндустон пурра ба ихтиёри Британия гузашт.

Соли 1876 Британия маликаи худ Викторияро императори Ҳиндустон эълон кард. Ҳамин тариқ, империяи Британияи Кабир ташкил шуд. Акнун Британияи Кабир империя, парламенти он бошад, парламенти империя гуфта ба забон гирифта мешуд.

**Британияи Кабир ва империяи Россия**

Британияи Кабир мақсад дошт, ки Осиёи Миёнаро ҳам забт карда гирад. Дар чунин вақт империяи Россия ҳам даъвои ин минтақа мекард. Мақсади империяи Россия Осиёи Миёнаро забт намуда, ба Афғонистон баромадан ва бо ҳамин роҳ ба Ҳиндустон бевосита таҳдид карда, дар ниҳояти кор дар бобати масъалаҳои байнламилалӣ Британияи Кабирро таслим кардан буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба истилои давлатҳои Осиёи Миёна сар кардани империяи Россия Британияи Кабирро ба ташвиш наандохта намонд. Аммо дар ниҳояти кор ҳар ду давлат барои манфиатҳои худ муросо карданд. Яъне, Россия аз таҳдид ба Ҳиндустон, Британияи Кабир аз нияти забт кардани Осиёи Миёна даст кашид. Афғонистон ҳудуде гардид, ки вазифаи теғи баргардонандаи манфиатҳои ду давлати бузургро иҷро менамуд.

Боз як ҳудуде буд, ки манфиатҳои Британияи Кабир ва Россия ба ҳам бархӯрданд: ин нимҷазираи Балкан, инчунин гулӯгоҳҳои Босфор ва Дарданелли тобеи давлати Усмонӣ, ки баҳри Сиёҳро бо баҳри Миёназамин мепайваст ва шаҳри Истанбул буд. Қисми маълуми халқҳои нимҷазираи Балкан дар охирҳои асри XIX зери асорати Усмониён буданд.

Ҳаракати империяи Россия барои мустаҳкам кардани мавқеаш дар Балкан, кӯшиши давлати Усмонӣ барои зери асорати худ монондани халқҳои славяни Балкан соли 1877 ба ҷанги байни Россия ва давлати Усмонӣ оварда расонд. Дар ин ҷанг Россия ғалаба карда, давлати Усмониро маҷбур намуд, ки шартномаи сулҳи Сан-Стефанорo имзо намояд. Аммо, Британияи Кабир, ки пурзӯр шудани Россияро намехост, дар конгресси сарварони давлатҳои бузург дар Берлин маҷбур намуд, ки шартномаи Сан-Стефано аз сари нав дида шавад. Дар конгресс қарорҳои зидди манфиатҳои халқҳои славян қабул карда, давлати Усмонӣ сахт ҳимоя карда шуд. Давлати Усмонӣ бар ивази ин хизмат ба фоидаи Британияи Кабир аз ҷазираи Кипр даст кашид.

Вале, бо мурури вақт Британияи Кабир муносибати душманонаашро нисбати Россияи подшоҳӣ дигар кард. Барои ин болоравии қудрати ҳарбии Германия ва ба мустамликаҳои Британияи Кабир чашм ало кардани вай сабаб шуд. Давлатҳои аз ҳам пурзӯри мустамликавӣ Британияи Кабир ва Россия мустамликаҳои худро бо Германия ба ҳам дидан намехостанд. Акнун ин ду давлат бар зидди хавфи душмани умумӣ роҳҳои бо ҳам наздик шуданро меҷустанд.

### Мустамликаҳо дар Африка

Британияи Кабир ба забти мустамликаҳои калони дорои захираҳои бои табиии Африка сар кард. Аз ҷумла, соли 1882 Мисрро истило кард. Дар солҳои оянда Нигерия, Сомали, Кения, Уганда ҳам забт карда шуд.

Соли 1899 бар зидди Республикаи Бур, ки онро авлоди муҳоҷирони аз Голландия, Франсия ва Германия ба Африка омада идо-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ра мекарданд, ҷанг сар шуд. Соли 1902 Республикаи Рур (Республикаҳои Трансваал ва Оранж) таслим шуд.

Британияи Кабир тамоми заминҳои дар Африкаи Ҷанубӣ истилокардаашро ба макони ягонаи Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ муттаҳид намуд.

**Аҳволи байналмилалии Британияи Кабир**

Пурзӯршавии рақобати давлатҳои бузург барои бозорҳо ва мустамиликаҳо аҳволи Британияи Кабирро дар арсаи байналмилалӣ хеле вазнин кард. Хусусан, зиддияти байни Германия ва Британияи Кабир шиддат гирифт. Дар чунин шароит Британияи Кабир дар мубориза зидди Германия маҷбур шуд, ки бо дигар давлатҳо забон як кунад. Соли 1901 ҳуқуқи сохтани канали Панамаро ба ШМА дод. Бо Япония, Франсия ва Россия наздик шуд.

Британияи Кабир ҳанӯз ҳам ба корҳои дохилии дигар давлатҳо дахолат мекард. Чунончи, инқилоби солҳои 1905 – 1911-и Эронро пахш кард. Дар Хитой қувваҳои зидди инқилоби 1911-ро дастгирӣ кард.

Дар айни замон, Британияи Кабир зери тазйиқи буржуазияи миллие, ки дар мустамликаҳои англисҳо ҷойгузин шуда буданд, маҷбур шуда ба ин мустамликаҳо ҳуқуқи худидоракуниро (доминион) дод. Австралия, Зеландияи нав ва Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ ба ҳуқуқи доминион ноил шуданд (соли 1866 ин ҳуқукро Канада гирифта буд).

1. Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX давлати аз ҳама калони мустамликавӣ будани Британияи Кабирро бо далелҳо асоснок намоед.
2. Империяи мустамликавии Британияи Кабир чӣ хел ташкил ёфт?
3. Дар бораи муносибатҳои Британияи Кабир ва Россия чиҳоро дониста гирифтед?
4. Доминионҳои Британияи Кабир ба кадом ҳуқуқҳо соҳиб шуданд?

1. Ҷумлаи „Ҳиндустон барои парвариши Британияи Кабир модарандар аст. Миср бошад тоҷест, ки ба сари империяи Британия пӯшонда шудааст“-ро шарҳ диҳед.
2. Кай ташкил ёфтани империяи Британияи Кабирро таъриф диҳед.
3. Оид ба муборизаи Россия ва Британияи Кабир барои Осиёи Миёна маводҳои иловагӣ ёфта, реферат тайёр кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

БОБИ III

# ДАВЛАТҲОИ АМЕРИКА ДАР ДАР ОХИРИ АСРИ XIX–ИБТИДОИ АСРИ XX

## § 14. Штатҳои Муттаҳидаи Америка

**Тараққиёти иқтисодӣ**

Баъди ҷанги дохилӣ ташаккули бозори ягонаи дохилӣ, хотима гузоштан ба ғуломдорӣ, бекор шудани латифундияҳои ғуломдорӣ, бисёр будани заминҳои серҳосил ваканданиҳои фоиданок, дарёҳои сероб ва ҷангалзорҳои бепоён, тадбиркории мардум барои тараққиёти босуръати иқтисодии Америка сабаб шуданд. Дар он вақт давлатҳои ҳамсояи ШМА (Канада ва Мексика) заиф буданд. Ин ҳолат ШМА-ро аз хароҷоти иловагии ҳарбӣ халос кард. Ғайр аз ин, аксари одамони ба ШМА омада, дар амал мутахассисони баландмалака буданд.

Дар байни солҳои 1870 – 1914 ба ШМА 25 млн. нафар кӯчида омаданд. Ин ҳам омили муҳим инкишофи ШМА шуд. Ҳамчунин, норасоии мунтазами қувваи корӣ барои дар истеҳсолот васеъ ҷорӣ кардани техника ва технологии нав роҳ кушод. Ин хел омилҳо сабабгори гул-гулшукуфии ШМА гардиданд.

Сӣ соли охири асри XIX барои таърихи ШМА суръати баланди тараққиёт ва бисёр воқеаҳои муҳими иқтисодию сиёсӣ хос аст. Агар соли 1860 ШМА аз нигоҳи ҳаҷми маҳсулоти саноат дар дунё мақоми 4-умро ишғол карда бошад, соли 1894 ба мақоми якум баромад. Соли 1894 маҳсулоти саноати ШМА баробар ба ними маҳсулоти Европаи Ғарбӣ ва нисбат ба Британияи Кабир ду баробар зиёд буд.

Ташкилёбии бозори калони дохилӣ дар ШМА барои тараққиёти капитализм аҳамияти калон дошт. Барои ин дар соҳаи кишоварзӣ татбиқ шудани „роҳи америкоӣ“-и тараққиёти капитализм (аз ҳисоби васеъкунии майдонҳои зироат зиёд кардани маҳсулот, бо суръати баланд аз худ кардани ҳудудҳои ғарбии кишвар, зудтар сохтани роҳҳои оҳан ва афзоиши зуди аҳолӣ аз ҳисоби иммигратсия ёрии калон расонд.

Дар болоравии саноати ШМА капитали Европа ҳам нақши муҳим бозид. Давлатҳои Европа ба ШМА дар соли 1890 ба миқдори 3 млрд. доллар капитал даровараданд. ШМА дар бобати содироти капитал аз Британияи Кабир, Франсия ва Германия ақиб монд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Мутамарказсозии истеҳсолот**

Дар ибтидои асри XX ҷараёни мутамарказ сохтани истеҳсолоти кишвар ва як шудани капитали банкӣ бо капитали саноатӣ давом кард. Арзиши маҳсулоти саноатӣ дар соли 1909 аз 20 млрд. доллар гузашт. Дар замони Ҷанги якуми ҷаҳон дар ШМА чунин миқдор ангиштсанг, чўян ва пўлод истеҳсол карда шуд, ки он ба миқдори дар Британияи Кабир, Франсия ва Германия истеҳсолшуда баробар буд. ШМА дар бобати ҳамаи соҳаҳои саноат дар дунё ба ҷои якум баромад. Дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот трестҳо ташкил шуданд. Сулолаҳои тавонои „шоҳон“-и чунин соҳаҳои саноат, аз қабили пўлод, нефт, мис, электр пайдо шуданд. Форд ба шоҳи соҳаи автомобил табдил ёфт.

Соли 1901 Морган соҳиби 1 млрд. доллар сармоя шуда, тfærсти калони „Корпоратсияи пўлод“-ро ташкил кард. 90 фоизи маҳсулоти нефт, садҳо киштиҳои дар уқёнус шинокунанда ба трести „Standart oyl“-и Рокфеллер тааллуқ доштанд.

Ба соли 1914 омада сармоядороне, ки 2 фоизи аҳолиро ташкил медоданд, 60 фоизи сарвати миллиро хўҷаинӣ мекардагӣ шуд.

**Дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаи кишоварзӣ**

Моҳияти дигаркунии куллиро дар кишоварзӣ беш аз пеш ҷои меҳнати дастиро гирифтани техника ташкил мекард. Дар байни солҳои 1860 – 1910 шумораи фермерҳо дар ШМА 3 баробар афзуд.

Заминҳои соҳаи кишоварзӣ аз 160 млн. гектар ба 352 млн. гектар расид. Дар ин кишвар хонаводаҳое мисли дар Европаи Ғарбӣ, заминдорони калон чун дар кишварҳои Шарқ, калисоҳои соҳиби мулкҳои калон набуд.

Техникаҳои соҳаи кишоварзи зуд-зуд ихтироъ мешуданд. Мошини хошокро пресскунанда, комбайнҳои ғалладарав ва ордкунанда, техникаи коранда, буранда, пўсттозакунак, заминнармкунак, нурипошак, картошкакор, коххушккунак, инкубаторҳои паррандаҳои хонагӣ аз қабили онҳо буданд. Комёбиҳои илму техника ҳам дар кишоварзӣ васеъ истифода мешуд.

Аз Африкаи Шимолӣ ҷуворимаккаи серҳосил, аз Россия ғалла, аз Туркистон беда ва дигар намуди растаниҳо ба ШМА оварда, маҳаллӣ карда шуданд ва аз онҳо ҳосили баланд мегирифтанд. Аз ҳисоби кушодани заминҳои нав зиёд намудани маҳсулот „роҳи америкоӣ“-и пеш бурдани соҳаи кишварзӣ ном гирифт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Аҳволи ҷануб** Дар ҷануби кишвар баъд аз ҷанги дохилӣ дигаргуниҳо ба амал омаданд. Ғуломдорӣ хатм ёфт. Аҳолӣ фаъол шуд. Соли 1870 ба Конститутсияи ШМА тағйирот дохил карда шуд. Бинобар он сарфи назар аз нажод, ранги пӯст, ё собиқ ғулом будан барои дар интихобот иштирок кардан ҳар гуна маҳдудият бекор карда шуд. Ба таркиби ҳукумати штатҳои ҷануб намояндагони аҳолии сиёҳпӯст ҳам дохил шуданд. Шабакаи мактабҳои давлатӣ ташкил шуд. Сохтори одилонаи андоз ҷорӣ гардид. Қонунҳои таҳқири нажодӣ бекор карда шуд. Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ демократӣ гардиданд. Барои пиронсолон, ногиронҳо ва ятимон созмонҳои хайрия ташкил карда шуданд.

Соли 1872 конгресс оид ба собиқ исёнчиёни Ҷануб эълон кардани авфи умумӣ қонун қабул кард. Дар айни замон қариб 500 нафар сарварони исён барои кор дар вазифаҳои давлатӣ манъ карда шуданд. Ин ҳолат барои барқарор кардани тартиботи кӯҳна мубориза сар кардани плантаторҳо баҳона шуд. Дар ҷануб ташкилотҳои нажодпарастию террористӣ монанди „Ку-клукс-клан“ сар бардоштанд. Қасосгирӣ аз рӯшанфикрони тараққипарвар ва „Судҳои Линч“ ба ҳодисаи оддӣ табдил ёфт. Ҷануби кишвар барои аҳолии сиёҳпӯст „маҳбусхона“ шуда монд. Пеш аз интихоботи президент фақат ду штат (штатҳои Каролинаи Ҷанубӣ ва Луизиана) дар дасти республикачиён монду халос.

**Сохтори духизбият** Дар ШМА республикаи пурқудрати президентӣ қарор ёфт. Дар баробари он сохтори мустаҳками дуҳизбият (дупартиявӣ) реша давонд.

Ҳизби демократӣ ҳангоми ҷанги дохилӣ аз зарбаҳои хӯрдааш ба худ омада, ба ҳизби манфиатҳои заминдорони калон, фермерҳои бой, буржуазияи Ҷануб ва саноатчиёни Шимол, молиячиёнро ҳимоякунанда табдил ёфт. Ҳизби республикачиён ҳизби саноатчиён ва молиячиёни калон ба ҳисоб мерафт.

Буржуазияи Америка аз сохтори дуҳизбият моҳирона истифода бурд. Агар дар сари ҳокимият республикачиён бошанд, демократҳо ҳукуматро танқид мекарданд, худро чун ҳомии манфиатҳои мардум нишон медоданд, аксарияти норозиёнро ба тарафи худ мекашиданд. Агар демократҳо ғалаба кунанд, нақши ҳизби мухолифро республикачиён мебозиданд. Ин омил дар амал барои таъсиси ҳизби сеюм садди роҳ мегардид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Корпоратсия*** (лотинӣ – иттиҳодия) – иттиҳодияи саҳҳомии (аксиядории) монополистӣ.
***Латифундия*** (лотинӣ) – замини калон.
***Ку-клукс-клан*** – ташкилоти нажодпарасти террористӣ.
***Суди Линч*** – бе ягон суд ва бепурсиш ҷазо додани сиёҳпӯстон ва иштироккунандагони ҳаракати демократӣ дар ШМА.

1. Кадом омилҳо сабабгори инкишофи пуравҷи ШМА гардиданд?
2. Дар бораи ба давлати пешқадами дунё табдил ёфтани ШМА далелҳои исботкунанда оред?
3. Моҳияти дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаи кишоварзии ШМА аз чиҳо иборат аст?
4. Нажодпарастӣ чӣ гуна пайдо шудааст? Оид ба оқибатҳои нохуши он мисолҳо оред.
5. Мазмуни ибораи „сохтори пуркудрати дуҳизбият“-ро эзоҳ диҳед. Ин низом боз дар кадом кишвар мавҷуд аст?
6. Президенти ҳозираи ШМА намояндаи кадом ҳизб аст? Маълумотҳои оиди ӯ ҷамъовардаатонро рӯи қоғаз қайд кунед.

1. Чаро ШМА дар бобати ба хориҷа баровардани капитал (сармоя) аз дигар давлатҳои мутараққӣ ақиб монда буд? Мулоҳиза ронед.
2. „Корпоратсияи пӯлод“ ва трести „Standart oyl“ чаро бой шуда рафтанд?
3. „Ку-клукс-клан“ ва „Судҳои Линч“ чистанд? Дар бораи фаъолияти онҳо мисолҳо оред.

## § 15. Сиёсати дохилии ШМА

**Ҳаракати иҷтимоӣ**

Тараққиёти иқтисодӣ ва ба давлати якумини дунё табдилёбии ШМА худ аз худ ба бартараф намудани муаммоҳои иҷтимоии зиндагии ҷомеа оварда нарасонд. Дар ШМА ҳам синфи коргар маҷбур шуда, барои ҳаққу ҳуқуқҳои худ мубориза бурдааст. Мақсади асосии ҳаракати синфии он давр муваффақ шудан ба рӯзи кӯтоҳи корӣ буд.

Дар корпартоии умумии 1-уми майи соли 1886 беш аз 350 ҳазор нафар коргар иштирок карданд. Дар натиҷаи он қариб 200 ҳазор нафар коргар ба рӯзи кории 8-соата гузашт. Аммо баъди ду сол ин муваффақият барбод рафт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мубориза барои рӯзи кории 8-соата, ки дар Чикаго сар зад, хеле пуршиддат гузашт. Ҳангоми митинги оммавии корпартофтагон дар майдони Сеннои шаҳр политсия ба онҳо тир кушод. Дар оқибати он 6 нафар кушта, коргарони бисёр захмин шуданд. Коргарони дарғазабшудаи Чикаго бар зидди ин хунрезӣ эътирозан митинги оммавӣ ташкил карданд. Як гурӯҳи политсиячиён бар зидди коргарон фиристода шуданд. Мувофиқи қарори суд аз ҷумлаи раҳбарони ҳаракати оммавӣ 4 нафар ба дор овехта шуданд. Онҳо аз қатли рӯ ба рӯ наҳаросиданд. Яке аз маҳкумшудагон Шпис дар сухани охирини худ „Чунин замон меояд, ки сукунати мо аз нутқамон дида ҷарангдор садо медиҳад“ гуфта буд.

Дар охири асри XIX раҳнамоии ҳаракати иҷтимоӣ ба ихтиёри „Федератсияи тред-юнионҳои муттаҳид ва иттифоқи коргарии Штатҳои Муттаҳида ва Канада“, ки соли 1881 ташкил ёфта буд, гузашт. Соли 1886 он номи Федератсияи Меҳнати Америкаро гирифт. ФМА асосан манфиати коргарони малаканокро ҳимоя мекард. Аъзоёни он сол то сол меафзуд.

Ин ташкилот дар роҳи мубориза барои манфиати коргарон ба аъзоёни Конгресс ва соҳибони корхонаҳо таъсири худро гузарониданӣ шуд. Ҳукумат маҷбур шуда соли 1894 душанбеи якуми моҳи сентябрро иди „Рӯзи меҳнат“ эълон кард. Ин ид ҳоло низ қайд карда мешавад.

Моҳи сентябри соли 1913 коргарони кон аз шароити тоқатфарсои меҳнат ба дод омада, корпартоӣ намуданд. Онҳо ҷорӣ шудани рӯзи кории 8-соата ва зиёд намудани маошро талаб карданд. Ҳукумат зидди ин исён қувва сафарбар кард. Дар саросари штати Колорадо ҳолати ҳарбӣ эълон шуд. Лагерҳои коргарон зери тир гирифта шуд. Коргарони зиёд ҳалок ва захмин шуданд. Раҳбарони корпартофтагон парронда шуданд. Коргарон маҷбуран ба конҳо баргардонда шуданд.

**Аҳволи сиёҳпӯстон**

Баъди ҷанги дохилӣ ғуломони сиёҳпӯст ба озодӣ расиданд. Аммо онҳо ба баробарҳуқуқӣ ноил нашуданд. Дар кишвар тартиби сегрегатсия қарор ёфт. Сиёҳпӯстон ба мактаб ва калисои сафедпӯстон рафта наметавонистанд.Ба нақлиёти сафедпӯст саворшуда баромадани онҳо манъ буд. Ҳатто қабристон ҳам ҷудо буд. Ҳамин тавр, дар кишвар наҷодпарастӣ авҷ гирифт. Хусусан аҳволи сиёҳпӯстони муқими Ҷануб хеле вазнин буд.Онҳо ба Шимол гурехта меомаданд. Аммо дар ин



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чо низ онҳо дар мавзеи алоҳида мезистанд. Сиёҳпӯсти қарздорро ба ҳабс гирифта, барои ситонидани қарз дар асоси шартнома ба шахси дилхоҳашон медоданд. Онҳо дар штатҳои Ҷануб аз ҳуқуқи интихобот маҳрум буданд. Гурӯҳи рӯшанфикрони пешқадами онҳо барои баробарҳуқуқ шудани сиёҳпӯстон байрақбардори мубориза буданд. Онҳо роҳи сулҳомези муборизаро интихоб карда буданд.

**Аҳволи ҳиндуён**

Аҳолии таҳҷоии ШМА – ҳиндуён зери ситами сахт гирифта шуданд. Ҳиндуён барои ҳуқуқи худ то қуввате доштанд мубориза бурданд. Аммо дар натиҷаи нобаробар будани қувват мағлуб шуданд.

Баъди мағлубият дар ҷанги охирини соли 1880 онҳоро ба резерватсияҳои алоҳида танг карда баровcovered. Ин резерватсияҳо заминҳои пастмондаи беҳосил буданд. Дар ин ҷойҳо онҳоро ҳукумат ба „васи“-гии худ гирифт. Масъалаи ҳиндуён бо ҳамин роҳ ҳал карда шуд.

Конгресси ШМА қонуни махсус баровард, ки мувофиқи он ҳиндуён ба фаъолияти фермерӣ машғул шуда метавонистанд.

Аммо қонун дар амал кор намекард. Барои ин, аввалан, заминҳои онҳо беҳосил буд, сониян, шуғл варзидан бо фермерӣ зидди тарзи зиндагии онҳо буд.

**Сиёсати дохилӣ дар даври Т. Рузвелт ва В. Вилсон**

Солҳои 1900 – 1914 дар таърихи ШМА чун „даври тараққипарвар“ ёд мешавад. Барои ин муборизаи президентҳои ШМА бар зидди монополияҳо сабаб шуд.

Мақсад аз муборизаи зидди монополияҳо ҳимояи манфиати табақаҳои миёна буд. Тарафдорони муборизаи зидди монополияҳо номи тараққипарваронро гирифтанд. Теодор Рузвелти соли 1901 ба мансаби президентӣ омада низ дар сафи онҳо буд.

Вай дар ҷанги Америкаю Испания иштирок карда, машҳур шуда буд. Сиёсати муборизаи зидди монополияҳои Т. Рузвелт „Роҳи адолат“ ном гирифт. Ҳукумати он барои ҳалли низои байни коргарон ва кордиҳандагон нақши ҳакамро мебозид. Ҳукумат бар зидди трестҳо чандин мурофаи суд ташкил кард. Онҳо натиҷаҳои муайяни худро доданд. Хусусан, бо қарори суд компанияи роҳи оҳани Морган ба ду ҷудо карда шуд, зиёда аз ин қонуне қабул шуд, ки фаъолияти роҳҳои оҳанро ба тартиб меандохт.

Соли 1912 дар интихоботи президент демократ Вудро Вилсон ғалаба кард. Вай дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳон ба қабули қонун



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

оиди батартибоварии тарифи гумрук (боҷ) ноил шуд. Тибқи он, дараҷаи тариф 10 фоиз кам шуд. Ба афзоиши даромад нигоҳ карда, андози иловагӣ мегирифтанд. Дар сохтори интихобот низ ислоҳот амалӣ шуд.

Мувофиқи он, агар пештар сенаторҳои баъзе аз штатҳоро органи қонунбарор интихоб мекарда бошад, акнун онҳо бо роҳи овоздиҳии халқ интихоб мешуданд.

Соли 1914 Конгресси ШМА бар зидди трестҳо қонун қабул кард. Акнун зараре, ки ба трестҳо дар вақти корпартоӣ мерасид, аз иттифоқҳои касаба гирифта намешуд.

***Резерватсия*** (лотинӣ – нигоҳ медорам) – ҳудуде, ки барои зӯран ҷойгир кардани аҳолии амонмондаи таҳҷоӣ ҷудо карда мешавад.
***Сегрегатсия*** (лотинӣ, ҷудосозӣ) – ҷудокунии маҷбурии нажодии аҳолӣ дар баъзе давлатҳо.

1. Коргарони ШМА барои мубориза оиди ҳуқуқҳои худ дар назди худ кадом мақсадҳо гузошта буданд?
2. Оид ба нақши Федератсияи меҳнати ШМА дар ҳаракати коргарӣ чиҳо дониста гирифтед?
3. Аҳволи аҳолии сиёҳпӯст дар ШМА чӣ гуна буд?
4. Нисбати аҳолии маҳаллӣ – ҳиндуён чӣ хел сиёсат пеш бурда шуд?
5. Сиёсати дохилии президентҳо Т. Рузвелт ва В. Вилсонро муқоиса кунед.

1. Аз харита шаҳри Чикаго ва штати Колорадоро ёфта, воқеаҳои содиршударо эзоҳ диҳед.
2. Дар бораи аҳволи сиёҳпӯстон иншо нависед. Бо шароити имрӯза муқоиса кунед.
3. Чаро дар замоне, ки дар Франсия се маротиба республика эълон карда шуд, дар ШМА ин ҳодиса рӯй надод?

## § 16. Сиёсати хориҷии ШМА

**Намоиши қудрати ҳарбии ШМА**

ШМА барои аз худ кардани захираи хеле азими кишвар ва Аляскаи аз Россия харидааш банд шуда, ба забти мустамликаҳо ва васеъ кардани доираи таъсири худ нисбат ба кишварҳои Европа дер



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

пардохт. Эътибори он пеш аз ҳама ба кишварҳои Америкаи Лотинӣ, ҳавзаи Кариб ва уқёнуси Ором нигаронида шуда буд.

ШМА барои ҳукмронӣ дар Америкаи Лотинӣ риёкорона ғояи „Манфиатҳои ҳамаи кишварҳои Америка яктост“-ро тарғиб намуд. Соли 1889 бо ташаббуси департаменти давлатии ШМА дар Вашингтон анҷумани якуми Панамерика даъват карда шуд. Натиҷаи муҳимтарини ин анҷуман ташкил додани „Ассотсиатсияи „Съезди республикаҳои Америка“ шуд. Сиёсати панамериканизми ШМА ҳамин тавр ба вуҷуд омад, ки мақсад аз он таъмини яккаҳукмронии он дар кишварҳои нимкураи Ғарбӣ буд. Ба „доктринаи Монро“ такя карда, дере нагузашта ҷазираҳои Самоа зери даст карда шуд.

Соли 1898 дар маркази муҳими уқёнуси Ором, ки ҷои ба ҳам омадани роҳҳои хеле зарури баҳрии стратегии ба Осиё баранда мавҷуд буд, яъне ҷазираҳои Гавайи забт карда шуд.

Дар охири асри XIX ШМА ба давлати пурқудраттарин табдил ёфт. Ҷазираи Кубаи тобеи Испания ҳаваси доираҳои ҳукмрони Америкаро меовард. ШМА ба ҷанги зидди Испания тайёрӣ медид. ШМА бо баҳонаи ҳимояи манфиати шаҳрвандонаш соли 1898 киштии ҳарбии худро ба соҳилҳои Куба фиристод. Ин киштӣ дар наздикии Гавана бо сабабҳои номаълум таркид. ШМА дар ин кор Испанияро айбдор кард. Конгресс оид ба оғози ҷанги зидди Испания қарор қабул кард.

Ин ҷанг ҷанги аввалин барои аз нав тақсим кардани дунё буд. Ин ҷанг се моҳ давом кард ва Испания мағлуб шуда, сулҳро имзо кард. 10-уми декабри соли 1898 дар шаҳри Париж щартномаи сулҳи байни ШМА ва Испания имзо шуд. Мувофиқи он ШМА ба ҷазираҳои Пуэрто-Рико ва Гуам, инчунин ба Испания 20 млн. доллар дода ба Филиппин соҳиб шуд. Соли 1898 Куба ба ном мустақил шуд, дар амал бошад, ба ШМА тобеъ гардид.

**Канали Панама**

ШМА нисбати ҳавзаи баҳри Кариб сиёсати исти-логаронаро пеш бурд. Соли 1903 Кубаро маҷбур кард, ки шартномаро имзо кунад. Бинобар он, акнун Куба бе рухсати ШМА бо ягон давлат иттифоқ бастан, дар сиёсати дохилиаш ягон тағйирот дохил карда наметавонист.

Дар охири соли 1911 сармояе, ки ШМА ба Мексика даровард, ба 1,5 млрд. доллар расид. 70 фоизи истеҳсолоти асосӣ ба дасти монополистҳои ШМА гузашт. ШМА дар асоси шартҳои вазнин ба



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Гватемала, Коста-Рика ва Никарагуа қарз медод. Шартҳои гузоштаи ШМА ба он имкон медод, ки ба корҳои дохилии ин кишварҳо дахолат намояд.

ШМА бинобар он, ки ҷазираҳои Гавайи ва Филиппинро забт намуда, бо давлатҳои дар соҳили уқёнуси Оромбуда алоқаҳои тиҷоратиашро пурзӯр кард, акнун ба сохтмони канале, ки уқёнуси Ором ва Атлантикаро мепайваст, эътибори алоҳида медод.

Он аз ҷамъиятҳои саҳҳомии Франсия, ки сохтани канали Панамаро сар карда, касод шуда буданд, ҳамаи аксияҳоро харид. Канал дар ҳудуди Колумбия буд. Акнун Сенати Колумбия барои пурра ба ШМА гузаштани ҳуқуқи сохтан ва истифода аз канал зид баромад. Баъд аз он, соли 1903 ШМА дар Панама зидди Колумбия исён ташкил кард ва дар он ҷо давлати лӯхтакмонанд барпо намуд. Панама республикаи мустақил эълон карда шуд. ШМА мустақилии Республикаи Панамаро эътироф кард. Ҳукумати Панама дар бобати бо ШМА сохтани канал, роҳҳои оҳан ва дар соҳили канал сохтани истеҳкомҳо бо Америка шартнома имзо кард. Бар ивази он Панама аз ШМА 10 млн. доллар гирифт ва ҳар соле рента мегирифтагӣ шуд. ШМА ба сохтани канали Панама эътибори калон дод ва сохтмони он соли 1914 ба охир расид.




**Самтҳои асоси таъсири ШМА дар охири асри XIX – ибтидои асри XX**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ин канал роҳи ШМА-ро аз соҳилҳои уқёнуси Атлантика то соҳилҳои уқёнуси Ором кӯтоҳ кард, ҳамчунин аз нигоҳи стратегӣ ва иқтисодӣ аҳамияти калон дошт.

**Иттифоқи Панамерика**

Соли 1910 дар шаҳри Буэнос-Айрес, дар анҷумани IV-уми Панамерика ташкилоти Иттифоқи Республикаҳои Америка „Иттифоқи Панамерика“ номида шуд ва он барои манфиати ШМА ниқоб шуд. Президент Тафт сиёсати „дипломатияи доллар“-ро пеш бурд. Ин сиёсат асосан нисбати давлатҳои ночори Америкаи Лотинӣ истифода шуд. Зери ниқоби „расонидани ёрӣ“ харидан, ташкил кардани табаддулоти давлатӣ ба кори оддӣ табдил ёфт.

ШМА дар роҳи мутеъкунии Америкаи Лотинӣ дар мубориза зидди дигар давлатҳо ба „доктринаи Монро“ (Шиори „Америка барои америкоиҳо“) такя мекард. Ин сиёсатро Теодор Рузвелт ба ШМА мувофиқ гардонд. Тибқи он, агар дар ягон кишвари Америка бетартибӣ содир шавад, ШМА бояд вазифаи политсияи байналмилалиро мебозид. Ҳамин тариқ, ибораи „калтаки ғафс“ пайдо шуд. Ин сиёсат ШМА-ро ба политсияи нимкураи Ғарбӣ табдил дод.

**Доктринаи „дарҳои кушод ва имкониятҳои баробар“**

ШМА дар ибтидои асри XX экспансияи зидди Хитойро пурзӯр намуд. Аммо то ШМА дигар давлатҳо Хитойро зери таъсири доираи худ карда буданд. Аз ин сабаб, ШМА доктринаеро нисбати Хитой ба кор бурд, ки аввал барои дохил кардани молҳои худ, баъд барои таъмини яккаҳукмронии вай дар ин кишвар имкон медод.

Соли 1899 котиби давлатии ШМА Хей ба Британияи Кабир, Германия, Россия, Япония, Франсия ва Италия бо як хел мазмун нота фиристод. Дар ин нота доктринае, ки дар таърих номи „Дарҳои кушод ва имкониятҳои баробар“-ро гирифтааст, ифода ёфта буд.

Мувофиқи ин нота, ШМА „доираҳои таъсир“-и мавҷударо дар Хитой эътироф мекард. Дар айни вақт ШМА барои васеъ намудани „доираи таъсир“, яъне бемалол фурӯхта шудани молҳояш дар ин кишвар ҳаракат мекард. Ғайр аз ин, ҳеҷ ягон кишваре барои савдо дар Хитой ба имтиёз соҳиб намешуд. ШМА аз тарафи Хитой дода шудани имтиёз ба дигар давлатҳоро дар роҳи воридоти капитали худ ба Хитой ва амалӣ намудани нақшааш барои барпо кардани ҳукмронӣ дар Осиё мамонияти асосӣ медонист.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Президент В. Вилсон чун салафҳои худ дар сиёсати хориҷиаш барои пурзӯр кардани таъсири ШМА дар дунё мубориза бурд. Масалан, вай чунин нависта буд: „Мо дар арафаи даври нав қарор дорем. Дар ин давр дунёро мо – америкоиҳо бояд идора кунем“.

Оре, дере нагузашта чунин ҳам шуд. Ҷанги якуми ҷаҳон барои ҷомаи амал пӯшидани мақсадҳои ШМА имкон дод.

***Департаменти давлатӣ*** – вазорати корҳои хориҷии ШМА.
***Доктрина*** (лотинӣ, таълимот) – тамойилҳои раҳбарии сиёсӣ.
***Нота*** (лотинӣ) – муроҷиатномаи расмии як давлат ба давлати дигар.

1. Моҳияти сиёсати хориҷии ШМА-ро эзоҳ диҳед.
2. Мазмуни иборaҳои „Калтаки ғафс“, „Дипломатияи доллар“, „Доктринаи Монро“-ро фаҳмонда диҳед.
3. Сохтмони канали Панама чӣ хел амалӣ гардид?
4. Дар бораи мазмуни „Дарҳои кушод ва имкониятҳои баробар“ чиҳоро дониста гирифтед?

1. Мазмуни шиори „Манфиатҳои ҳамаи кишварҳои Америка яктост“ аз чӣ иборат аст?
2. Аз харита истифода бурда, самтҳои асосии амалӣ намудани таъсири ШМА-ро эзоҳ намоед.
3. Дар бораи сохта шудани канали Панама ва аҳволи ҳозираи он реферат нависед.

## § 17. Давлатҳои Америкаи Лотинӣ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

### Тавсифи умумӣ

Қитъаи Америка шартан ба Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ ҷудо шуд. Баъзан ба ҷои ибораи „Америкаи Ҷанубӣ“ „Америкаи Лотинӣ“ ҳам истифода мешавад. Маълум аст, ки Америкаи Ҷанубиро испанҳо ва португалҳо истило карда буданд. Аз сабаби он, ки забони онҳо аз забони лотинӣ об хӯрдааст, Америкаи Ҷанубиро Америкаи Лотинӣ номидаанд. Лекин ибораи Америкаи Лотинӣ нисбат ба Америкаи Ҷанубӣ васеътар аст. Ба он ғайр аз Америкаи Ҷанубӣ Мексика (як қисми Америкаи Шимолӣ) ва ҳудудҳои Америкаи Марказӣ низ дохил мешавад (ба илова нигоҳ кунед).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Тараққиёти Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ як хел давом накардааст. Агар ШМА-и дар Америкаи Шимолӣ буда ба давлати пурзӯри дунё табдил ёфта бошад, Америкаи Лотинӣ аз нигоҳи инкишоф хеле ақиб монда буд.

Сабаби асосии ин ҳолат бо аз ҷумлаи испаниҳо ва португалиҳо будани доираҳои ҳукмрони давлатҳои Америкаи Лотиниро ташкил дода ва аз онҳо тарбия ёфтани арбобони сиёсӣ эзоҳ дода мешавад.

Испания ва Португалия дар ин давр яке аз давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ақибмондаи Европаи Ғарбӣ ба шумор мерафтанд. Сабаби асосии онро ҳанӯз ҳам дар ҳар ду давлат нигоҳ дошта шудани тартиботи асримиёнагии феодалӣ ташкил медод.

Доираҳои ҳукмрони давлатҳои Америкаи Лотинӣ айнан тартиботи дар давлат ҳукмронро – муносибатҳои феодалии он ҷойҳоро дар ин ҳудуд нигоҳ доштанд. Чунки, айнан ҳамин тартибот барои дар дасти худ нигоҳ доштани ҳокимият барои онҳо хеле муносиб буд.

Соли 1870 ҷараёни ташкил ёфтани давлатҳои аз нигоҳи сиёсӣ мустақил дар Америкаи Лотинӣ асосан ба охир расид.

Кишварҳои Аргентина, Мексика, Чили, Уругвай, Венесуэла ва Колумбия барои нигоҳ доштани истиқлоли худ ва барҳам задани монархияи феодалӣ ва зулму ситами Испания солҳои тӯлонӣ мубориза бурданд.

Тараққиёти саноатӣ дар чоряки охири асри XX дар аксари кишварҳои Америкаи Лотинӣ акнун сар шуда буд. Дар иқтисодиёти онҳо баробари ташаккули муносибатҳои капиталистӣ муносибатҳои феодалӣ, ғуломдорӣ ва вобастагӣ ба ҷамоаҳои авлодию қабилавии ҳиндуҳо мавҷуд буд. Аз ақибмонии бисёрасраи ин кишварҳо монополистҳои Британияи Кабир, Франсия, ШМА ва Германия барин давлатҳои бузург истифода мебурданд. Ба охирҳои асри XIX омада кишварҳои Америкаи Лотинӣ дар амал ба ниммустамликаи Британияи Кабир ва ШМА табдил ёфтанд.

Барқарор ёфтани муносибатҳои капиталистӣ дар давлатҳои Америкаи Лотинӣ бо роҳи тӯлонӣ ва пурмашаққат ба амал омадааст. Британияи Кабир бештар аз ҳамаи дигар давлатҳо сармоя ворид кард. Маблағи асосӣ барои сохтани бандаргоҳҳо, роҳҳои оҳан, бонкҳо ва парвариши растаниҳои тропикӣ ва саноати гӯшт сарф карда мешуд. Дар охири асри XIX капитали ШМА низ ба Америкаи Лотинӣ меомадагӣ шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Муборизаи Куба барои мустақилӣ**

Халқи Куба дар байни солҳои 1868–1878 бар зидди мустамликадорони испан муборизаи озодихоҳона бурд (Испания Кубаро соли 1510 забт карда буд). Аммо аз тобеияти Испания баромада натавонист. Сарфи назар аз он, ба бекор шудани ғуломдорӣ муваффақ шуд.

Дере нагузашта ШМА даъвои Куба намуд. Он барои харида гирифтани Куба ба Испания мурочиат кард. Аммо Испания розӣ нашуд. Соли 1895 халқи Куба бо раҳнамоии қаҳрамонони миллии худ Хосе Марти ва Максимо Гомес шӯриш бардошт.

Мувофиқи шартномаи сулҳи Испанияю ШМА дар Париж Куба мустақил эълон шуд, лекин дар амал тобеи ШМА гардид.

**Диктатураи Диас дар Мексика**

Дар солҳои 70-уми асри XIX муносибатҳои байни ШМА ва Мексика (Мексика соли 1821 истиқлоли худро ноил шуда буд) бад шуд. Ба ин кӯшиши ШМА аз нигоҳи сиёсию иқтисодӣ тобеъкунии Мексика сабаб шуд. ШМА барои сохтани корхонаҳо ва роҳи оҳан дар ноҳияҳои ҳамсарҳади шимоли Мексика аз ҳукумати он рухсат пурсид. Аммо ҳукумат ин мурочиатро рад кард. ШМА табаддулоти давлатӣ ташкил кард. Порфирио Диас, ки ба қувваҳои реаксионии ШМА ва помешикҳои маҳаллӣ такя мекард, соли 1876 президент эълон карда шуд ва дар ин лавозим бо каме танаффус то соли 1911 нишаст.

Дар даври диктатураи Диас Мексика ба ниммустамликаи монополияҳои хориҷӣ табдил ёфт.

Дар охири солҳои ҳукмронии Диас капитали ШМА дар Мексика аз 1 млрд. доллар гузашт. ШМА конҳои нефти Мексикаро ҳам гирифт.

Соли 1909 дар Мексика ҳосил нашуд. Дар натиҷаи он деҳқонон шӯриш бардоштанд. Ин ҳаракати деҳқононро Эмилиано Сапата сарварӣ мекард. Сапата „Хунтаи ҳимояи деҳқонон“-ро ташкил кард. Шиори он аз „Замин ва озодӣ“ иборат буд.

**Интихоботи президентии соли 1910**

Соли 1910 дар Мексика интихоботи президент шуда гузашт. Онҳое, ки зидди президент шудани диктатор Диас буданд, дар атрофи пешвои мухолифат Мадеро муттаҳид шуданд.

Мадеро низ дар интихоботи президентӣ номзадии худро нишон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дод. Диас аз оқибати интихобот тарсида, Мадероро ба зиндон партофт.

Интихобот ором гузашту мисли пешина Диас ғалаба кард. Мадеро баъди чанд вақти баромадан аз ҳабс сохта будани интихоботро ошкор карда, худро президенти қонунӣ номид. Инчунин ваъда дод, ки он заминҳои ҳиндуҳоро, ки дар даври диктатура кашида гирифта шуда буд, баргардонда, як қисми заминҳои помешикҳоро бар ивази пардохти ҳақ ба деҳқонон медиҳад. Халқро ба шӯриш даъват кард. Диас аз шӯриши халқ тарсида аз Мексика гурехта рафт.

Мадеро ба пойтахт даромада омад ва мансаби президентиро ишғол кард. Аммо ба туфайли вазнин будани аҳволи дохилии сиёсӣ аз дасти вай ҳеҷ чиз наомад. Сарфи назар аз он рӯзи кории 10-соатаро ҷорӣ карда, тартиби ҷаримаро дар истеҳсолот бекор намуд. Барои маҳдудкунии капитали хориҷӣ ва ҳимояи иқтисодиёти миллӣ кӯшиш кард.

**Диктатураи Уэрта**

ШМА ба сиёсати миллии Мадеро бо чашми бад нигарист ва ҳаммаслаки диктатор Диас – генерал Уэртаро зидди Мадеро иғво андохт. Уэрта аз ҳимояи ШМА рӯҳ гирифта, соли 1913 табаддулоти давлатӣ гузаронд. Мадеро парронда шуд.

Диктатураи Уэрта аҳволи Мексикаро боз ҳам вазнин кард. На фақат халқи оддӣ, балки буржуазияи миллӣ ва як қисми помешикҳои буржуазшуда ҳам зидди Уэрта баромаданд. Дар кишвар ҷанги дохилӣ сар шуд. Қувваҳои миллии ватанпарвар диктатураи Уэртаро сарнагун карданд.

**Инқилоби Мексика**

Дар ибтидои асри XX дар Мексика ҳаракати пурзӯри деҳқонон сар шуд. Сабаби асосии он безаминии деҳқонон буд. Ҳаракати деҳқонон ба инқилоб табдил ёфт. Ин инқилоб (1910–1917) дар таърихи Мексика бо номи инқилоби буржуазӣ дохил шудааст. Раҳбари ҳаракати деҳқонон дар ҷануби Мексика Эмилиано Сапата соли 1911 барномаи аграрии худро эълон кард. Ин барнома баргардонда додани замини ҳиндуён ва мусодираи заминҳои боқӣ, ба деҳқонони безамин тақсим кардани онҳоро дар назар дошта буд.

Дар байрақи раҳбари ҳаракати деҳқонон дар шимоли кишвар Франсиска Виля „Замин ва озодӣ“ навишта шуда буд. Қувваҳои мусаллаҳи Э. Сапата ва Ф. Виля соли 1914 пойтахти кишвар шаҳри



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Эмилиано Сапата**

Мехикоро ишғол карданд. Лекин дере нагузашта лашкари ҳукумат онҳоро берун кард. Танҳо соли 1917 шӯриши деҳқонон пахш карда шуд. Э. Сапата ва Ф. Виля аз дасти қотилони кироя дар солҳои гуногун кушта шуданд.

Гарчанде шӯриш шикаст хӯрд, бенатиҷа намонд. Ҳукумат масъалаи аграриро қисман бошад ҳам ҳал кард. Чунончи, заминҳои ғайриқонунии латифундистҳо ба деҳқонон баргардонда дода шуд. Ғайр аз ин, соли 1917 конститутсияи дорои моҳияти демократӣ қабул шуд.

***Диктатура*** (лотинӣ – ҳокимияти номаҳдуд) – ҳокимияте, ки бо ҳеҷ ягон қонун маҳдуд нест ва ба зӯрӣ такя мекунад.
***Мухолифат*** – қувваҳои зидди сиёсати ҳукумати дар амал буда.

1. Сабабҳои ақибмонии тараққиёти Америкаи Лотиниро қайд кунед.
2. Куба дар кадом ҳолат тобеи ШМА шуда монд?
3. ШМА барои аз нигоҳи сиёсию иқтисодӣ мутеъкунии кишварҳои Америкаи Лотинӣ кадом усулҳоро истифода бурд?
4. Дар Мексика дер давом кардани режими диктаториро чӣ хел эзоҳ медиҳед?
5. Аҳамияти инқилоби солҳои 1910 – 1917-ро дар Мексика қайд кунед.

1. Мубориза барои мустақилии сиёсӣ кай пурзӯр шудааст? Онро эзоҳ диҳед.
2. Дар солҳои ҳукмронии Р.Диас дар Мексика кадом воқеаҳо содир шуданд?
3. Дар бораи Республикаи имрӯзаи Мексика маълумот гирд оваред ва бо гузаштаи он муқоиса намоед.

## § 18. Давлатҳои дигари Америкаи Лотинӣ

### Бекор шудани ғуломдорӣ дар Бразилия

Бразилия яке аз давлатҳои калони Америкаи Лотинӣ буда, он 15 млн. нафар аҳолӣ дошт. Дар айни замон он яке аз давлат-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳои ақибмонда ҳам буд. Дар Бразилия ғуломдорӣ, қашшоқӣ, ҷаҳолат ва беҳуқуқӣ авҷ гирифта буд. Фурӯхтани ғуломон, одамоне, ки аз ҳуқуқи ба оилаашон баргаштан маҳрумшуда, калтак задани ғуломони заҳматкаш аз тарафи нозирон дар он давр ҳолати маъмул буд.

Дар чунин шароит ғуломон ҳам барои ҳимояи ҳуқуқҳои инсонии худ маҷбур шуданд. Шӯриши ғуломон дар плантатсияҳои найшакар бо роҳбарии ғулом Бонифатсио далели он аст. Ғуломон республикаи сиёҳпӯстони худро эълон карданд ва Бонифатсиоро президент интихоб намуданд. Бонифатсио бо роҳи муборизаи мусаллаҳона озод кардани ғуломонро зарур медонист. Аммо лашкари ҳукумат лашкари Бонифатсиоро торумор кард.

Қувваҳои зидди ғуломдорӣ „Манифести озодӣ"-и ғуломони ба мубориза даъваткунандаро эълон карданд.

Баъзе плантаторҳои зидди ғуломдорӣ ҳам ҳаракати аболитсионистиро дастгирӣ карданд. Масалан, яке аз онҳо плантатор Антонио Предо ғуломони худро озод кард. Вай вазири дарбор шуда, дар бораи озодкунии ғуломон таклиф пешниҳод кард. Малика Изабел, ки муваққатан вазифаи император Педруи дуюми беморро иҷро мекард, соли 1888 дар бораи дар Бразилия бекор кардани ғуломӣ қонуни машҳури „Қонуни тиллоӣ"-ро имзо намуд. Дар кишвар он вақт 750 ҳазор ғулом буд.

**Эълон шудани республика**

Баъди бекор шудани ғуломӣ мубориза барои республика авҷ гирифт. Дар Рио-де-Жанейро намоиши калони тарафдорони республика ба амал омад. Дар намоиш донишҷӯён, ҳунармандон, савдогарон иштирок карданд. Ин намоишро ҳарбиёне, ки тарафдори сохти республика буданд, низ дастгирӣ карданд.

Ниҳоят, 19 ноябри соли 1889 Педруи II аз тахт даст кашида, ба киштии Британия нишаста, ба Португалия рафт. Ҳокимият ба дасти ҳарбиён гузашт. Ҳукумати нав кишварро республика эълон кард. Бино ба конститутсияи соли 1891 кишвар Штатҳои Муттаҳидаи Бразилия номида шуд. Баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон дар назди қонун эълон шуд. Барои шаҳрвадони навиштан ва хонданро медонистагӣ интихоботи умумӣ эълон гардид.

Аҳволи иқтисодии кишвар вазнин буд. Аз ин монополистони англис, франсуз, немис ва Америкаи Шимолӣ истифода бурданд. Онҳо соҳаҳои ҳалкунандаро ба даст гирифтанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Аҳволи Аргентина**

Муборизаи тӯлонии дохилӣ, ҷанги зидди Парагвай аҳволии иқтисодии Аргентинаро хеле хароб карда буд.

Ҳукумати кишвар барои барқароркунии аҳволи дохилӣ корҳои зиёдро татбиқ намуд. Чунончи, дар Буэнос-Айрес банки миллӣ кушода шуд. Иммигратсия рағбатнок карда шуд. Дар натиҷа, 300 ҳазор нафар ба Аргентина кӯчида омад. Одамони аз Европа омада аз давлат дар асоси имтиёз замин мегирифтанд. Шаҳрҳои зиёд бунёд гардид, роҳҳои васеъ сохта шуданд. Маориф ва илму техника пеш рафт. Аксари мактабҳои динӣ пӯшида, ба ҷои онҳо мактабҳои дунявӣ кушода шуданд. Дар Буэнос-Айрес мактабҳои аскарони пиёда ва баҳрии ҳарбӣ таъсис ёфтанд, ба таълими ҳарбӣ асос гузошта шуд.

Соли 1876 оид ба иммигартсия ва колонизатсия қонун қабул гардид. Мувофиқи қонун заминҳои бекори давлат ба майдонҳои аз 80 гектар зиёднабуда тақсим карда, фурӯхта шуданд. Заминҳои ҳосилхези ҳиндуён кашида гирифта, ба афсарон ва аскарон дода шуд.

Ҳукумат дар айни вақт воридоти капитали хориҷиро низ дастгирӣ кард. Капитали воридкардаи Британияи Кабир дар соли 1914 аз 1,5 млн. долларро ташкил мекард.

Аммо аҳволи меҳнаткашон ҳанӯз ночор монда буд. Ниҳоят, синфи коргарон барои ҳуқуқи худ муборизаро сар карданд.Онҳо рӯзи кори 8-соата талаб намуданд. Соли 1895 Ҳизби сотсиалистӣ таъсис ёфт. Ин ҳизб барои бекор кардани таълими дин, ҷорӣ кардани андози ягона, муттаҳид намудани иттифоқи касаба ва рухсат додан барои намоишҳо мубориза бурд. Ба шаҳрвандони 18-сола (ғайр аз рӯҳониён ва ҳарбиён) ҳуқуқи интихоботи умумӣ дода шуд.

**Аҳволи Америкаи Марказӣ**

Таъсири ШМА ба Америкаи Марказӣ бо суръати баланд афзуда рафт. Дар оқибати он Гватемалаи аз ҳол монда тобеи ШМА шуд.

Дар солҳои 1895 – 1896 Гондурас, Салвадор ва Никарагуа ба давлати ягона – Республикаи Бузурги Америкаи Лотинӣ муттаҳид шуданд. Айнан ин ягонагии давлатҳо ШМА-ро ба ташвиш андохт. Чунки, барои ШМА иттифоқи давлатҳое, ки дар роҳи сиёсати он дар Америкаи Марказӣ садд мегардад, даркор набуд. Монополияҳои ШМА ба гурӯҳҳои мухолифати ин кишварҳо такя карда, ба па-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

роканда шудани Республикаи Бузурги Америкаи Марказӣ ноил гардиданд.

Канали Панама кушода шуду губернатори Америка дар минтақаи канал бо қувваҳои ҳарбии тобеъаш ба кишварҳои Америкаи Марказӣ хавф овардан гирифт.

***Аболитсионизм*** (лотинӣ – несткунӣ, бекор кардан) – ҳаракати негрҳо барои озодӣ.

1. Ғуломдорӣ дар Бразилия чӣ хел барҳам хӯрд?
2. Дар бораи барпо шудани республика дар Бразилия нақл кунед.
3. Ҳукумати Аргентина барои аз аҳволи ночори иқтисодӣ баровардани кишвар кадом чораҳоро дид?
4. Хусусиятҳои хоси асосии дохилиро дар тараққиёти давлатҳои Америкаи Лотинӣ қайд кунед.

1. Моҳияти „Қонуни тиллоӣ“-ро шарҳ диҳед.
2. Қонун дар бораи колонизатсия дар Аргентина чӣ гуна дар амал татбиқ карда шуд?
3. Ҳизби сотсиалистӣ кадом мақсадҳоро ба пеш гузошта буд?
4. Фикр кунед: ба якдигар низоъ андохтани мамлакатҳо ва халқҳо ба кадом оқибатҳо оварда расонд. Дар замони мо чӣ?

Аз шартномаи байни ШМА ва Республикаи Панама дар бораи канали Панама. Соли 1903.

„... **Моддаи 2.** Барои сохтан, нигоҳ доштан, аз он истифода бурдан, ба ҳолати санитарӣ овардан ва ҳимоя кардани каналеро, ки номи Республикаи Панамаро гирифтааст, ҳуқуқи истифода бурдан ва назорат намудани замин ва иншоотҳои зери обӣ дар доираи минтақаи 10 миля ба ихтиёри Штатҳои Муттаҳидаи Америка абадан супурда мешавад.

**Моддаи 3.** Республикаи Панама ҳамаи ҳуқуқҳо, ваколат ва тамоми ҳокимияти минтақаро ба Штатҳои Муттаҳидаи Америка месупорад...“



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

БОБИ IV

# ИМПЕРИЯИ РОССИЯ, ДАВЛАТҲОИ ЕВРОПАИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБУ ШАРҚӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

## § 19. Аҳволи иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии империяи Россия дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

**Сохти сиёсии Россия**

Дар Россия ин вақт монархияи номаҳдуд ҳукм меронд, тамоми ҳокимият дар дасти император буд. (Дар китобҳои таърих нисбати ҳокимияти подшоҳӣ калимаҳои „чоризм“ („саризм“), „самодержавие“ ҳам истифода мешавад).

Такягоҳи асосии ҳокимияти император помешикон ва калисои православӣ буданд. Хонаводаи худи император помешики аз ҳама калон буда, 7 млн. десятина (1 десятина – 1,1 гектар) замин дошт.

Хоҷагии помешикӣ садди асосии роҳи тараққиёти капитализм дар Россия буд. Помешикон бо тамоми ҷаҳдашон барои нигоҳ доштани тартиботи кӯҳна ҳаракат мекарданд.

Дар Россия синфи буржуазия ҳам буд.Сармояи он ҳам беш аз пеш меафзуд. Аммо нуфузи сиёсии буржуазия паст буд, дар идоракунииии давлат қариб иштирок намекард.

**Аҳволи иқтисодӣ**

Россия давлати аграрию индустриалӣ буд. Қисми асосии аҳолии кишвар дар деҳот истиқомат мекард. Сарфи назар аз ин, дар империяи Россия капитализм бошиддат пеш мерафт. Баробари воридоти капитали хориҷӣ саноати вазнин низ равнақ кард. Соҳаҳои металлургия, мошинсозӣ, нефт ва ангишт боло мерафт. Россия дар муддати кӯтоҳ ШМА-ро дар бобати истеҳсоли нефт ақиб гузошт ва дар дунё ба ҷои якум баромад. Ба хориҷа асосан карасин экспорт мекард. Дар бобати гудохтани металл дар дунё ба ҷои чорум баромад.

Дар ин давр боз як ҷараён хоси тараққиёти Россия буд: дар иқтисодиёти он монополияҳо ба вуҷуд омаданд. Масалан, дар металлургияи сиёҳи Россия „Продмет“, дар саноати ангишт „Продугол“ барин монополияҳои азим ташкил ёфтанд. Дар металлургияи ранга бо синдикатҳои заводҳои прокати мис ҷамъияти „Мед“ (1907) мавқеи ҳалкунанда дошт.

Боз як хусусияти хоси тараққиёти иқтисодии Россия аз он иборат буд, ки дар ин кишвар нисбат ба хориҷа баровардани капитал



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба мамлакат овардани капитал бартарӣ дошт. Ин агар аз як тараф заиф будани капитализми Россияро нишон диҳад, аз дигар тараф дар кишвар бисёр будани соҳаҳое, ки ба капитал фоида меоранд ва аз бисёрии минтақаҳои дорои қувваи кории арзон далолат медоданд.

Қисми калони капитали хориҷӣ дар соҳаи саноати мамлакат ба Франсия тааллуқ дошт. Соҳаи кишоварзии Россия низ оҳиста-оҳиста пеш мерафт. Экспорти маҳсулоти ин соҳа ҳам меафзуд. Он асосан ғалла экспорт мекард.

Дар Россия баробари тараққии капитализм капитали молиявӣ низ ба вуҷуд омад. Банкҳои „Банки байналмилалии Петербург“, „Азов-Дон“ ва „Рус-Осиё“ дар ҳаёти мамлакат нақши калон доштанд.

Сарфи назар аз он Россия дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар тараққиёти иқтисодӣ аз дигар давлатҳои бузург ақиб монда буд.

**Сиёсати дохилӣ**

Дар қаламрави империяи Россия беш аз 100 миллату халқият иқомат доштанд. Ҳудудҳои онҳо дар асрҳои мухталиф ва дар шароити гуногуни таърихӣ аз тарафи Россия истило шуда буданд.

Дар заминҳои истилошуда сиёсати русикунонӣ бурда мешуд. Ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ, ки бар зидди зулми истилогарон сар мезаданд, бераҳмона пахш карда мешуданд.

Аз ин рӯ, аксарияти шаҳрвандони империяи Россия, хусусан халқҳои мустамлика ҳаёти вазнин доштанд. Ин боиси ягон вақт сар задани таркиши бузург мегардид. Бар замми он, мағлубияти Россия дар ҷанги зидди Япония дар соли 1904 дараҷаи зиндагии мардумро боз ҳам вазнин кард. Дар ниҳояти кор ба сар задани инқилоби соли 1905 оварда расонд. Дуруст, инқилоб шикаст хӯрд.Табақаҳои ҳукмрон аз ин инқилоб сабақҳои зарурӣ баров官анд. Сабақи асосӣ аз ҳаракати инқилобӣ дур сохтани деҳқонон буд. Сабақи дуюм, муаммои дар деҳот пайдо кардани такягоҳи пурзӯри иҷтимоӣ ба шумор мерафт.

Барои амалӣ шудани ин ният ислоҳоти аграрӣ гузаронида шуд. Император Николайи II дар соли 1906 дар бораи ислоҳоти аграрӣ ва кӯчонидани деҳқонон фармон баровард. Ин ислоҳот бо ташаббуси сарвазир П. А. Столипин гузаронида шуд ва аз ин сабаб дар таърих бо номи „Ислоҳоти аграрии Столипин“ маълум аст. Мувофиқи он барои ба мулки хусусӣ соҳиб шудани деҳқонон 3 усули зерин амалӣ мегардид:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– бекоркунии заминҳои ҷамоавӣ ва бар ивази харида гирифтани ин заминҳо ба мулки хусусии деҳқонон табдил додан ва додани ҳуқуқи фурӯхтани замин ба деҳқонон;

– ба воситаи „Банки деҳқонон“ расонидани ёрӣ ба деҳқонон барои харидани замини давлат ва помешикон;

– дар минтақаҳои марказии кишвар, ки замин намерасид, кӯчонидани як қисми деҳқонон ба Сибир, Туркистон, Шарқи Дур ва кишварҳои миллии империя.

Ислоҳоти аграрии Столипин ба табақа ҷудошавии аҳолии деҳотро ва болоравии бозори дохилиро пурзӯр кард. Мавқеи деҳқонони бодавлат (кулакҳо)-ро мустаҳкам кард. Аммо ин ислоҳот ба заминдории помешикӣ хотима гузошта натавонист.

Ғайр аз ин, деҳқонони кӯчидагӣ боз ба ҷойҳои бобоии худ маҷбур шуда меомаданд. Чунки сиёсати муҳоҷирати деҳқонон аз нигоҳи моддӣ таъмин нашуд. Дар оқибати он аз нисф зиёди муҳоҷирон (шумораи умумии онҳо беш аз 3,5 млн. нафар буд) соли 1911 бозгашта омаданд.

Ғайр аз ин сиёсати муҳоҷиркунӣ дар кишварҳои канории миллӣ вазъияти сиёсиро тезутунд намуд. Барои ин заминҳои ба аҳолии кишварҳои канорӣ, хусусан ба мардуми Туркистон мансубро ба кӯчида омадагон додан сабаб шуд, бинобар ин сабаб аҳволи аҳолии маҳаллӣ хеле вазнин шуд.

Ҳамин тариқ, Столипин кишварро „ором“ карда натавонист. Табақаҳои ҳукмрон истеъфои онро талаб карданд. Кор ба он нарасида, соли 1911 Столипин парронда шуд. Сарфи назар аз хатоҳо сиёсати аграрии Столипин барои инкишофи капитализм дар деҳот роҳ кушод.

***Самодержавие*** – низоми давлати номаҳдуди монархия дар Россия, ҳокимияти мустабид.

***Ислоҳот*** – ба куллӣ дигар сохтани тартиботи мавҷуда дар ягон соҳа.

***Ислоҳоти аграрӣ*** – дигар кардани тартиби истифода аз замину об, заминдорӣ.

***Саризм*** – сохти давлатие, ки ба ҳокимияти номаҳдуди император, монархияи Россия асос шудааст.

http://eduportal.uz



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Сохти сиёсии Россияро бо сохти сиёсии Британияи Кабир, Германия ва Франсия қиёс намоед.
2. Хусусиятҳои хоси тараққиёти иқтисодии Россияро қайд намоед.
3. Дар бораи моҳият ва оқибатҳои ислоҳоти аграрии Столипин чиҳоро донista гирифтед?

Маҳсулоти асосии экспорти Россия дар соҳаи ҳоҷагии қишлоқ ғалла буданашро эзоҳ диҳед.

## § 20. Сиёсати хориҷии Империяи Россия

**Империяи Россия – давлати мустамликавӣ**

Россия низ яке аз давлатҳои пуркудрати мустамликадор буд. Бо роҳи ҷангҳои истилогарона империяи калон ташкил карда буд. Аммо империяи мустамликавии Россия аз империяи мустамликавиии Британияи Кабир ё Франсия фарқ мекард.

Ин тафовут пеш аз ҳама дар таркиби худи империя дохил кардани ҳудудҳои забтшуда намоён буд. Аз ин рӯ Россия дар уқёнус ё дар қитъаҳои дигар мустамлика надошт.

Масалан, қисми забтшудаи Осиёи Миёна бевосита ба таркиби им-перия дохил шуда, дар ин ҷо генерал-губернатории Туркистон ташкил гардид. Аз ин хусус ба шумо аз „Таърихи Ўзбекистон“ маълум аст.

Яке аз самтҳои асосии сиёсати истилогаронаи Россия бар-по намудани ҳукмронӣ дар Балкан, Шарқи Дур, Баҳри Сиёҳ ва гулӯгоҳҳои Босфор ва Дарданелли мансуби давлати Усмонӣ ва Осиёи Миёна буд. Россия баъди солҳои 70-уми асри XIX ҳам сиёсати забткоронаашро дар Осиёи Миёна давом дод. Соли 1873 хонии Хива ба вассал табдил дода шуд. Пурра мутеъ кардани Осиёи Миёна соли 1885 рӯй дод.

**Ҷанги Россияю Давлати Усмонӣ**

Соли 1875 дар Босния ва Герсеговина бар зидди давлати Усмонии мустамликадор шӯриш рӯй дод. Онҳо истиқлоли миллии худро талаб карданд. Дар Булғория низ чунин шӯриш сар зад. Аммо шӯриш бераҳмона пахш карда шуд. Бӯҳрони Балкан бори дигар манфиатҳои давлатҳои бузургро ба ҳам зид кард.

Соли 1876 дар ҷанги Сербия – давлати Усмонӣ дасти давлати Усмонӣ боло шуд. Дар чунин шароит Россия аз давлати Усмонӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

талаб кард, ки бо Сербия шартномаи сулҳ имзо карда, лашкарашро демобилизатсия намояд.

Давлати Усмонӣ бо Сербия шартномаи сулҳро имзо намуд, лекин лашкарашро демобилизатсия накард. Ин барои Россия айни муддао шуд. Россия 24 апрели соли 1877 бар зидди давлати Усмонӣ ҷанг эълон кард. Сербия ва Черногория ҳам дар ҷанг иштирок карданд. Россия ба давлати Усмонӣ талафоти калон расонд.

Муваффақиятҳои Россия Британияи Кабирро ба ташвиш андохт ва киштиҳои ҳарбии худро ба баҳри Мармар даровард. Он талаб кард, ки агар лашкари Россия ба шаҳри Константинопол дарояд, бо Россия алоқаи дипломатиашро меканад.

**Шартномаи Сан-Стефано**

Дар соли 1878 дар Сан-Стефано шартномаи Россия-давлати Усмонӣ имзо карда шуд. Ин шартнома харитаи сиёсии нимҷазираи Балканро тамоман дигар кард. Масалан, Булғория ба ном тобеи давлати Усмонӣ, дар амал мустақил шуд. Черногория, Сербия ва Руминия чун давлатҳои комилан мустақил эътироф шуданд. Давлати Усмонӣ мебоист ба Россия ба миқдори калон товон медод. Аммо шартномаи Сан-Стефанoро Британияи Кабир эътироф накард. Вай аз нав дида баромадани шартномаро талаб кард. Германия ва Австрия-Венгрия ҳам ба ин талаб шарик шуданд. Россияи танҳомонда ба даъват намудани конгресси Берлин ноилоҷ розӣ шуд.

**Конгресси Берлин**

Конгресс 13 июни соли 1878 сар шуд. Дар конгресс санаде бо номи „Трактати Берлин“ имзо шуд. Ин санад аҳамияти муваффақиятҳои Россияро дар натиҷаи шартномаи Сан-Стефано кам кард. Масалан, киштиҳои Британияи Кабир ҳуқуқи даромадан ба баҳри Сиёҳро пайдо карданд. Ҷазираи Кипр ба Британияи Кабир, Босния ва Герсеговина ба Австрияю Венгрия инъом карда шуд. Булғория ба ду тақсим карда шуд. Ба Россия бар ивази қисми калони товони давлати Усмонӣ ҳудудҳои Ботуми, Карс ва Ардагани Кавказ дода шуд. Мустақилии давлатҳои Черногория, Сербия ва Руминия эътироф шуд.

**Сиёсати Шарқи Дур**

Доираҳои савдою саноати Россия аз истилои Шарқи Дур манфиатдор буданд. Аз ин рӯ соҳилҳои Амур ва кишвари Приморе забт карда шуд.

Аз ин боис Россия мехост, ки бо Япония муносибаташро нағз кунад. Дар экспедитсияи ШМА, Британияи Кабир ва Франсия, ки



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бар зидди Япония буд, Россия иштирок накард. Соли 1875 ҳукумати Япония аз даъвои Сахалини Ҷанубӣ даст кашида, ба имзо шудани шартнома оиди ба Япония дода шудани як қисми шимоли ҷазираҳои Курил муваффақ шуд.

**Зиддиятҳо дар масъалаи Осиёи Миёна**

Дар солҳои 70-ум байни ҳукумати Россия ва Британия оид ба аниққунии доираи таъсир дар Осиёи Миёна музокира сар шуд ва он бо имзои созишномаи соли 1873 ба охир расид. Мувофиқи он Россия Афғонистонро берун аз доираи таъсири худ донист. Британияи Кабир бошад аз даъвои Хива даст кашиданӣ шуд. Лекин Британияи Кабир ба Афғонистон аз сари нав лашкар кашид. Аммо мардуми афғон бар зидди истилогарон шӯриш бардошт. Ба шӯриш арбоби сиёсӣ Абдураҳмон сарварӣ мекард, ки он зери таъсири Россия буд. Шӯришгарон дере нагузашта лашкари англисҳоро торумор карданд.

Россияи ба мақсади стратегиаш расида барои истилои нав ба ҳудуди Туркманистони ҳозира даромад. Дар чунин шароит низои байни қабилаҳои туркман ва набудани ягонагӣ дар байни онҳо барои Россия хеле мусоид буд.

Дар натиҷа соли 1885 шаҳри Кушка забт карда шуд. Баъд аз ин байни Британияи Кабир ва Россия масъалаи тақдири Афғонистон ва муқаррар кардани сарҳади он ҳал гардид. Мувофиқи шартномаи соли 1891 ҳудуди аз тарафи Россия истилошудаи Осиёи Миёна ва Помир сарҳади байни Россия ва Афғонистон муқарар карда шуд.

**Ҷанги Россияю Япония**

Муносибатҳои Россияю Япония ба туфайли Хитой ва Манҷурия тезутунд шуд. Сар задани ҷанги байни ду давлат наздик шуда буд. Япония ин ҳолатро нағз дарк карда, роҳҳои наздикшавӣ бо давлатҳои бузургро меҷуст. Ниҳоят, соли 1902 бо Британияи Кабир шартнома имзо кард. Онҳо дар бораи дастгирии якдигар дар ҳама ҳолат ба созиш омаданд.

ШМА Японияро дар ҷанги зидди Россия рағбатнок мекард. Япония аз ҷиҳати ҳарбӣ тайёр шуда, то эълони ҷанг флоти ҳарбиаш соли 1904 ба қувваҳои ҳарбии баҳрии Россия дар Порт-Артур ҳамла овард ва ба он талафоти калон расонд (Ба иловае, ки дар саҳифаи 155 оварда шудааст, нигаред).

Россия аз нигоҳи ҳарбию иқтисодӣ ба ҷанг тайёр набуд. Дар оқибати он ҳам дар баҳр, ҳам дар хушкӣ шикаст хӯрд. Ниҳоят,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Порт-Артур ҳам таслим шуд. Соли 1905 флоти рус дар назди Сусима зарбаи сахт дид. Ҳамин тариқ, флоти уқёнуси Ором тамоман мағлуб гардид.

Дар чунин шароит Россия ғайр аз имзои шартномаи сулҳ бо Япония роҳи дигар надошт. 23 августи соли 1905 бо миёнаравии ШМА чунин шартнома имзо шуд.

Мувофиқи шартнома Россия зери таъсири Япония будани Кореяро эътироф кард. Япония ҳуқуқи ба иҷора гирифтани Порт-Артурро пайдо кард. Қисми ҷанубии ҷазираи Сахалин ба Япония дода шуд.

***Демобилизатсия*** – озод кардан аз хизмати ҳарбӣ.
***Трактат*** – шартномаи байналмилалӣ, созишнома.

1. Империяи мустамликавии Россия аз дигар империяҳо бо кадом ҷиҳатҳои худ тафовут дошт?
2. Манфиатҳои Россия бештар аз ҳам бо давлати Усмонӣ зид меомад. Дар ин ҷо кадом омилҳо муҳиманд, эзоҳ диҳед.
3. Дар бораи ҷанги Россияю давлати Усмонӣ дар солҳои 1877–1878 ва оқибатҳои он чиҳоро дониста гирифтед?
4. Оқибатҳои ҷанги Россияю Япония аз чиҳо иборат буд?

1. Россия Осиёи Миёнаро бо кадом усул идора кард?
2. Моҳияти шартномаи Сан-Стефанорo эзоҳ диҳед. Он баъдтар чӣ гуна тағйир дода шуд?
3. Пайдо шудани бозори ягонаи дохилӣ баъди муттаҳид шудани Германия ба тараққиёти пуравҷи он оварда расонд. Россия гарчанде дар тӯли асрҳо давлати ягона буд, аз нигоҳи иқтисодӣ ақибмонда буд. Инро чӣ гуна эзоҳ дода мумкин?

## § 21. Ташкилёбии Думаи давлатии Россия

### Ҳаракати иҷтимоӣ

Сатҳи зиндагии аҳолии Россия нисбат ба давлатҳои Европаи Ғарбӣ хеле паст буд. Ин ҳолат натиҷаи набудани мухолифати конститутсионие, ки дар кишвар гузаронидани ислоҳоти амиқи иқтисодию сиёсиро талаб карда тавонад, буд. Сохти ҳукмрони мавҷуда душмани ашаддии гузаронидани ин гуна ислоҳот буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Рӯзи кории корхонаҳо 12 – 14 соат давом мекард. Коргари кирояи фабрика маҷбур буд, ки маҳсулотро аз дӯкони хӯҷаини худ чун насия бихарад. Дӯкон барои соҳибони корхона вазифаи воситаи эксплуататсияи иловагии коргаронро ичро мекард. Дар кишварҳои канории миллии дурдаст аҳволи коргарон хеле вазнин буда, онҳо ҳуқуқе надоштанд.

Дар ҷамъият гурӯҳҳо ва ташкилотҳое буданд, ки ғами дигар сохтани тартиботи мавҷударо мехӯрданд. Гурӯҳи „Озодкунии меҳнат“, ки ба он Г. В. Плеханов раҳбарӣ мекард, яке аз онҳо буд. Ин гурӯҳ соли 1883 ташкил шуд. Вай синфи коргарро қувваи инқилобӣ меҳисобид. Аммо тарафдори бо роҳи шӯриши мусаллаҳона гирифтани ҳокимият набуд. Вай тарафдори бо роҳи татбиқи ислоҳот дигар сохтани ҷамъият буд.

Соли 1895 дар Петербург „Иттифоқи муборизa барои озодкунии синфи коргар“ ташкил шуд. Соли 1898 ҳамаи гурӯҳҳои сотсиал-демократӣ ба „Ҳизби коргарии сотсиал-демократии Россия“ (ҲКСДР) муттаҳид шуданд. Аз соли 1903 сар карда раҳбарии қаноти болшевикии ин ҳизб ба В. И. Улянов (Ленин) гузашт.

Болшевикон барои барпо намудани ҷамъияте мубориза мебурданд, ки дар Россия мулки хусусиро мутлақо инкор карда, аъзоёни ҷомеа ба истисморшаванда ва истисморкунанда ҷудо намешаванд, ҳокимияти давлатӣ асосан ба дасти синфи коргар гузашта, тамоми мулк аз они давлат мегардид.

Онҳо барои бунёд кардани чунин ҷомеа ғояи бо роҳи шӯриши мусаллаҳонаи коргарон (аслан табаддулоти давлатӣ) дигар кардани сохти мавҷударо тарғиб мекарданд.

### Оғози инқилоби соли 1905

9-уми январи соли 1905 дар таърихи Россия инқилоби аввалин рӯй дод. Ин инқилоб дар натиҷаи бад шудани аҳволи зиндагии меҳнаткашони Россия, хусусан баъди ҷанги русу япон ба амал омад.

9-уми январи соли 1905 аз коргарони Петербург 250 ҳазор нафар ҳанӯз ҳам ба „одилӣ“-и император бовар карда, барои баёни илтимоси худ ба намоиши осоишта баромаданд. Дар илтимосномаи онҳо чег задани Маҷлиси муассисон, додани озодиҳои демократӣ, ҷорӣ намудани рӯзи кори 8-соата зикр шуда буд.

Аммо Николайи дуюм намоиши осоиштаро зери тир гирифт. Ин воқеа дар таърихи Россия бо номи „Якшанбеи хунин“ даромадааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҷавобан ба воқеаи „хунин“-и Петербург коргарони Москва, Рига, Варшава, Боку ва дигар шаҳрҳо корпартоӣ намуданд, намоишҳо авҷ гирифтанд. Дар кишвар ҳаракати деҳқонӣ из сар шуд. Ҳаракати инқилобӣҳатто ба баъзе қисмҳои ҳарбӣ низ таъсир расонд. Масалан, матросҳои броненосеси „Потёмкин“-и флоти баҳри Сиёҳ тобистони соли 1905 шӯриш бардоштанд.

### Ташкилёбии парламент дар Россия

Чунин давом кардани ҳаракати инқилобӣ Николаи II-ро маҷбур кард, ки ба қароре ояд. Он Манифест эълон кард. Дар ин манифест озодии виҷдон, сухан, матбуот, гузаронидани ҷамъомадҳо ва ташкили иттифоқҳои гуногун, инчунин ҷорӣ карда шудани ҳокимияти қонунбарор – Думаи давлатӣ (парламент) ваъда дода шуда буд.

Ҳукумат декабри соли 1905 дар бораи интихобот ба Думаи давлатӣ қонун қабул кард. Моҳи апрели соли 1906 Думаи якуми давлатӣ кори худро сар кард. Масъалаи аграрӣ масъалаи асосии фаолияти Дума гардид. Чоряки депутатҳо аз намояндагони деҳқонон буданд. Онҳо дар дума ба байни деҳқонон тақсим кардани тамоми заминро талаб мекарданд. Ин дар амал маънои нест шудани заминдории помешикиро дошт.

Николаи II аз вазъияти кори дума дар хавотир буд. Дума чуноне, ки подшоҳ мехост, гапдаро набаромад. Аз ин боис Николаи II думаро пароканда кард.

Январи соли 1907 ба Думаи дуюми давлатӣ интихобот гузаронида шуд. Дар ин Дума низ масъалаи аграрӣ масъалаи асоситарин шуд.

Дума оид ба масъалаи аграрӣ лоиҳаи пешниҳодкардаи ҳукуматро тасдиқ накард. Ҳукумат дарҳол „сотсиал-демократҳои дума ба табаддулоти давлатӣ тайёрӣ мебинанд“ гуфта айб гузошт ва талаб кард, ки онҳоро аз дума бароранд. Бо баҳонаи тӯл кашидани ҷавоб ба он талаб Николаи II 3 июн бори дигар думаро пароканда кард. Ҳамин тариқ, инқилоби нахустини рус бо мағлубият поён ёфт.

### Қонуни нав оид ба интихобот

3 июни соли 1907 қонуни нави интихобот қабул шуд. Дар қонуни нав манфиати табақаи ҳукмрон пурра ифода ёфта буд. Масалан, овози як помешик ба овози 4 буржуазияи калон, 260 нафар деҳқон ва 543 нафар коргар баробар буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар айни замон парламенти Россия ба парламенти дупалатагӣ табдил ёфт. Шӯрои давлатӣ вазифаи палатаи болоии парламентро иҷро мекард. 50 фоизи аъзоёни Шӯрои давлатиро император таъин мекард. Ҳукумат дар назди император ҷавобгар буд. Вай ҳуқуқи „вето" ҳам дошт. Зоҳиран Россия ба монархияи конститутсионӣ табдил ёфта буд.

Дар амал бошад, ҳокимияти подшоҳ номаҳдуд монда буд ва ба халқ баъзе ҳуқуқҳо, аз ҷумла ба коргарон ҳуқуқи муттаҳид шудан ба иттифоқҳои касаба дода шуд.

Барои корпартоӣ ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидан бекор ва деҳқонон аз супурдани ҳаққи замин озод карда шуданд.

Дар ихтиёри ҳокимияти подшоҳ бошад ҳам муассисаи ваколатӣ – парламент ҷорӣ карда шуд.

***Манифест*** (лотинӣ) – мурочиати хаттии ҳукумат ба халқ бино ба воқеаи хеле муҳим.

***Эксплуататсия*** (французӣ) – аз худ кардани меҳнати дигарон аз тарафи мулкдорон.

1. Хусусиятҳои ба худ хоси ҳаракати иҷтимоии Россияро қайд кунед.
2. Ба таълимоти болшевикҳо оид ба аз навсозии ҷамъият аз нуқтаи назари имрӯз баҳо диҳед.
3. Дар бораи сабабҳо ва оқибатҳои инқилоби якуми рус чиҳоро дониста гирифтед?
4. Дар Россия парламент (Думаи давлатӣ) чӣ хел ба вуҷуд омад?

1. Дар бораи аҳволи корхонаҳои Россия мулоҳиза ронед.
2. „Якшанбеи хунин" ба кадом оқибатҳо оварда расонд?
3. Дар бораи қонунҳои Россия оид ба интихобот реферат тайёр кунед.

Дар бораи Думаи давлатии имрӯзаи Федератсияи Россия маълумот гирд оваред.

## § 22. Империяи Австрияю Венгрия дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

**Сохти сиёсӣ**

Империяи Австрияю Венгрия соли 1867 дар асоси созишномаи доираҳои ҳукмрони Австрия ва Венгрия ташкил ёфт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба таркиби шоҳии Австрия империя Чехия, Моравия, Галитсия ва Буковина, ба таркиби Венгрия бошад, Словакия, Хорватия ва Трансилвания дохил мешуд.

Худи ҳамон сол конститутсияи нави империя қабул шуд. Мувофиқи он ҳукмдори умумии империя императори Австрия буд. Император аз намояндаи сулолаи Габсбургҳо буд. Ин сулола империяро аз соли 1867 то соли 1918 идора кардааст.

Дар Австрия ҳокимияти император аз тарафи рейхстаг, дар Венгрия бо Сейм маҳдуд шуда буд. Аз ин рӯ Австрияю Венгрия монархияи конститутсионӣ буд.

Баъди ташкилёбии империя 3-то вазорати умумиимпериявӣ таъсис дода шуд: 1. Корҳои хориҷӣ. 2. Ҳарбӣ ва баҳрӣ. 3. Молия. Дигар вазоратҳо дар ҳар ду қисми империя ҳаври мустақил фаъолият доштанд. Венгрия ба парламент, ҳокимияти иҷроия, ба маъмурияти сиёсӣ ва мухторияти маъмурии худ соҳиб буд. Аксарияти империяро мардумони славяни тобеъгардида ташкил медоданд.

**Тараққиёти иқтисодии Австрияю Венгрия**

Дар чоряки охири асри XIX Австрияю Венгрия нисбат ба дигар давлатҳои мутараққии Европа ақибмонда буд. Дар кишвар мавҷуд будани боқимондаҳои феодализм суръати тараққиёти саноатиро нисбат ба кишварҳои пешрафтаи Европа суст мекард.

Аҳолии шаҳрҳо сеяки аҳолии тамоми Австрияю Венгрияро ташкил медод. Ҳатто дар қисми хеле пешрафтаи империя – Австрия аҳолии деҳот аксариятро ташкил мекард.

Созишномаи Австрияю Венгрия барои аз нигоҳи иқтисодӣ пеш рафтани Венгрия омили муҳим шуд. Дар заминаи саноати ангишти Венгрия соҳаи металлургия инкишоф ёфт. Лекин дар Венгрия саноати озуқаворӣ соҳаи асосӣ шуда монд. Дар Венгрия нисфи маҳсулоти озуқаи империя истеҳсол карда мешуд.

Дар минтақаҳои индустриалии империя ба мисли Австрияи поён ва Чехия мутамарказ шудани истеҳсолот ва пайдошавии монополияҳо хеле босуръат давом мекард.

Дар ибтидои асри XX капитали ссуда (қарз) асосан дар банкҳои калони Вена ғун шуд. Дар ҳаёти кишвар таъсири олигархияи молиявӣ пурзӯр шудан гирифт.

Дар айни замон як хусусияти ба худ хоси тараққиёти империя – ба капитали хориҷӣ вобаста будани он пурзӯр буд. Банк-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳои Франсия, Белгия ва Германия бо роҳи қарз додан ва ба саноат маблағ ҷой кардан, Австрияро бо капитали худ пур карда партофтанд.

Соҳаҳои саноати металлургия, мошинсозӣ, электротехникаи Австрияю Венгрияро фирмаҳои Германия аз ҷиҳати молиявӣ таъмин карда меистоданд. Мавқеи капитали немисҳо дар корхонаҳои бофандагӣ ва мошинсозӣ ҳам баланд буд. Капитали немис ба соҳаи кишоварзӣ ҳам даромада омад.

**Ҳаракати иҷтимоӣ**

Меҳнаткашони империя барои ҳуқуқи худ мубориза бурдаанд. Чунончи, дар пойтахти империя – шаҳри Вена намоиши оммавии коргарон ба амал омад. Намоишчиён озодиҳои демократиро талаб мекарданд.

Ҳукумат ҷавобан ба он раҳбарони ҳаракати коргарии Австрияро дар хиёнат ба давлат айбдор карданд. Суд онҳоро ба муддатҳои дароз аз озодӣ маҳрум кард.

Ҳукумати Австрия ҳам аз Бисмарк иборат гирифта, соли 1884 бар зидди ҳаракати коргарӣ „қонуни фавқулодда“ ҷорӣ кард. Ин қонун бар зидди ҳаракати коргарӣ барои пурзӯр намудани террори политсия рухсат медод. Иттифоқҳои касаба пароканда карда шуданд. Нашри рӯзномаҳои коргарӣ манъ шуд. Сарфи назар аз он, коргарон муборизаро давом медоданд. Соли 1889 Ҳизби сотсиал-демократии Австрия (ҲСДА) ташкил ёфт.

Дар барномаи ҳизб ҷорӣ намудани озодиҳои сиёсӣ, қабул кардани қонун дар бораи интихоботи парламент бо роҳи овоздиҳии баробар, бевосита ва пинҳонӣ, аз давлат ва мактаб ҷудо кардани калисо, кам кардани рӯзи корӣ талаб карда мешуд.

Ҳаракати коргарӣ торафт қувват гирифта, ҳукумат маҷбур шуд, ки соли 1907 дар бораи ислоҳоти тартиби интихобот қонун қабул кунад.

**Ҳаракати миллию озодихоҳӣ**

Дар империя қувваҳои шовинистие буданд, ки дар ҳар хел шароит халқҳои славянро дар ҳолати мустамлика нигоҳ доштанӣ мешуданд. Онҳо ҳатто ҳизбҳои сиёсии худро ташкил карданд. Яке аз онҳо Ҳизби пангерманӣ, дигар Ҳизби сотсиалистҳои христиан буд.

Арбобони Ҳизби сотсиал-демократҳои христиан, ки аксарашон католикҳо буданд, ғояи „Германияи бузург“-ро якҷоя бо ғояи осоиштагии синфӣ, „бо рӯҳи ваҳдат ва муҳаббат“ ҳал кардани ҳар гуна низоъҳои иҷтимоӣ ва антисемитизм тарғиб мекарданд. Аммо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

доираҳои ҳукмрон ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои славянро боздошта натавонистанд.

Мухолифати чех ба Чехия ҳам додани ҳуқуқҳои сиёсиро талаб мекард. Ҳукумат ҷавобан ба он чораҳои таъқибро пурзӯр кард. Дар Чехия ҳатто ҳолати муҳосира эълон гардид. Аммо ин усул иродаи мухолифати чехро шикаста натавонист. Мубориза давом кард, ниҳоят дар корҳои суд ва маъмурӣ ду забон ҷорӣ карда шуд. Таҳсил дар донишгоҳи Прага ба ду забон (немис ва чех) мебурдагӣ шуд.

Дар Галитсия халқи украин зери зулми миллӣ қарор гирифта буд. Ҳукумати Австрия бо доираҳои ҳумкрони Галитсия созишнома имзо карда, идора кардани кишварро ба дасти онон супурд.

Дар даҳсолаи охири асри XIX зулми миллӣ боз ҳам пурзӯр шуд. Аҳолии украини Закарпате „венгр“ кунонида шуд. Хорватия доимо дар ҳолати ҳарбӣ ва фавқулодда нигоҳ дошта шуд, эътирози халқ бо таъқиби сахт бешафқатона пахш мегардид.

**Бӯҳрони иқтисодӣ**

Соли 1912 дар Австрияю Венгрия бӯҳрони вазнини иқтисодӣ рӯй дод. Корхонаҳои калони саноатӣ ва савдо касод шуданд. Имконияти экспорти империя якбора кам шуд. Ин бошад кризиси иқтисодиро боз ҳам чуқур кард. Сатҳи зиндагии мардум паст шуд. Табақаҳои ҳумкрони империя зулми миллиро боз ҳам пурзӯр карданд. Дар оқибати он муборизаи иқтисодӣ ва миллию озодихоҳӣ тезутунд шуда рафт.

Ба вазъияти вазнини империя нигоҳ накарда, доираҳои ҳукмрони Венгрия дар сиёсати истилогаронаи Австрия дар Балкан фаъол иштирок карданд. Ҳатто лашкар аз сари нав ташкил карда шуд. Ин маънои тайёрии империя ба ҷангро дошт.

Дар шаҳри асосии Венгрия–Будапешт бар зидди ҳарбикунонии кишвар, зулми миллӣ ва омодагӣ ба ҷанг намоиши бисёрҳазорнафара ба амал омад. Қувваҳои политсия зидди намоишчиён фиристода шуд. Оқибат дар Будапешт баррикадаҳо пайдо шуданд. Аммо нисбати қувваҳо баробар набуданд. Аз ин рӯ коргарон маҷбур шуданд намоишро бас намоянд.

Ҳаракати иҷтимоӣ ва муборизаи миллию озодихоҳии славянҳои таркиби империя аз чуқур шуда рафтани бӯҳрон дар империяи Австрияю Венгрия далолат медод.

Дар чунин шароит баъзе аз арбобони сиёсат триализм (сегонагӣ) ро талаб намуданд. Ғояи триализм дар ҳайъати империя ташкил шудани федератсияи се ҳудуд – Австрия, Венгрия ва заминҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

славяниро пешниҳод мекард. Аммо доираҳои ҳукмрон аз пурзӯр шуда рафтани қисми славянии федератсия тарсида, ғояи триализмро рад карданд.

Ин ҳолат барои боз ҳам тезутунд шудани зиддиятҳои дохилии империя дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳон сабаб шуд.

***Федератсия*** (лотинӣ – иттифок) – давлати ягонаи иттифоқӣ, ки аз якчанд давлатҳои дорои мустақилии муайяни сиёсӣ буда, дар як ҳудуд мебошанд.
***Ссуда*** – аз ҳисоби гарави сарвати моддӣ пардохтани фоиз ва бо шарти баргардонида додан, гирифтани пул ё сарвати моддӣ ба муддати муайян.
***Антисемитизм*** – сиёсати миллию нажодпарастии зидди яҳудиёнро авҷ додан.
***Баррикада*** – садди (девори) сунъӣ гузоштан.

1. Сохти сиёсии империяҳои Австрияю Венгрия ва Германияро муқоиса кунед.
2. Омилҳоеро, ки сабабҳои ақибмонии тараққиёти иқтисодии Австрияю Венгрия мешуданд, эзоҳ диҳед.
3. Ҳаракати иҷтимоӣ чист ва он дар Австрияю Венгрия чӣ хел сурат гирифт?
4. Мафҳуми „Ҳаракати миллию озодихоҳӣ“-ро шарҳ диҳед. Сабабҳои хеле тезутунд сурат гирифтани ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар Австрияю Венгрия аз чиҳо иборат буданд?

1. Капитали хориҷӣ дар инкишофи Австрияю Венгрия чӣ гуна рол бозид?
2. Моҳияти „Қонуни фавқулодда“ аз чиҳо иборат буд?
3. Дар Чехия аз чӣ сабаб ҳуҷҷатҳо ба ду забон бурда мешуд?
4. Австрияю Венгрия ба ҷанг чӣ гуна тайёрӣ медиданд?

## § 23. Сиёсати хориҷии империяи Австрияю Венгрия

### Наздикшавӣ бо Германия

Дар маркази сиёсати хориҷии империяи Австрияю Венгрия асосан масъалаи нимҷазираи Балкан қарор гирифта буд. Аз ин боис он барои мустаҳкам ҷой гирифтан дар заминҳои славянҳои Балкан ва суст кардани таъсири Россия дар ин минтақа ҳаракат мекард.

Австрияю Венгрия дар танҳоӣ ин вазифаро ҳал карда наметавонист. Аз ин боис вай ба Германия наздик шуд. Дар навбати худ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Германия ҳам аз ин наздикшавӣ манфиатдор буд. Чунки ин вақт Германия барои аз нав тақсим кардани дунёи дар байни давлатҳои азим тақсимшуда кӯшиш мекард. Барои ҷомаи амал пӯшидани ин орзу барои Германия иттифоқчӣ зарур буд.

**Муносибатҳои байни Австрияю Венгрия ва Россия**

Манфиати ин ду империя асосан дар нимҷазираи Балкан бархӯрда буд. Австрияю Венгрия барои ба худ мутеъ кардани халқҳои славяни нимҷазира ва ба мустамлика табдил додани кишвари онҳо ҳаракат мекард. Дар айни замон давлати Усмонӣ дар Балкан ҳудуди калони мустамлика дошт.

Халқҳои славян барои озодии миллии худ ҳамеша мубориза мебурданд. Онҳо дар ин мубориза ба Россия такя мекарданд. Россия баробари дастгирӣ кардани муборизаи миллию озодихоҳии халқҳои славян худаш низ мавқеъашро дар Балкан мустаҳкам карданӣ буд.

Аз ин боис манфиатҳои се империя дар Балкан доим ба ҳам зид меомад.

Сиёсати Австрияю Венгрия дар Балкан ба бадшавии муносибати он бо Россия оварда расонд. Эҳтимолияти сар шудани ҷанг байни ин ду империя наздик мешуд.

Дар конгресси Берлин Австрияю Венгрия ҳуқуқи зери итоат кардани Босния ва Герсеговинаро гирифт. Акнун мақсади он вазъияти мусоидро мунтазир шуда, ин ҳудудро истило намудан буд. Ниҳоят Австрияю Венгрия соли 1908 ба мақсади худ расид. Ин боиси боз ҳам тезутунд шудани муносибатҳои Австрияю Венгрия ва Россия гардид.

Ин ҳодиса, хусусан ба обрӯи Россия дар байни мардуми славян футур расонд. Чунки Россия пеши роҳи истилои Австрияю Венгрияро гирифта натавонист. Ба ин аз тарафи Германия дастгирӣ шудани Австрияю Венгрия ва дӯғу пӯписаи он оид ба сар кардани ҷанги зидди Россия сабаб шуд.

**Ба ҷанг тайёрӣ дидани Австрияю Венгрия**

Ба ҳам зид омадани манфиатҳои давлати Усмонӣ ва Италия дар Африкаи Шимолӣ дар ниҳояти кор ба сар задани ҷанги байни онҳо дар соли 1911 оварда расонд. Мағлубияти Туркия дар ин ҷанг онро хеле заиф кард. Ин ҳолат барои авҷи муборизаи миллии халқҳои славян аз зулми Туркия шароити мусоидро ба амал овард. Давлатҳои мустақили Балкан – Булғория, Сербия, Черногория ва Юнони ба онҳо ҳамроҳшуда аз ин шароит истифода бурда,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Иттифоқи Балканро ташкил карданд. Соли 1912 ин иттифоқ зидди давлати Усмонӣ ҷангро сар кард. Ин ҷанг ба таърих бо номи „Ҷанги якуми Балкан“ дохил шудааст. Ин ҷанг бо озод шудани славянҳо ва юнониҳои Балкан аз ҳукмронии давлати Усмонӣ ба охир расид. Аммо иттифоқчиён дар масъалаи тақсим кардани заминҳои аз давлати Усмонӣ озоднамуда муросо карда натавонистанд. Барои ин даъвои Булғория барои гирифтани ҳиссаи калон сабаб шуд. Ин даъво аз тарафи Австрияю Венгрия дастгирӣ пайдо кард. Австрияю Венгрия бо ҳамин роҳ иттифоқи Балканро, ки ба мадади Британияи Кабир, Франсия ва Россия умед баста буд, вайрон карданӣ буд. Чунки ин иттифоқ ба мустаҳкам шудани мавқеи Австрияю Венгрия дар Балкан имкон намедод.

Австрияю Венгрия ба ин мақсади худ расид. Ин империя соли 1913 ба Булғория, Сербия ва Юнон ҳуҷум кард. Ҳамин тариқ, Ҷанги дуюми Балкан сар шуд. Дар ин ҷанг Черногория ва Руминия ба Сербия ва Юнон ёрӣ расонданд. Душмани дирӯзаи умумӣ–давлати Усмонӣ ҳам бар зидди Булғория меҷангид.

Дар Ҷанги дуюми Балкан Булғория шикаст хӯрд ва аз як қисми ҳудуди ба даст овардааш маҳрум шуд.

Дар натиҷаи ҷанг Сербия ба давлати пешқадами Балкан табдил ёфт. Ҳамин тавр ҳолати ғайричашмдошт барои Австрияю Венгрия рӯй дод. Акнун Австрияю Венгрия ва Германия мағлуб сохтани Сербияи тавоногашта ва бо ҳамин усул расонидани футур ба таъсири Россия дар Балканро дар назди худ мақсад карда гузоштанд.

Мақсадҳои Австрияю Венгрия онро дар бобати сиёсати беруна тобеи мутлақи Германия карда монд. Австрияю Венгрия ба ҷанг тайёрӣ медид. Дар кишвар қисман сафарбарӣ эълон шуд. Соли 1914 парламент пароканда карда шуд. Дар чунин вазъияти ногувор аз тарафи миллатчиёни серб 28 июли соли 1914 кушта шудани вориси тахти Австрияю Венгрия Франс-Фердинанд барои сар кардани ҷанг аз ҷониби доираҳои ҳукмрони Австрияю Венгрия баҳона гардид. Дар кишвар диктатураи ҳарбӣ барпо шуд.

***Диктатураи ҳарбӣ*** – ҳокимияти номаҳдуди ҳарбиён.

1. Австрияю Венгрия чаро сиёсати наздикшавӣ бо Германияро пеш гирифтанд?
2. Муносибатҳои Австрияю Венгрия ва Россия чӣ хел сурат гирифт?
3. Дар бораи ҷанги Балкан чиҳоро дониста гирифтед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Чаро обрӯи Россия дар байни халқҳои славяни Балкан паст фаромад?
2. Иттифоқи Балкан чӣ гуна ташкил шуд?
3. Австрияю Венгрия ба ҷанги якуми ҷаҳон чӣ гуна тайёрӣ медид?
4. Дар мисоли Булғория имконпазирии якбора ба якдигар душман шудани давлатҳои дирӯз иттифоқчиро чӣ гуна эзоҳ медиҳед?

## § 24. Италия дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

**Сохти сиёсии Италия**

Дар ҷанги зидди Пруссия мағлубшавии Франсия имкон дод, ки барои пурра муттаҳид шудани Италия садди охирин бартараф карда шавад.

3-юми октябри соли 1870 шаҳри Рим, ки зери ҳимояи лашкари Франсия буд, ба пойтахти шоҳии Италия табдил дода шуд. Ҳокимияти папа бо қасри Ватикан маҳдуд карда шуд. То ин дам папа Пийи IX барои ба Италия ҳамроҳшавии Рим зид баромада буд, онро лашкари Франсия ҳимоя мекард.

Италия аз нигоҳи сохти сиёсӣ монархияи конститутсионӣ шуда монд. Мувофиқи конститутсия парламенти дупалата (Сенат ва палатаи депутатҳо) ташкил карда шуд. Шоҳ Виктор Эммануили II ҳокимияти қонунбарорро бо парламент бо ҳам дид. Сенаторон аз тарафи шоҳ умрбод таъин мешуданд. Ҳокимияти иҷроия дар дасти Сарвазир буд.

Дар конститутсия баробарии ҳамаи шаҳрвандон дар назди қонун, дахолатнопазирии ҷои иқомат, озодии сухан ва матбуот, гузаронидани ҷамъомадҳо эътироф шуда буд. Мазҳаби католикии дини насронӣ дини ягона шуда монд. Соли 1871 қонуне қабул шуд,ки он муносибатҳои давлат ва калисоро ба тартиб меандохт. Қонун папаи Римро муқаддас ва дахолатнопазир эълон кард ва ба қароргоҳи он шаҳрдавлати Ватикан ҳуқуқи ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ бо дигар давлатҳо дода шуд.

**Аҳволи иқтисодӣ**

Чун давлати миллӣ муттаҳид шудани Италия ҷараёни барқарор шудани сохти капиталистиро дар кишвар тезонид ва барои он шароит фароҳам овард. Аммо Италия ҳанӯз давлати аграрӣ монда буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Нисбат ба замин, асосан заминдории калон нигоҳ дошта шуд. Зиёда аз ин дар соҳа шаклҳои ақибмондаи истифодаи замин мавҷуд буд. Қисми калони замини помешикон ба порчаҳои хурд тақсим карда, бо шартҳои вазнин (бо шарти супурдани 3/4 қисми ҳосил) ба деҳқонон ба иҷора дода мешуд.

Дар айни замон дар назди мамлакат муаммоҳои калони молиявӣ пайдо шуд. Он дар оқибати зиёдшавии қарзи дохилию берунии Италия сар зад.

Барои пӯшонидани хароҷоти афзоянда ҳукумат заёмҳои давлатӣ баровард, инчунин маҷбур шуда, аз соҳибони капитал дар дохил ва хориҷи кишвар ёрдам пурсид.

Дар натиҷаи он қарзи давлатии Италия бошиддат меафзуд. Сарфи назар аз он, капитализм реша медавонд. Ҳукумат сохтмони роҳи оҳанро вусъат дод.

Сохтмони флоти савдо низ авҷ гирифт. Дере нагузашта флоти савдои Италия дар дунё ба ҷои сеюм баромад. Ҳукумат дуто туннеле сохт, ки он Италияро бо Франсия ва Швейтсария мепайваст. Соҳаҳои нави саноат ба шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ пайдо мешуданд. Мавқеи капитали банкӣ дар иқтисодиёти кишвар боло мерафт.

Ҷамъияти саҳҳомии „Фиат“, ки соли 1906 ташкил шуда буд, дар соҳаи кимиё, резина, мошинсозӣ, электр, саноати автомобил ва монанди инҳо мавқеи бузург дошт.

То саршавии Ҷанги якуми ҷаҳон Италия кишвари аграрӣ монд, аксари аҳолии коршоям дар соҳаи кишоварзӣ меҳнат мекард. Аммо шумораи аҳолие, ки бо кишоварзӣ машғул бояд шавад, дар деҳот сол то сол кам мешуд.

**Ҳаракати иҷтимоӣ**

Аҳволи меҳнаткашони кишвар хеле вазнин буд. Италия дар бобати ба сари аҳолӣ тақсим намудани даромад дар Европаи Ғарбӣ ҷои охиринро ишғол мекард.

Аҳвол хусусан дар ҷануби мамлакат вазнин буд. Дар оқибати он аксари шаҳрвандони Италия барои кор ба кишварҳои хориҷа мерафтанд.

Халқи Италия барои беҳбудии аҳволи худ ва ҳуқуқҳояш маҷбур буд мубориза барад. Дар оқибати ин мубориза Ҳизби сотсиалистии Италия ташкил ёфт.

Аҳволи деҳқонон низ хеле вазнин буд. Ин зиндагии вазнин ба сар шудани шӯриши деҳқонон дар Ситсилия оварда расонд. Корпартоии умумие, ки соли 1898 дар Милан рӯй дод, ба ҷангҳои бар-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рикадавии 5-рӯза оварда расонд. Ҳукумат ҳаракати коргаронро ба қувваи армия пахш намуд.

Дар байни солҳои 1903–1914 (бо танаффусҳои маълум) ҳукумати Италияро арбоби намоёни сиёсии ҳамон Ҷ. Ҷолитти идора кард. Ҷ. Ҷолитти нағз медонист, ки имконияти харидкунии аҳолиро таъмин накарда, истеҳсолоти саноатиро ривоҷ додан мумкин нест. Барои ин ба меҳнаткашон музди нағз додан зарур аст. Аз ин хусус вай „Дар сафи пеши тараққиёти саноатӣ кишварҳои музди меҳнаташ калон меистанд“ гуфта буд. Дар даври вай қонунҳое қабул шуданд, ки барои ташкили иттифоқҳои касаба, корпартоӣ рухсат медоданд, истифодаи меҳнати занон ва бачагонро дар сменаи шабона манъ мекарданд, сензи molу мулк ва саводнокии интихобкунандагонро бекор кард.

Дар айни вақт вай тарафдори баланд кардани роли давлат дар иқтисодиёти кишвар буд. Бино ба фикри вай давлат бояд дар байни меҳнат ва капитал вазифаи доварро иҷро намояд.

**Сиёсати хориҷӣ**

Дар сиёсати хориҷии Италия таъсири тарафдорони „ирредентизм“ пурзӯр шуда буд. Ин ҳолат муносибатҳои онро бо кишварҳои ҳамсоя бад мекард.

Он ҳудудҳоеро, ки Италия мехост дар Африкаи Шимолӣ забт намояд, он ҷойҳоро пасу пеш Франсия ишғол кард. Ин ҳолат Италияро бо Германия наздик кард. Италия ба Иттифоқи Австрияю Венгрия ва Германия ҳамроҳ шуд.

Италияи дорои иттифоқчӣ дарҳол Сомалиро истило намуд. Дере нагузашта Эритреяро ҳам забт кард. Инчунин ба Эфиопия ҳамла овард.

Барои истилои мустамликаҳои нав шароити мусоид бояд фароҳам меовард. Ҳукумати Италия айнан ин гуна шароитро фароҳам сохт.

Масалан, муносибатҳои тезутунди байни Италия ва Франсияро бартараф карда шуд. Соли 1902 байни ин ду давлат созишнома имзо гардид. Мувофиқи он агар ба яке аз ин давлатҳо давлати дигар ҳуҷум кунад, мавқеи қатъии бетарафиро ишғол мекунанд.

Италия ба Австрия барои истилои Босния ва Герсеговина эътирози қатъӣ баён кард ва 1909 ба Россия созишномаеро имзо кард, ки тибқи он ҳар ду тараф манфиатҳои худро дар нимҷазираи Балкан ҳимоя мекарданд. Ҳар ду давлат барои нишон додани муқовимат ҳангоми ба кишварҳои Балкан даромадани Австрияю Венгрия аҳду паймон намуданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Италия шароити мусоиди дипломатӣ фароҳам сохта, соли 1911 ба Либия ҳамла овард. Либия он замон расман дар таркиби империяи давлати Усмонӣ буд. Ин ҳолат сабабгори ҷанги Италияю давлати Усмонӣ шуд. Ҷанг ба ғалабаи Италия поён ёфт. Аз соли 1912 сар карда, Либия ба мустамликаи Италия табдил ёфт.

***Сензи мулк*** – барои иштирок дар интихобот соҳиби мулки муайян будани шаҳрвандон (дар дигар давлатҳо низ буд)

***Ирредентизм*** – ҳаракати миллатчиён, ки забти ҳудудҳои давлатҳои ҳамсояро, ки дар он ҷойҳо италянҳо иқомат доштанд, тарғиб мекарданд.

1. Сабабҳои нисбат ба дигар давлатҳои Европаи Ғарбӣ аз нигоҳи иқтисодӣ заиф ва давлати аграрӣ шуда мондани Италияро қайд намоед.
2. Хусусиятҳои ба худ хоси тараққиёти иқтисодии Италияро эзоҳ диҳед.
3. Дар бораи қисмати вазнини меҳнаткашони Италия чиҳоро дониста гирифтед?
4. Ҳукумати Ҷ. Ҷолитти дар сиёсати дохилиаш кадом тадбирҳоро амалӣ намуд?

1. Сохти сиёсии Италияро эзоҳ диҳед.
2. Кадом соҳаҳои саноати Италия тез тараққӣ мекард? Чаро?
3. Дар бораи фаъолияти ҷамъияти саҳҳомии „Фиат“ маълумот ҷамъ карда, реферат тайёр кунед.
4. Дар бораи муносибатҳои Италияю Россия мулоҳиза ронед.

## § 25. Давлатҳои Балкан дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

### Аз тарафи Туркия истисмор шудани давлатҳои Балкан

Дар солҳои 70-уми асри XIX ҳам аксарияти славянҳои ҷанубӣ зери юғи истилогарони хориҷӣ зиндагӣ ба сар мебурданд. Танҳо як қисми заминҳои Черногория ва Сербия мустақил буданд. Славянҳои ҷанубӣ–булғорҳо, македониягиҳо, славянҳои Босния ва Герсеговина, қисми калони сербҳо ҳанӯз зери ҳукмронии давлати Усмонӣ буданд.

Хорватҳо, словенҳо, як қисми славянҳои ғарбӣ (чех, словак, полякҳо) таҳти ҳукмронии Габсбургҳо монда буданд. Қисми дуюми



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

полякҳо аз зулми Германия, қисми сеюмашон аз дасти Россияи подшоҳӣ дар азоб буданд. Зулми хориҷиён барои тараққиёти сиёсию иқтисодӣ ва мадании халқҳои славян монеъгӣ мекарданд.

**Ҳаракати миллию озодихоҳӣ**

Аз солҳои 70-уми асри XIX сар карда муборизаи миллию озодихоҳии мардуми славян вусъат гирифт. Инқилобчии ҷасури булғор Васил Левский нақшаи барпо намудани Республикаи демократии мустақили Булғорияро кашида буд. Вай дар Булғория кумитаҳои пинҳонии шӯришгаронро ташкил кард. Соли 1872 В. Левскийро гарчанде қатл карданд, аммо ҳаракати озодихоҳӣ суст нашуд. Соли 1876 дар Булғория шӯриш сар шуд. Шиори „Озодӣ ё марг!“ дар байрақи шӯришгарон сабт ёфта буд. Публисист ва шоири моҳир Христо Ботев ба ҳаракати озодихоҳӣ сарварӣ мекард. Вай дар ҷанги зидди туркҳо 1-уми июни соли 1876 қаҳрамонона ҳалок шуд. Рӯзи ҳалок шудани он дар Булғория чун Рӯзи хотира қайд мешавад.

Муборизаи халқи булғор хеле пурмашаққат давом кард. Қувваҳо баробар набуданд. Туркҳо иштирокчиёни озодихоҳиро бераҳмона аз шамшер гузаронида, аксари деҳоти онҳоро ба хокистар табдил доданд.

Ин ваҳшоният аҳли ҷамъияти аксар кишварҳоро дарғазаб намуд. Ҳукумати Россия бо нияти мустаҳкам намудани мавқеи худ дар Балкан аз шӯришҳо истифода бурданӣ шуд ва тарафи славянҳои Балканро гирифт.

Давлати Усмонӣ маҷбур шуда, истиқлоли Черногория ва Сербияро эътироф кард. Ҳудуди онҳо хеле васеъ шуд. Руминия ҳам чун давлати мустақил эътироф шуд.

Ҳукумати Россия 24-уми апрели соли 1877 бар зидди давлати Усмонӣ ҷанг эълон кард. Дар ин ҷанг давлати Усмонӣ мағлуб гардид, давлати мустақили Булғория ташкил карда шуд.

**Аз нав барқарорёбии Булғория**

Сохти давлатии Булғорияи аз нав ташкилшударо Конститутсияи соли 1878-уми он пешбинӣ мекард. Бинобар он дар Булғория монархияи конститутсионӣ эълон шуд. Конститутсия истиқлоли Булғорияро дар амал тасдиқ намуд.

Аммо аз мустаҳкамшавии мавқеи Россия дар Балкан ва ташкилёбии Булғорияи тавоно Британияи Кабир ва Австрияю Венгрияро ба ташвиш андохт. Аз ин боис онҳо Россияро маҷбур карданд, ки барои аз нав дида баромадани сулҳи Сан-Стефано розигӣ диҳад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Конгресси байналмилалии Берлин айнан ба ҳамин масъала бахшида шуда буд. Конгресс ин масъаларо дида баромад ва дар бораи кам кардани ҳудуди Булғорияро, ки дар сулҳи Сан-Стефано зикр шуда буд, қарор қабул намуд.

**Аҳволи сиёсии дохилӣ баъди эълони истиқлол**

Императори Россия Александри II дар бораи ба тахти давлати Булғория шинондани додарарӯси худ ва дар айни замон афсари Пруссия Александр Баттенберг таклиф ба миён гузошт. Маҷлиси бузурги халқии Булғория ин пешниҳодро маъқул донист.

Аммо ҳукмдори нав сиёсати мустақилона аз Россияро пеш бурданӣ шуд. Барои он давлатҳои вайро дастгирикунанда зарур буд. Аз ин боис А. Баттенберг сиёсати наздикшавӣ бо давлатҳои Ғарбро пеш бурд. Ин сиёсати вай пеш аз ҳама иваз кардани афсарони рус, ки дар лашкари Булғория хизмат мекарданд, ба афсарони немис бараъло намоён шуд. Акнун ҳукумати Россия онро чун душмани давлати худ мешумурд.

Александр Баттенберг барои мустаҳкам намудани мавқеъаш дар мамлакат ҳаракат карда, ба Булғорияи ягона аз нав ҳамроҳ шуданн қисми ҷанубӣ ва шимолиро эълон намуд. Ин ҳолатро дигар давлатҳои славянии Балкан зидди манфиатҳои худ донистанд.

Россия ҳам мебоист манфиатҳои онҳоро низ ба инобат мегирифт. Аз ин сабаб ҳукумати Александри II ба сифати эътироз афсарони худро аз Булғория чеғ зада гирифт. Дар чунин шароит як гурӯҳи афсарони олимақоми тарафдори Россия соли 1886 Александр Баттенбергро маҷбур карданд, ки аз тахт даст кашад. Аммо қувваҳои ҳукумат он афсаронро ба ҳабс гирифтанд. Дар ниҳояти кор муносибатҳои дипломатии Россияю Булғория канда шуд. Бар замми он ба тахти Булғория номзади Австрияю Венгрия Фердинанд Кобург гузашт.

Соли 1908 Булғорияи ба мадади Австрияю Венгрия умедвор худро аз давлати Усмонӣ комилан мустақил эълон кард.

Дар Ҷанги дуюми ҷаҳон шикаст хӯрдани Булғория тамоилҳои баъдинаи сиёсати хориҷии онро муайян мекард. Ба тахти он ҳукумати германпараст омад. Ин ҳукумат дар сиёсати хориҷӣ барои ҳимояи манфиатҳои Булғория такя намудан ба „Иттифоқи сегона“-ро (Германия, Австрияю Венгрия ва Италия) маълум кард. Ин баёнот маънои онро дошт, ки агар дар оянда дар Европа ҷанги калон сар занад, Булғория дар тарафи „Иттифоқи сегона“ хоҳад буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### Ба истиқлол расидани Сербия

Дар охирҳои асри XIX Сербия ба номаш тобеи давлати Усмонӣ буд. Мақсади асосии сиёсати хориҷии Сербия ҳамаи заминҳои сербҳои зери дасти давлати Усмониро баргардонда, онҳоро ба давлати ягона муттаҳид кардан буд. Аз ин рӯ Сербия дар ҷанги Россия бар зидди давлати Усмонӣ фаъол иштирок кард.

Конгресси Берлин аз давлати Усмонӣ мустақил будани Сербияро тасдиқ намуд. Дар айни замон ба зиммаи Сербия масъулияти нагирифтани боҷ аз молҳои транзитии хориҷӣ ва бар ивази ҳудудҳои аз давлати Усмонӣ ба он дода шуда мутаносибан супурдани миқдори қарзи хориҷии давлати Усмонӣ ба давлатҳои дигар гузошта шуд. Дар Сербия тарафдорони Россия таъсири калон доштанд. Ин омилҳо замоне ба ҳам сахт зид омадани манфиатҳои Австрияю Венгрия ва Россияро муқаррар карда буд.

### Ба истиқлол расидани Албания

Дар баробари дигар халқҳои Балкан Албания, ки мустамликаи давлати Усмонӣ буд, барои истиқлоли худ муборизаашро вусъат дод. Ҳамаи қувваҳои сиёсии Албания ба сиёсати давлатҳои хориҷӣ оиди ба чанд қисм тақсим кардани Албания зид баромаданд. Маҷаллаи „Календари комбиар“ („Тақвими миллӣ“), ки дар Булғория нашр мешуд, чунин навишта буд: „Мо дар хобем, дар ин вақт бошад, моро савдо мекунанд“. Солҳои 1909–1911 дар Албания исёни мардум сар зад. Дар он тамоми табақаҳои мардум иштирок карданд.

Дар натиҷаи мағлубияти Туркия дар Ҷанги якуми ҷаҳон 28-уми ноябри соли 1912 Албания ба мустақилии худ ноил шуд. Ба ҳукмронии панҷсараи туркҳо барҳам зада шуд.

1. Ба донишҳое, ки дар синфҳои аввал гирифта будед, такя карда, дар бораи чӣ тавр ба мустамликаи давлати Усмонӣ табдилёбии Балкан нақл кунед.
2. Аҳволи сиёсии Балкан дар чоряки охири асри XIX чӣ гуна буд?
3. Ҷанги солҳои 1877–1878 байни Россияю давлати Усмонӣ дар сарнавишти халқҳои Балкан чӣ нақше гузошт?
4. Халқҳои славян, ки қариб панҷ аср зери асорати давлати Усмонӣ монда буданд, чаро айнан дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба озодӣ расиданд?



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Оиди мавзӯ кор баред ва ҷадвалро пур кунед.

| Р/т | Номи давлат | Роҳи паймудааш |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |

http://eduportal.uz



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ФАСЛИ III ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АФРИКА

## БОБИ V ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

### § 26. Япония дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

**Дар роҳи дигаргунии куллӣ**

Инқилоби Мейдзи, ки дар Япония солҳои 1867 – 1868 рӯй дод, барои ташаккули ҷамъияти ба муносибатҳои бозор асосёфта роҳи васеъ кушод. Акнун вазифаи асосӣ дар баробари ҳифзи анъанаҳои миллӣ бар асоси модели Ғарб азнавсозии ҷамъият буд. Император Мутсихито он қонунҳо ва тартиботеро, ки пеши роҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолиро мегирифтанд, бекор кард. Япония барои ҳамаи давлатҳои дунё боз гардид. Модернизатсияи мамлакат сар шуд. Пеш аз ҳама воҳиди ягонаи пул-ийена ҷорӣ карда шуд.

Боҷхонаҳо ва дигар мамониатҳое, ки дар баъзе ҳокимиҳо мавҷуд буданд, гирифта партофта шуданд. Ин гуна тадбирҳо ба робитаҳои савдоию иқтисодии микёси кишвар роҳи васеъ кушод. Ба чораҳои зидди омадани деҳқонон ба шаҳр, онҳоро дошта ба деҳот баргардонидан хотима гузошта шуд.Чунки саноат аз омадани қувваи кории деҳот манфиатдор буд. Ин тадбирҳо боиси инкишофи бозори дохилӣ ва соҳаҳои саноат дар Япония гардид. Соли 1869 қонун дар бораи чор табақа дар Япония бекор карда шуд. Тибқи он феодалони заминдор, самурайҳо, деҳқонон, ҳунарманду савдогарон расман табақаҳои баробарҳуқуқ эълон шуданд.

Дар саросари кишвар идоракунии мутамаркази ҳукумат ба вуҷуд омад. Қонун дар бораи хизмати умумии ҳарбӣ қабул шуд.

Дар байни солҳои 1871 – 1878 дар соҳаи кишоварзӣ ислоҳот гузаронида шуд, акнун заминро озод хариду фурӯш кардан, зироати хостагиро киштан мумкин буд. Андози натуравӣ (як қисми ҳосил) бо андози пулӣ иваз карда шуд. Бар зидди ба порчаҳои хурд-хурд тақсим кардани замин қонун қабул карда шуд.

**Роли давлат дар инкишоф додани саноат**

Сарфи назар аз вазнинии шароит дар Япония муносибатҳои бозор зуд инкишоф ёфт. Япония аз байни кишварҳои Шарқ аввалин шуда аз



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

таҷрибаҳои Ғарб истифода бурд. Техникаи пешқадамаи саноатӣ, ки дар Европа дар муддати тӯлонӣ кашф шуда буд, Япония дар ҳолати тайёр харида гирифт. Давлат ба кори пеш бурдани саноат бевосита ҳомигӣ мекард.

Дар Япония дар навбати аввал саноати бофандагӣ тараққӣ кард. Соли 1890 он 45 фоизи соҳаи саноатро дарбар мегирифт. Дар мобайни чоряк аср 1300-то корхонаи саноатӣ сохта шуд. Онҳо пеш аз ҳама ба саноатчиёни бой ба иҷора дода шуд. Баъдтар корхонаҳои саноатӣ ба нисфи нархашон, ҳатто ба 10 – 15 фоиз хусусӣ карда фурӯхта шуданд. Дар натиҷа капитали банкӣ бо капитали саноатӣ як шуд. Истеҳсолоти саноатии Япония нисбат ба Россия даҳ баробар тез тараққӣ мекард.

**Хусусиятҳои тараққиёти Япония**

Дар Япония капитализми монополистӣ бо боқимондаҳои монархияи феодалӣ омехта шуда рафт. Аз ин ҷиҳат Япония ба Россия монанд буд. Дар тафовут аз Британияи Кабир, Франсия, ШМА ҳокимият дар дасти буржуазия набуд, он дар ихтиёри иттифоқи помешикону буржуазия буд.

Япония дар айни вақт армия ва флоти худро ҳам аз нав сохт. Ҳукумати Япония ба инкишоф додани индустрияи вазнин эътибори алоҳида дод. Дар оқибати он дар солҳои 1900 – 1913 Япония аз рӯи ҳаҷми истеҳсолот аз Италия гузашта рафта, ба Франсия наздик шуд. Дар кишвар саноат, савдо ва банкҳо мутамарказ шуда, монополияҳо ба вуҷуд омаданд.

**Ҳаёти иҷтимоӣ**

Дар Япония тараққиёти капитализм бо чораёни ҷудошавии деҳқонон аз замин баробар сурат гирифт. Мувофиқи ислоҳоти аграрӣ аз ҷумлаи деҳқонони замингирифта фақат 1/3-ашон замини гирифтаашонро нигоҳ дошта тавонистанду халос. Ононе, ки ба рақобат бардошт карда натавонистанд, ба иҷора замин гирифта, хоҷагидорӣ карданд. Боқимондагон ба шаҳрҳо рафта, сафи коргарони кирояро пур карданд. Соҳибони саноат истеҳсолоти пешрафтаро ба роҳ монда, мамлакатро ба зинаи нави тараққиёт мебароварданд. Шумораи корхонаҳои саноатӣ сол то сол меафзуд.

Аммо аҳволи иқтисодии коргарони корхонаҳои саноатӣ вазнин буд. Чунки музди кор хеле кам буд. Дар корхонаҳо ба техникаи бехатарӣ риоя намекарданд. Зиёда аз ин коргарон ва меҳнаткашони япон аз ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ баҳраманд набуданд. Синфи кор-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

гари Япония барои мубориза бахри ҳуқуқҳои худ ба иттифоқҳои касаба муттаҳид мешуданд. Табақаи пешқадами ҷамъияти Япония барои ташкили парламент мубориза мебурданд.

**Конститутсияи соли 1889**

Ислоҳоти иқтисодӣ барои ташаккули буржуазия ва аз ҷиҳати сиёсӣ пурзӯр шудани он кӯмак намуд. Буржуазия даъвои ба дасти худ гирифтани раҳбарии давлат мекард.

Дар чунин шароит ҳукумат барои таслим шудан розӣ шуд. Ниҳоят, соли 1889 конститутсияи нав қабул шуд, ки он дар асоси конститутсияи Пруссия тартиб дода шуда буд. Дар кишвар парламенти дупалатагӣ (боло – перҳо, поён – вакилон) ҷорӣ гардид.

Конститутсия на фақат ҳуқуқҳои императорро нигоҳ дошт, балки онро боз ҳам васеъ кард. Масалан, вай даъват кардани парламент, кушодан, пароканда намудан, баровардани фармони олӣ ба ҷои қонунҳо, Сарфармондеҳи лашкарҳо будан, эълони ҷанг, имзои сулҳ барин ҳуқуқҳоро нигоҳ дошта буд. Бинобар конститутсия Шӯрои Вазирон танҳо ба император ҳисобот медод.

Ҳамаи қарорҳои парламент аз назари Шӯрои пинҳонии император мегузашт. Ҳуқуқи интихобот бо сензи мулк маҳдуд карда шуд. Аз 25-солагӣ дар интихобот иштирок кардан мумкин буд. Сарфи назар аз ин, дар Японияе, ки ба анъанаҳои бойи асримиёнагӣ содиқ буд, қабул шудани конститутсия воқеаи хеле муҳим буд.

**Сиёсати хориҷӣ**

Камбағалии аҳолӣ фурӯхтани маҳсулоти саноатиро ба мушкилӣ дучор кард. Ин ҳолат доираҳои ҳукмрони Японияро ба забти дигар давлатҳои ҳамсояҳо ҳидоят намуд. Барои амалӣ шудани ин маром Япония ба мусаллаҳшавӣ зӯр дод. Мақсадҳои истилогаронаи Япония ба Корея, Хитой, ҳавзаи уқёнуси Ором нигаронида шуда буд. Соли 1879 Япония ба эътирози Хитой нигоҳ накарда ҷазираи Рюкюро истило кард. Соли 1875 аз ҳисоби Сахалини Ҷанубӣ ҷазираҳои Курилро аз Россия ҷудо карда, ба худ ҳамроҳ кард. Соли 1876 Корея барои японҳо мамлакати кушод эълон шуд. Молҳои япон бебоҷ фурӯхта мешуданд. Бо ин усул Корея аз таъсири Хитой берун карда шуд. Мақсад аз аннексия намудани Корея иборат буд.

**Ҷанги Японияю Хитой дар солҳои 1894 – 1895**

Соли 1894 Япония дар Сеул табаддулоти дарбор ташкил карда, ҳукумати японпарастро ба вазифа гузошт ва гар-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

низони пойтахтро бесилоҳ намуд. Ин ҳодиса сабабгори ҷанги Японияю Хитой шуд. Киштиҳои боркашони флоти ҳарбии Хитой ғарқ карда шуданд. Дар айни замон лашкари японҳо ҳоло ҷанг эълон нашуда, ба қисмҳои ҳарбии Хитой дар Корея ҳамла овარданд. Соли 1894 лашкари Хитой дар Пхенян шикаст хӯрд. Ин ҳолат ба Япония дар роҳи пайдо кардани бартарӣ дар Шарқи Дур имкон дод. Қувваҳои ҳарбии замонавӣ мусаллаҳшудаи Япония ҳам дар хушкӣ, ҳам дар баҳр лашкари Хитойро мағлуб намуданд. Соли 1895 байни ду давлат сулҳи Симоносеки имзо карда шуд. Хитой мустақилии Кореяро эътироф кард. Ҷазираҳои Ляодун, Тайван, Пенху (Пескадор) ба Япония гузаштанд. Инчунин Хитой ба Япония товони калон медод.

Бино ба шартнома Япония барои савдои худ ҳуқуқи дар Хитой сохтани корхонаҳои саноатӣ ва истифода аз онҳоро пайдо кард. Акнун мақсади он рақиби асосиаш дар Шарқи Дур – Россияро мағлуб кардан буд.

Япония барномаи 10-солаи мусаллаҳшавиро қабул кард. Дар сурати ҷанг бо Россия бо давлатҳои бузург дар бобати мавқеи бетарафиро ишғол намудани онҳо шартномаҳоро ба имзо расонд. Ҳамин тавр дар ҷанги муқаррар шуда истода Россия танҳо монанд. Зафар дар ҷанги соли 1904–1905 бар зидди Россия қудрати Японияро боз ҳам боло бурд.

Соли 1910 Япония нимҷазираи Кореяро бо роҳи низомӣ забт намуд. Генерал-губернатори япон дар Корея ба ҳокимияти номаҳдуд соҳиб шуд. Бо мақсади ҳимояи ҳукумати мустамликави Япония қувваҳои ҳарбиашро ба Корея оварда монд.

Япония акнун ҳамаи эътиборро зидди Хитой нигаронд. Аз сарвати Хитой баҳраманд шудани давлатҳои Европа ва ШМА-ро дида, Япония низ аз онҳо истифода бурданӣ шуд. „Иштиҳо“-и Япония ба бад шудани муносибатҳо бо ШМА ва Британияи Кабир оварда расонд. Япония дар Шарқи Дур рақиби хавфнок буд. Ҳамин тавр, Япония низ ба гирдоби ҷанги нав кашида мешуд.

***Аннексия*** (лотинӣ – муттаҳид кардан) – ҳудуди як давлатро пурра ё қисман ба воситаи зӯрӣ ба давлати худ ҳамроҳ кардан.
***Товон*** (форсӣ) – товоне, ки давлати дар ҷанг зафарёфта аз давлати мағлубшуда ситонида мегирад.



http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Ислоҳоти Мейдзи моҳиятан ба инқилоб баробар буданашро дар асоси далелҳо баён намоед.
2. Хусусиятҳои хоси тараққиёти Япония ва Россияро муқоиса кунед.
3. Даҳолати давлат ба иқтисодиёти Япония чӣ тавр ба амал омад?
4. Конститутсияи соли 1889-уми Япония аз конститутсияи соли 1875-уми Франсия бо кадом ҷиҳатҳояш фарқ мекунад?
5. Оё Япония сиёсати истилогаронаи хориҷиро пеш набурданаш мумкин буд?

1. Чаро баробарии табақаҳои аҳолӣ эълон карда шуд?
2. Дар Япония кадом соҳаҳо пеш рафтанд?
3. Чаро дар даври гузариш ба иқтисодиёти бозор ба иқтисодиёт даҳолат кардани давлат зарур мешавад?
4. Ҳуҷҷати зеринро шарҳ диҳед:

**Материали иловагӣ**

Аз шартномаи маҷбуран имзошудаи Япония нисбат ба Корея дар соли 1910

1. Ҷаноби олӣ императори Корея ҳамаи ҳуқуқҳои худ ва соҳибихтиёриро, ки бар Корея дошт, ба ҷаноби олӣ императори Япония пурра ва абадӣ месупорад.
2. Ҷаноби олӣ императори Япония барои пурра аннексия кардани Корея аз тарафи империяи Япония розигӣ медиҳад.

## § 27. Хитой дар охири асри XIX

**Ба ниммустамлика табдилёбии Хитой**

Хитой дар охири асри XIX давлати ақибмонда, нимфеодалӣ буд. Қисми асосии замин дар дасти заминдорони бой буд. Аксарияти деҳқонон заминро ба иҷора гирифта, ҳақи иҷораро бо пул ё аз ҳисоби ҳосил месупурданд. Деҳқонони заминдор кам буданд.

Деҳқонон аз пайи кор ба шаҳр меомаданд. Лекин ҳар доим ҳам кор пайдо намешуд. Чунки саноати Хитой хеле суст тараққӣ мекард.

Аз чоряки охири асри XIX сар карда дар кишвар муносибатҳои капиталистӣ инкишоф ёфтанд. Аввалин роҳҳои оҳан сохта шуданд. Робитаҳои иқтисодӣ вусъат ёфтанд. Шаҳрҳои калон барпо карда шуд. Сафи коргарон афзуд. Аммо аксари буржуазияи миллӣ аз компрадорон иборат буданд. Онҳо дар амал агентҳои фирмаҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хориҷӣ буданд. Онҳо аз ҳисоби аз хориҷа мол оварда фурӯхтан ва харида гирифтани ашёи хоми арзон бой шуда мерафтанд.

Сулолаи Син ба пул мӯҳтоҷ шуда, дар асоси шартномаҳои асоратнок аз давлатхои хориҷӣ қарз мегирифт ва хилофи манфиатҳои миллӣ амал мекард. Аллакай дар солҳои 70-ум дар 26 бандари Хитой киштиҳои хориҷиён бемалол даромада, худро мисли хӯҷаин ҳис мекарданд.

Сохтмони роҳҳои оҳан дар дасти хориҷиён буд. Қисми калони шахтаҳои ангишт, конҳо дар ихтиёри онҳо буд. Хитой ба манбаи ашёи хоми давлатҳои хориҷӣ табдил ёфт. Хориҷиён дар шаҳрҳои калон мавзеъҳои худро ташкил карда, маъмурони Хитойро писанд накарда, мустақил кор медиданд.

Мағлубияти Хитой дар ҷанги солҳои 1894 – 1895 бо Япония барои боз ҳам тороҷ шудани Хитой аз тарафи монополистҳои хориҷӣ, зери асорат мондани он сабаб шуд. Солҳои 1897 – 1898 Германия бандари Сзяочжоуван (Синдао)-ро ишғол кард ва вилояти Шандунро зери таъсираш даровард. Франсия халиҷи Гуамчжуванро забт кард ва таъсирашро ба вилояти Юнан мегузаронидагӣ шуд. Россия бандари Порт-Артур (Люучун)-ро, Британияи Кабир Вэйхайвейро ба иҷора гирифт. Ҳудуди аз ҳама бой – ҳавзаи дарёи Янсзи зери таъсири Британияи Кабир монд. Дар вилояти Футсзиян истилогарони япон ҳукмронӣ мекарданд. Ҳар гуна сохтмон ё дигаргунӣ дар Хитой аз тарафи истилогарон зери назорат гирифта мешуд. Ҳамин тавр Хитой ба ниммустамлика табдил ёфта буд.

**Тараққиёти саноат ва ҳукмронии хориҷиён**

Дар охири асри XIX дар Хитой нахустин корхонаҳои саноатӣ пайдо шуданд. Соли 1881 дар Шимолии Хитой аввалин роҳи оҳан ба кор даромад. Соли 1897 дар ин ҷо қариб 600-то фирмаҳои хориҷӣ амал мекард. Аммо болоравии корхонаҳои саноатӣ суст давом мекард.

Импорт аз экспорт хеле зиёд буд. Конвенсияе, ки байни Хитой ва Британияи Кабир ба имзо расида буд, Хитойро боз ҳам зери асорат гузошт. Ин конвенсия ба Британияи Кабир ҳуқуқ дод, ки ба беш аз 10 бандари Хитой озод даромада, дар чандин вилоят савдои имтиёзнок намояд.

Баъди забти Ветнам аз тарафи Франсия дар соли 1884 муносибатҳои Франсияю Хитой бад шуда рафт. Он сол Хитой аз ҳукмрониаш дар Ветнами Марказӣ расман даст кашид ва дар он ҷо про-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

текторати Франсияро эътироф намуд. Ҳукумати Хитой бо Франсия саросемавор созишнома имзо кард ва оид ба якчанд масъалаҳо ба Франсия таслим шуд.

**Ҳаракати ичтимоӣ**

Дар ҳоле, ки Хитой акнун бо роҳи тараққиёти саноатӣ мерафт, торочгарии давлатҳои хориҷӣ аҳволи мардумро тоқатфарсо кард. Барои ба роҳи дурусти тараққиёт баровардани кишвар ғояҳои пешқадам пайдо шуданд. Ҳамаи онро ба маънои том ҳаракати ислоҳотпарастӣ номидан мумкин буд. Дар ин ҳаракати ичтимоӣ нақши Сун Ят Сен алоҳида буд. Вай пешвои инқилоби Хитой буд. Ташкилоти он бо номи „Ҷамъияти бедории Хитой“ барои сарнагун кардани сулолаи Сини манҷурҳо ва ташкили давлати демократӣ дар кишвар мубориза мебурд.

Дар ҳаракати ичтимоии ин давр ташкилоти махфии „Ихетуан“ – „Мушти болошуда барои сулҳ ва адолат“ ҳам роли калон бозид. Ихетуаниҳо зери шиори „Синҳои манҷурро пеш карда, хориҷиёнро нест мекунем“ амал мекарданд.

Соли 1899 ҳаракати „Ихетуан“ роҳи шӯришро пеш гирифт. Ихетуаниҳо ба Япония надодани товон, ба Хитой ҳамроҳкунии Тайванро талаб карданд. Ҳукумати Син аз шӯриш тарсид. Чунки ихетуаниҳо пойтахт ва қариб нисфи вилоятҳоро ба даст гирифта буданд. Соли 1900 лашкари ҳукуматии бар зидди исёнгарон фиристодашуда мағлуб шуд.

Отрядҳои муташаккили шӯришгарон ба Пекин ҳуҷум карданд ва дар ин ҷо ҳокимияти худро барпо намуданд.

**Интервенсияи зидди Хитой**

Ин воқеа барои интервенсияи хориҷиён ба Хитой баҳона шуд. Дар интервенсия ҳашт давлат – Германия, Япония, Италия, Британияи Кабир, ШМА, Франсия, Россия ва Австрияю Венгрия иштирок карданд.Ҳар кадоме аз онҳо барои гирифтани саҳми бештар аз Хитой ҳаракат мекарданд.

Моҳи сентябри соли 1899 котиби давлатии ШМА Хей сиёсати „дарҳои кушод ва имкониятхои баробар“-ро эълон кард ва он номи „Доктринаи Хей“-ро гирифт.

Моҳи июли соли 1900 интервентҳо ба ҳуҷуми умумӣ гузаштанд ва шаҳри Пекин ишғол карда шуд. Хориҷиён шаҳр ва дарбори императорро ғорат карданд. Ҳашт давлат Хитойро барои имзо намудани шартномаи вазнин маҷбур карданд. Дар шартнома қатл кардан ё ба бадарға фиристодани шахсони мансабдори дар шӯриш иштироккарда талаб карда шуда буд. Инчунин барои муҳофизати роҳи Пекин ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

соҳили баҳр лашкари аҷнабиён ҷойгир карда шуд. Бар замми он Хитой маҷбур карда шуд, ки ба интервентҳои хориҷӣ 33 млн. доллар товон супорад. Дохил кардани яроқу аслиҳа ба Хитой манъ шуд. Имтиёзи аҷнабиён дар Хитой зиёд шуд. Ҳамин тавр Хитой боз ҳам беҳимоя шуда монд.

Аммо шӯриши Ихетуан мустамликадоронро маҷбур намуд, ки эҳтиёткорона кор баранд.

***Интервенсия*** (лотинӣ – дахолат) – забт кардани ҳудуди давлати дигар, дахолат кардан ба воситаи зӯрӣ ба корҳои дохилии давлати дигар бо мақсади барқарор кардани ҳукмронии худ.

***Компрадор*** (испанӣ – харидкунанда) – қисми буржуазияи давлати аз нигоҳи иқтисодӣ суст ва мутеъ, ки байни капитали хориҷӣ ва бозори дохилӣ миёнаравӣ мекунад.

***Конвенсия*** (лотинӣ – шартнома) – яке аз намудаҳои шартномаи байналмилалии бисёртарафа.

1. Ҷиҳатҳои монанд ва хусусиятҳои ба худ хоси тараққиёти Хитой ва Японияро қиёс кунед.
2. Хитой чӣ гуна ба ниммустамлика табдил ёфт?
3. Конвенсияи байни Хитой–Британияи Кабир дар соли 1876 ба Хитой чӣ гуна оқибатҳо овард?
4. Дар бораи шӯриши ихетуанҳо ва оқибатҳои онҳо чиҳо медонед?
5. Мақсад аз доктринаи „Хэй“ чӣ буд?

1. Чаро Хитой ба базаи ашёи хоми кишварҳои хориҷӣ табдил ёфт?
2. Муносибатҳои байни Хитой–Британияи Кабир ва Хитой–Франсия чӣ гуна сурат гирифт?
3. „Ихетуанҳо“ киҳо буданд?

## § 28. Вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии Хитой дар ибтидои асри XX

### Аҳволи иҷтимоию иқтисодӣ

Дар ибтидои асри XX зиддияти иҷтимоӣ дар Хитой вусъат ёфт. Ҳукмронии сулолаи Сини манҷурҳо рӯ ба таназзул овард. Чораҳои таъҷилии ислоҳотӣ аҳволи ҷомеаро ба куллӣ беҳтар карда натавонист. Байни тараққиёти саноатии Хитой ва муносибатҳои феодалии заминдорӣ зиддият чуқур шуда рафт. Дар байни омма ҳаракати зидди идоракунии манҷурҳо пурзӯр шуд. Инкишофи саноати Хитой



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хеле ақиб монд. Сарфи назар аз ин, соле беш аз 50-то корхона ба кор медаромад. Дар натиҷаи ин ҳаҷми экспорт ду баробар афзуд. Дар мубодилаи мол аз байни давлатҳои хориҷӣ Британияи Кабир дар ҷои якум буд. Дар ин шароит қарзи хориҷии Хитой хеле зиёд шуда рафт.

**Сун Ят Сен**

Демократи инқилобчӣ Сун Ят Сен (1866–1925) арбоби намоёни ҳаракати миллию озодихоҳии Хитой буд. Вай дар хонаводаи деҳқон дар наздикии Гуанчжоу (Кантон) таваллуд ёфтааст. Сун Ят Сен дар ибтидои солҳои 90-ум дар Гонконг институти тиббии англисро хатм кард. Баъд ҳаёташро ба кори сиёсӣ бахшид.

Сун Ят Сен соли 1905 „Иттифоқи иттиҳодияҳои Хитой" (Тунминхай)-ро ташкил кард. Шӯъбаҳои махфии ин ташкилот дар шаҳрҳои калон фаъолият доштанд. Ноябри соли 1905 рӯзномаи „Минбао" („Рӯзномаи халқ")-и ин ташкилот чоп шуд.

„Иттифоқ" таҳти раҳнамоии Сун Ят Сен барнома қабул кард. Дар барнома сарнагун сохтани монархияи Син, таъсиси республика ва баробаркунии ҳуқуқи заминдорӣ, барқарор намудани истиқлол баён шуда буд.

Сун Ят Сен дар фикри он буд, ки дар Хитойи аз нигоҳи инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ суст бо роҳи баробаркунии ҳуқуқ ба замин сохти одилонаи иҷтимоиро барпо кардан мумкин аст.

**Ташкили ҳукумати Республикаи муваққатӣ**

Ташкилоти Сун Ят Сен дар назди худ ғояи барпо намудани сохти республикаро гузошт. Ин ғоя ҳаракати зидди манҷурҳоро қувват бахшид. Ин ҳаракат баъди имзои шартнома дар соли 1911 оиди аз хориҷиён гирифтани қарз барои сохтмони роҳи оҳан маҷрои муқовимати мусаллаҳонаро гирифт. Ҳатто дар армия эътироз сар шуд.

Дар шаҳри Ухан вақте ки маъмурони манҷур хобгоҳи аскаронро тафтиш мекарданд, тарафдорони маъмурияти онҳоро куштанд. Аскарон ба анбори аслиҳа ҳамла оварданд. Қисмҳои дигари ҳарбӣ ҳам ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Инқилобчиён 11-уми октябр Уханро пурра ба даст гирифтанд. Онҳо ҳукумати республика таъсис доданд ва барои дар атрофи республика муттаҳид шудани дигар вилоятҳо онҳоро даъват намуданд. Ба охир расидани ҳукмронии сулолаи манҷур эълон шуд. Ин инқилоб дар таърихи Хитой бо номи „инқилоби Синхай" даромадааст. Ҳамин тавр, „инқилоби Синхай" бо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

роҳи шӯриши мусаллаҳона ҳокимияти манчурҳоро, ки аз асри XVII дар Хитой ҳукмронӣ мекарданд, сарнагун кард.

Сун Ят Сен баъд аз солҳои тӯлонии муҳоҷират соли 1911 ба Хитой баргашта омад. Ӯро мардуми Хитой бо хушнудӣ пешвоз гирифт. 29-уми декабр Маҷлиси Миллати иборат аз намояндагони вилоятҳои инқилобии Нанкин ҷамъ омад. Маҷлиси Миллат Хитойро Республика эълон кард ва Сун Ят Сени аз муҳоҷират баргаштаро президенти муваққатии Республикаи Хитой интихоб намуд. Дар Конститутсияи қабул кардаи Маҷлиси Миллат баробарии шаҳрвандон ва озодиҳои гуногуни демократӣ эълон шуду аммо шиори „Баробарҳуқуқӣ зимни заминдорӣ“, ки орзуву армони деҳқонон буд, ифода нашуд. Сабаби асосии он муқобилияти қувваҳои зидди баробарҳуқуқӣ нисбат ба замин, ки дар Маҷлис аксариятро ташкил мекарданд, буд.

**Диктатураи Юан Шикай**

Дар натиҷаи инқилоб дар Хитой дуҳокимиятӣ пайдо шуд. Яке аз он ҳокимияти Республикаи Хитой, дигаре ҳокимияти император, ки дар Шимол монда буд. Сарвари ҳукумати император дар Пекин Юан Шикай буд.

Давлатҳои бузург аз аҳволи минбаъдаи худ дар Хитой дар ташвиш буданд. Аз ин сабаб онҳо бо баҳонаҳои гуногун ба корҳои дохилии Хитой дахолат мекарданд. Истилогарони хориҷӣ барои бо ёрии яроқу аслиҳа пахш намудани инқилоби Хитой барои як намудани қувваҳои худ ноил шуданд.

Мақсад аз дастгирӣ намудани ҳукумати Пекин аз тарафи давлатҳои бузург то ҳадди имкон дахолат намудан ба корҳои дохилии Хитой буд. Аммо ин роҳ дар Хитой ба норозигии умумӣ оварда расонд. Аҳолӣ молҳои хориҷиро бойкот мекард. Дар чунин шароит мухолифони зидди республика дар атрофи Сарвазир Юан Шикай муттаҳид шуд.

Аҳли дарбори Пекин дар симои ӯ шахси ҳомии монархияро медид. Аммо Юан Шикай зери фишори ҳаракати инқилобӣ 12-уми феврали соли 1912 сулолаи Синро маҷбур кард, ки аз тахт даст кашад. Табақаҳои ҳукмрон тамоми ҳокимиятро ба вай супурданӣ шуданд. Ин замон давлатҳои бузург аз сари ҳукумат рафтани Сун Ят Сенро исроргарона талаб мекарданд ва барои оғози интервенсияи ошкоро ба Хитой тайёрӣ мединанд. Сун Ят Сен зери хавфи ин-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

тервенсияи зидди Хитой маҷбур шуд, ки лавозими президентиро ба Юан Шикай супурад.

Юан Шикайи ҳокимиятро пурра ба дастгирифта озодиҳои демократиро ба нестӣ мебурд. Вай пеш аз ҳама корро аз бекороккунии лашкари инқилобӣ сар кард. Сарнавишти аъзои ҳар гуна гурӯҳи зидди ҳукумат бо қатл хотима меёфт. Дар ҳар як деҳа гурӯҳи ҷазо амал мекардагӣ шуд. Сарфи назар аз он қувваҳои демократӣ соли 1912 Ҳизби Гоминданро (Ҳизби миллӣ) ташкил карданд. Сун Ят Сен раиси он интихоб шуд.

Юан Шикай аз ғалабаи аксулинқилоб рӯҳ гирифта, Маҷлиси Миллатро маҷбур кард, ки ӯро ба муддати панҷ сол президент интихоб кунад. Юан Шикай бо давлатҳои бузург дар бораи қарзи асоратнок шартномаи нав имзо кард. Баъд аз ин давлатҳои хориҷӣ Республикаи Хитойро эътироф карданӣ шуданд. Вазъияти иқтисодии Хитой хеле мураккаб шуд. Дараҷаи зиндагии мардум хеле паст шуд. Дар чунин шароит Гоминдан мардумро ба шӯриш даъват кард. Соли 1913 дар ҷануби мамлакат бар зидди сиёсати ҳукумат шӯриш сар шуд, ки онро „Инқилоби дуюм“ номиданд.

Аммо бинобар он, ки қувваҳо баробар набуд, ҳукумат аз давлатҳои хориҷӣ мадад гирифта, „Инқилоби дуюм-ро пахш кард.

Соли 1914 Юан Шикай Шӯрои конститутсионӣ даъват кард. Дар он „Конститутсияи нави Хитой“ қабул шуд. Юан Шикай ба сифати президент ҳокимияти номаҳдуд дошт. Дар мамлакат диктатураи ҳарбӣ ҷорӣ карда шуд. Органҳои идоракунии республика баста шуданд.

***Синхай*** – маънои „сол“-ро дорад. Мувофиқи тақвими Хитой барои он, ки инқилоб як сол давом кард, он Синхай (инқилоби як сол давомкарда) номида шуд.

***Сулолаи Син*** – баъди сулолаи Мин, ки дар натиҷаи шӯриши деҳқонони солҳои 1628–1645 барҳам ёфта буд, ба сари тахт омадааст. Ин сулола солҳои 1644–1911 ҳукмронӣ кардааст.

1. Инқилоби Синхай чӣ гуна рӯй дод ва оқибатҳои он аз чиҳо иборат гардид?
2. Фаъолияти Сун Ят Сенро чӣ хел баҳо медиҳед?
3. Дар бораи барқарор шудани диктатураи Юан Шикай чиҳоро дониста гирифтед?
4. Муносибатҳои давлатҳои хориҷӣ бо Хитой чӣ гуна буд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Шумо аз ин фикрҳо кадомашро дуруст меҳисобед? Фикри худро бо далелҳо асоснок намоед.*

| | |
|---|---|
| 1. Ҳукумати Хитой пеши роҳи ба ҳолати ниммустамлика афтидани кишварро гирифта метавонист. | 2. Ҳукумати Хитой пеши роҳи ба ҳолати ниммустамлика афтидани кишварро гирифта наметавонист. |

## § 29. Ҳиндустон дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

**Мустамликачигӣ**

Ҳиндустон дар ин давр мустамликаи Британияи Кабир буд. Британияи Кабир ин кишварро таҳти раҳбарии ноиби шоҳ (витсе король) бо ёрии амалдорон ва мақомоти политсия идора мекард.

Дар шароити мустамликаи англис дар Ҳиндустон сохтори маҳаллии истеҳсолоте пайдо шуд, ки ба сармоядорӣ асос ёфта буд. Ба сохтмони корхонаҳои азим пардохта шуд. Соли 1886 дар саноати бофандагӣ 95-то фабрика буд. Шумораи конҳо ва шабакаи роҳи оҳан афзуд. Ин омил барои тайёркунии ашёи хом ва кашондани он муҳим буд.

Британияи Кабир саноатро дар Ҳиндустон мувофиқи салоҳдиди худ ҷой мекард. Корхонаҳои асосии саноат дар наздикии бандаршаҳрҳо сохта мешуданд. Мақсад аз Ҳиндустон ба нархи арзон ва роҳи осон бурдани сарват буд. Байни Ҳиндустону Британияи Кабир ҳаҷми савдо торафт афзуд. Ҳиндустон ба минтақаи сармоягузории буржуазияи англис табдил ёфт.

Дар зироат маданияти пасти агротехника боқӣ монда буд. Иншоотҳои обёрикунии мустамликадорон сохтагӣ барои обёрии 20 фоизи замин кифоя мекард. Майдони замин бо шарти супурдани қисми калони ҳосил ба деҳқонон ба иҷора дода шуда буд. Сафи одамоне, ки ба ҳисоби қарз маҷбуран кор мекарданд, торафт меафзуд.

Барои ба соҳаҳои сердаромади кишоварзӣ (чой, канаб, пахта) ворид намудани сармоя ба англисҳо даромади калон меовард.

Ҳиндустон дар охири асри XIX ба бозори дунё миқдори зиёди маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ мебаровард. Аммо даромад аз онҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

кисаи мустамликадорони англисро бой мекард. Дар соҳаи кишоварӣ якказироатӣ пайдо шуд. Бангола дар парвариши канаб, Ассам – чой, Бомбай ва Ҳиндустони Марказӣ – пахта, Панҷоб ғалла ихтисосонида шуданд. Заминдорон, банкирҳо, судхӯрон деҳқононро ба қарз ғӯтонида, аҳволи онҳоро хеле вазнин карда буданд. Дар Ҳиндустон гуруснагӣ рӯй дод ва дар оқибати он одамони бисёр нобуд шуданд.

Маъмурияти англис оиди ба забонҳои миллии Ҳиндустон чоп кардани матбуот қонун қабул намуд. Қонун назорати тамоми рӯзномаҳоро ба ихтиёри англисҳо гузаронд. Дере нагузашта дар бораи манъи силоҳи тирпаррон санад қабул карда шуд.

Британияи Кабир сиёсати қисман хайрхоҳӣ намудан ба буржуазияи маҳаллиро сар кард. Намояндагони онҳо ба маъмурияти шаҳрҳо интихоб мешудагӣ шуданд.

**Аҳволи иқтисодӣ**

Дар ибтидои асри XX дар Ҳиндустон капитализм ҳам оҳиста-оҳиста ба инкишоф сар кард. Соли 1910 шумораи фабрикаҳои нахи канаб ду баробар афзуд. Аз корхонаҳои пахтатайёркунӣ, матоъбофӣ як қисмаш ба капиталистони ҳинд мансуб буд. Шумораи коргарони корхонаҳои саноатӣ хеле афзуд. Британияи Кабир тамоми ҳавзаҳои кон, саноати канаб, чойзорҳо, ҷамъиятҳои нақлиёт, савдо ва суғуртаро зери назорати худ гирифта буд.

Сармояи Британияи Кабир бо суръати тез меафзуд. Аммо сатҳи зиндагии мардум беш аз пеш бад мешуд. Дар солҳои 1896–1906 беш аз 10 млн. нафар аз гуруснагӣ ҷон дод.

Пули дохил шудан ба донишгоҳҳо ду баробар қиммат шуд. Дар онҳо факултетҳои ҳуқуқ баста шуд. Қабули донишҷӯёни дорои рӯҳи демократӣ, халқпараст манъ карда шуд.

**Ҳаракати миллию озодихоҳӣ**

Мардуми Ҳиндустон бар зидди зулми мустамлика муборизаи озодихоҳона бурд. Соли 1885 дар шаҳри Бомбай ҳизби (партияи) сиёсии Конгресси миллии Ҳиндустон (КМҲ) ташкил ёфт, ки он барномаи аниқ дошт. Дар айни замон „Лигаи мусулмонон“ низ ташкил гардид. Англисҳо акнун низои байни ҳинду мусулмонро пурзӯр мекарданд.

Конгресс намояндагони капитали савдою саноат, помешикҳои либерал ва зиёини миллиро муттаҳид мекард. Маъмурияти англис даставвал ба Конгресси миллии Ҳиндустон зид набаромад. Ноиби



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

шоҳи Ҳиндустон лорд Дафферин „Конгресси миллӣ аз инқилоб дида арзон“ гуфта буд.

Чуноне, ки англисҳо фикр карда буданд, талабҳои аввалини Конгреси Миллӣ чандон сахт набуд. Ин талабҳо бо нигоҳ доштани ҳукмронии Британия гузаронидани баъзе ислоҳотҳоро дар бар мегирифтанд. Яъне ҷорӣ кардани боҷ ба матоъҳои хориҷӣ, васеъкунии ҳуқуқи муассисаҳои намояндагии маҳаллӣ, ҷалби ҳиндуҳо ба кори идоракунӣ, ба роҳ мондани таълими техника ва монанди инҳо буданд. Аммо бо мурури замон ин ҳизб мавқеъ пайдо кард.

Соли 1890 ҷараёни радикалии „чап“ ташкил шуд. Ба он Бал Гангадхара Тилак (1856 – 1920) раҳбарӣ мекард. Вай бо роҳи бедоркунии худшиносии миллии мардум мерафт. Ба дин, қувваи муташаккилсозандаи омма будани он баҳои калон дод. Он дар шаҳри Пуна мактаби миёнаи мустақил кушод. Мактаб дар шуури донишомӯзон ғояҳои ватанпарвариро тарбия мекард. Тилак рӯзномаи „Кесари“ („Шер“)-ро ташкил кард. Рӯзнома дар байни ҷавонон ғояҳои ватанпарастиро паҳн мекард. Тилак мефаҳмид, ки дар шароити Ҳиндустон бо роҳи шӯриши мусаллаҳона ба ҳеҷ чиз муяссар шудан мумкин нест. Аз ин рӯ роҳи мубориза „ғайри зӯрӣ“-ро пеш гирифт. Ин усул эътибори асосиро ба бойкоти молҳои англис равона кард. Тилак мегуфт, ки „Худо Ҳиндустонро ба кишварҳои хориҷӣ ҳеҷ гоҳ ҳадя накардааст“.

Тарафдорони Тилак оммаро дар рӯҳи нафрати зидди мустамликадорон тарбия мекарданд. Англисҳо аз ин хавф бурда, Тилакро яку ним сол ҳабс карданд. Аммо дере нагузашта маҷбур шуда, озод карданд.

### Тақсим шудани Бангола

Мустамликадорони англис барои буғӣ кардани ҳаракати миллии озодихоҳӣ кӯшида, соли 1905 Банголаро ба ду ҷудо карданд. Чунки Бангола ба яке аз марказҳои бузурги муборизаи зидди мустамликавӣ табдил ёфта буд. Ин тадбир таъсири баръакс дод. Ҳаракати миллии озодихоҳӣ дар кишвар аз нав сар шуд. Дар Калкутта намоиши калон ба амал омад. Мавҷи эътироз паси ҳам қисми калони кишварро гирифт.

Декабри соли 1906 бино ба талаби ҷараёни радикалии „чап“ Конгресси миллии Ҳиндустон“ қарори иловагӣ қабул кард. Шиорҳои „Сварач“ („ҳокимияти худ“), „Свадеши“ („истеҳсолоти худамон“),



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

„Бойкоти молҳои англис“ дар байни мардум эътибор пайдо карданд. Тилак на танҳо бойкоти молҳои англис, балки даст кашидан аз идоракунии англисро ҳам талаб кард. Ба ҳиндукунонии идоракунӣ, ба сохтмони фабрика ва завод ҷалб намудани буржуазияи маҳаллиро даъват кард.

Дар шаҳри Сурати вилояти Бомбай анҷумани Конгресси Миллии Ҳиндустон ба амал омад. Дар анҷуман фикри тарафдорони тамоили мӯътадил дар бораи дар таркиби империяи англис мондан, дар айни замон ҳуқуқи худидоракунӣ маъқул дониста шуд. Ҷараёни радикалӣ бо роҳбарии Тилак аз КМҲ баромад.

Маъмурони англис дарҳол қонунҳоеро, ки маҷлисҳо ва матбуотро манъ мекард, қабул намуда, ба бадарғаи бешафқат зӯр доданд.

**Дар арафаи ҷанг**

Доираҳои ҳукмрони маҳаллии Ҳиндустон бо маъмурияти мустамликадорони англис аҳду паймон баста, „Қонуни шӯроҳои Ҳиндустон“-ро қабул карданд. Мувофиқи ин қонун танҳо ним фоизи аҳолӣ ҳуқуқи интихоботро гирифтанд. Интихобот дар асоси ҷамоаҳои динӣ мегузаронидагӣ шуд (яъне ҳиндуҳо ва мусулмонон алоҳида-алоҳида овоз медодагӣ шуданд). Мақсад аз ин „найранги интихобот“ низоъ андохтани ҳиндуҳо ва мусулмонон буд.

Дар ин шароит Ҳиндустон дар нақшаи Британияи Кабир дар бобати ҷанги ҷаҳонӣ роли муҳим бозид. Аз ин боис барои нармтар кардани вазъияташ дар Ҳиндустон мекӯшид. Масалан, маъмурияти мустамлика дар бораи рӯзи кории 12-соата қонун қабул намуд.

Соли 1911 маъмурони мустамлика аз ҳаракатҳои меҳнаткашон тарсида, Банголаи тақсимшударо маҷбур шуданд муттаҳҳид намоянд. Пойтахт ба ҳудуди бехавфтар – Деҳлӣ кӯчонида шуд.

1. Чӣ тавр ба мустамликаи Британияи Кабир табдил ёфтани Ҳиндустонро ба ёд оред.
2. Дар бораи оқибатҳои мудҳиши зулми мустамликавии англис мисолҳо оред.
3. Дар бораи нақши Конгресси миллии Ҳиндустон дар ҳаракати миллии озодихоҳии мардуми ҳинд чиҳоро дониста гирифтед?
4. Қиёсан таҳлил кунед: Монандӣ ва хусусиятҳои ба худ хоси тараққиёти Ҳиндустон ва Хитойро қайд кунед.



http://eduportal.uz
*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Фикр карда бинед: Чаро КМҲ роҳи осоиштаи муборизаро интихоб кард?
2. Якказироатиро (монокултура) дар соҳаи кишоварзӣ эзоҳ диҳед.
3. Британияи Кабир ба таҳсилоти олии Ҳиндустон чӣ гуна таъсир расонд?
4. Чаро факултетҳои ҳуқуқ пӯшонида шуд?
5. Моҳияти таълимоти Тилакро шарҳ диҳед.

## § 30. Эрон дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

### Пурзӯршавии мутеъгӣ ба Британияи Кабир ва Россия

Эрон дар охири асри XIX – ибтидои асри XX ба ниммустамликаи давлатҳои сармоядори дунё табдил ёфта буд. Сохти шоҳӣ ва зулми мустамликавӣ аҳволи халқро боз ҳам вазнин карда буд. Дар кишвар эътироз авҷ мегирифт.

Ҳокимияти мустабиди Эрон ба заминдорони калон, ҳокимони вилоятҳо ва хонҳои авлодҳо такя мекард. Буржуазикунонии саноати Эрон суст давом мекард. Замин ба воситаи истисмори деҳқонон табдил ёфта буд. Деҳқонон низ монанди ҳунармандон ва савдогарони хурди шаҳр побанди қарзи судхӯрон мешуданд.

Заминдорони калон, савдогарони ва судхӯрони Эрон маҳдуд кардани ҳокимияти шоҳ, дахолатнопазирии мулк, барҳам задани худсарии губернаторон ва хонҳо, баробаркунии ҳуқуқи сармоядорони кишвар бо хориҷиёнро талаб мекарданд.

Дар бобати ба Эрон даровардани капитал Британияи Кабир ҷои аввалро ишғол мекард. Соли 1872 консессияҳои истифодаи конҳои нефт, сохтани роҳҳои сангин ва оҳани Эрон гирифта шуд. Соли 1889 монополисти англис Рейтер дар Эрон ба кушодани „Шоҳаншоҳбанк“ муваффақ шуд. Мувофиқи шартнома банк ба ҳуқуқи баровардани пули қоғазин ва истифодаи озоди сарватҳои зеризаминии кишварро дошт. Эрон дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳон аз Британияи Кабир 9,6 миллион фунт стерлинг қарздор шуда буд.

Дар мутеъ шудани Эрон Россия ҳам иштирок намуд. Қарзи Эрон аз Россия дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳон 164 миллион рублро ташкил медод. Мутеъгии иқтисодии Эрон мутеъгии сиёсии онро пурзӯр кард. Хусусан, таъсири русҳо ба дарбори шоҳ калон буд. Англисҳо бо роҳи дигар рафтанд. Онҳо қабилаи бахтиёрони вилояти Форс ва хонҳои Хузистонро ба марказ, ба ҳукмронии шоҳ зид карданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Инқилоби Эрон**

Зиддиятҳои дохилии иҷтимоӣ, фишорҳои берунии иқтисодӣ ва сиёсӣ боиси сар задани инқилоби соли 1905 дар Эрон шуданд.

Аҳолии кишвар талаб карданд, ки сармоядорони русу англис, ки ба соҳаҳои саноат хӯҷаинӣ менамуданд, пеш карда шаванд.

Дар кишвар корпартоии умумӣ рӯй дод. Ҳукумати шоҳ аз корпартофтагон қасос гирифтанӣ шуд. Ҷавобан ба он ҳаракати халқӣ сар шуда рафт. Зимнан *усули бести* мубориза истифода шуд. Нисбати шахси дар бест нишаста чораи ҷазо дидан мумкин набуд. Намоишчиён ташкили „адолатхона“, пеш кардани амалдорони бераҳмро талаб карданд.

Шоҳ бар зидди ҳаракати халқӣ аз лашкар истифода бурданӣ шуд. Аммо лашкар аз тиркушоии зидди халқ сар тофт. Дар натиҷа августи соли 1906 шоҳ оид ба қабули конститутсия фармон имзо кард. Аммо фармон иҷро нашуд. Бинобар ин халқ боз исён бардошт. Дар Табрез дар таърихи Эрон парламенти нахустин – Маҷлис ташкил шуд. Маҷлис зери таъсири сотсиал-демократҳои Эрон буд. Зери фишори мардум шоҳ оид ба гузаронидани интихоботи Маҷлис фармон баровард. Қоҷорҳо (мансуб ба авлоди шоҳ), рӯҳониён, савдогарон, заминдорон ва деҳқонон, ҳунармандон, умуман 6-то табақаи иҷтимоӣ ҳуқуқи интихобот пайдо карданд.

Соли 1906 интихоботи Маҷлис ба амал омад. Шоҳ Музаффариддин қисми якуми конститутсияро тасдиқ кард. Мувофиқи он ҳуқуқи тасдиқи қонунҳо, қабули буҷет, назорати иҷрои он ба шоҳ дода шуд. Дар бобати имзои созишномаҳои иқтисодӣ бо хориҷиён танҳо бо ризогии Маҷлис пешбинӣ шуд.

Соли 1907 баъди вафоти Музаффариддин тарафдори сохти мустабид, зидди навигариҳо Муҳаммад Алишоҳ ба тахт нишаст. Вай нақшаи муборизаи зидди инқилобро кашид. Шоҳи нав ба Маҷлис ҳам қатъиян зид буд. Лекин мавҷи ҳаракати инқилобӣ дар кишвар ӯро маҷбур кард, ки тартиботи конститутсиявиро нигоҳ дорад. Бо ҳамин даври якуми инқилоби солҳои 1905 – 1907 дар Эрон ба охир расид.

**Даври дуюми инқилоб**

Солҳои 1907 – 1911 даври дуюми инқилоби Эрон номида мешавад. Ҳаракат акнун асосан бар зидди мустамликадорон равона шуда буд. Табақаҳои камбағали шаҳр бо талабҳои худ баромаданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Хусусан таъсири ташкилоти муҷоҳидон калон буд. Онҳо баробарҳуқуқии ҳама, ҳуқуқи интихоботи пӯшида, сухан, таъсиси ҷамъиятҳо, озодии шахс, мусодира кардани заминҳои шоҳ ва ба деҳқонон тақсим кардани онҳо, муқаррар шудани рӯзи кории 8-соата, ҷорӣ намудани таълими бепули маҷбурӣ ва ҳоказоро талаб карданд.

Шоҳ зери таъсири ҳаракати демократӣ нафақаи ашрофони заминдорро кам кард. Унвонҳои мансуб ба феодализмро бекор намуд. Қонуни муборизаи зидди порахӯрӣ, тамаъгариро қабул кард. Шоҳ маҷбур шуда, моддаҳои аз ҳама муҳим ва демократии конститутсияро тасдиқ кард. Моддаҳои оид ба баробарии ҳама дар назди қонун, дахолатнопазирии шахс ва мулк, таъсиси ҷамъиятҳо, гузаронидани маҷлисҳо, суди дунёвӣ (дар баробари суди шариат), ҷудо кардани мақомоти қонунбарор ва иҷроияи давлат ва монанди онҳо хеле муҳим буданд.

Дар айни замон ба шоҳ низ ҳуқуқи калон дода шуд. Вай шахси озод аз ҷавобгарӣ, Саркӯмондон буд, ҳуқуқи эълони ҷанг, имзои сулҳ, таъин ва озод кардани вазиронро дошт. Савганд хӯрдани шоҳ оиди садоқат ба конститутсия ва қонунҳо қоида шуда монд. Барои назорати мувофиқ будани қонунҳои қабулшаванда ба шариат панҷ нафар уламои бузург таъин шуд.

### Созишномаи Британияи Кабир ва Россия

Тартиботи мустамликадории ҷаҳон ба дигаргуниҳои инқилобии Эрон бетафовут нашуд. Онҳо ҳама нисбати Эрон сиёсати зӯриро пеш бурданд. Соли 1907 байни Британияи Кабир ва Россия созишнома имзо шуд. Мувофиқи он Эрон ба се тақсим шуд. Оид ба зери таъсири Россия мондани Эрони Шимолӣ, ҷануби он зери назорати Британияи Кабир тасдиқ карда шуд. Қисми марказии кишвар бетараф эълон гардид. Дар айни замон шоҳ бо ёрии англисҳо ва русҳо дар соли 1908 табаддулоти давлатии аксулинқилобӣ ба амал овард. Лашкари казакҳои Россия бинои Маҷлисро зери тӯп гирифтанд. Маҷлис пароканда, матбуоти демократӣ манъ шуд.

Баъди ҳалокати Маҷлис маркази ҳаракати инқилобӣ ба Табрез гузашт. Лашкари шоҳ ба Табрез ҳамла карда, шаҳрро зери муҳосира гирифт. Гуруснагӣ сар зад. Шӯриши Табрез аз дунёи берун канда шуда мағлуб гардид.

### Сиёсати давлатҳои бузург дар Эрон

Гарчанде шӯриши Табрез пахш шуд, ҳаракати зидди шоҳ қатъ наёфт. Соли 1909 дар Теҳрон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Муҳаммад Алишоҳ аз тахт фаромад. Ба ҷояш писараш Аҳмад шоҳ эълон шуд. Конститутсия барқарор шуд. Ҳукумат барои зинда кардани иқтисодиёт аз хориҷа қарз гирифт. Қувваҳои дохилии аксулинқилобӣ бо кӯмаки Россия ва Британияи Кабир ба ҳуҷуми зидди инқилобиён тайёрӣ медиданд. Ниҳоят лашкари Россия дар амалӣ намудани табаддулоти давлатии аксулинқилобии соли 1911 иштирок кард. Ҳамин тавр инқилоби Эрон пахш шуд.

Инқилоби солҳои 1905–1911-и Эрон воқеаи калони иҷтимоӣ буд, вай зинаи муҳими гузариш аз монархияи феодалӣ ба монархияи конститутсиявӣ ба шумор меравад.

Мутеъгии Эрон ба хориҷа дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ пурзӯр шуд. Соли 1912 Эрон маҷбур шуд, ки созишномаи соли 1907-уми байни Россия–Британияи Кабирро оид ба доираи таъсир эътироф кунад.

***Бест*** – ором нишастан дар масҷид ва қабристонҳо, нишон додани муқовимати суст.
***Консессия*** (лотинӣ – рухсат додан) – созишнома оид ба рухсат додан барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва объектҳои рӯизаминӣ дар асоси шартҳои муайян аз тарафи мақомоти давлат.

1. Эрон чӣ тавр зери таъсири иқтисодӣ ва сиёсии Британияи Кабир ва Россия монд?
2. Кадом омилҳо маҷбур намуданд, ки шоҳ соли 1906 конститутсияро ҷорӣ намояд? Ин конститутсия ба шоҳ кадом ваколатҳоро медод?
3. Хусусиятҳои хоси даври якум ва дуюми инқилоби Эронро муайян кунед.
4. Инқилоби Эрон чӣ гуна пахш карда шуд?

1. Дар конститутсияи соли 1906-уми Эрон барои назорати ба шариат мувофиқ будан ё набудани қонунҳои қабулшавандаи мамлакат шӯрое иборат аз 5 нафар уламо муқаррар шуда буд. Ин ҳолатро салафи Суди ҳозираи конститутсионӣ шумурдан оё мумкин аст?
2. „Шоҳаншоҳбанк“ чӣ гуна ташкилот буд?
3. Моҳияти созишномаи байни Россия ва Британияи Кабирро (соли 1907) шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## § 31. Афғонистон дар ибтидои асри XIX – ибтидои асри XX

**Зиддияти Британияи Кабир ва Россия**

Дар солҳои 70-ум Афғонистон боиси баҳси байни Британияи Кабир ва Россия шуд. Британияи Кабир дар сарҳади Ҳиндустону Афғонистон лашкар ҷамъ кард. Амири Афғонистон Шералихон аз Россия ёрӣ пурсида, он ҷо сафир фиристод. Ҷавобан ба ин Россия қисми ҳарбии хурди худро назди сарҳад ҷойгир кард. Ба Кобул бо сарварии генерал Столетов миссияи сафирӣ фиристод. Аммо зиёда аз ин дигар ҳаракат карда натавонист. Барои ин ҳанӯз пурра забт нашудани Осиёи Миёна ва муаммоҳои ҷанги фарорасида бо Туркия имкон намедод.

**Ҷанги дуюми Англия – Афғонистон**

Соли 1878 Шералихон аз қабули миссияи Англия дар шаҳри Кобул сар тофт. Ин барои Британияи Кабир барои зидди Афғонистон сар кардани ҷанг баҳона шуд. Амалиётҳои ҷанги зидди Афғонистон сар шуд. Ёқубхон, ки баъди вафоти Шералихон ба тахт нишаста буд, соли 1879 шартномаи Гандумакро имзо кард. Бинобар он Афғонистон истиқлоли худро дар амал аз даст дод. Дар Кобул резидентсияи англис кушода шуд. Назорати ҳаракатҳои амир ва ҷӣ хел сарф шуда истодани қарзе, ки аз Британияи Кабир расида буд, вазифаи резидентсия гардид.

Сиёсати таслимгаронаи амир Ёқубхон ба зиддияти сахти кишвар рӯ ба рӯ омад ва дар Кобул бар зидди он исён сар шуд. Шаҳриён ба резидентсияи англис зада даромада, онро ишғол карданд. Англисҳо лашкареро, ки баъди шартномаи Гандумак бурда буданд, боз гашта ба Афғонистон оварданд ва Кобулро аз сари нав ишғол намуданд.

Ин вақт лашкари писари М. Афзалхон – собиқ амири Афғонистон Абдураҳмони шӯришгар Кобулро иҳота кард. Аҳволи англисҳо танг шуд. Соли 1880 Абдураҳмон ҳокимияти худро дар Афғонистони Шимолӣ барпо кард.

Англисҳо маҷбуран бо Абдураҳмон музокира сар карданд. Кобул ба Абдураҳмон супурда шуд. Қандаҳор зери доираи таъсири Британияи Кабир монд. Бар ивази он Афғонистон ҳақ надошт ғайр аз Британияи Кабир ва Ҳиндустони англисӣ бо дигар кишвари хориҷӣ алоқаи дипломат ба роҳ монад. Абдураҳмон танҳо дар сиёсати дохилӣ мустақил монду бас.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ворнси қонунии тахти Афғонистон писари амир Шералихон Аюбхон ба Қандаҳор лашкар кашид. Соли 1880 бригадаи ҳарбии англисҳо торумор карда шуд. Англисҳо маҷбуран қисмҳои нави ҳарбӣ фиристоданд. Ин қувваҳои нав Аюбхонро маҷбур карданд, ки ба Ҳирот ақиб нишинад. Лекин ба туфайли муқобилияти сахти аҳолӣ англисҳо Қандаҳорро тарк карданд. Ҳамин тавр, ҷанги дуюми Англияю Афғонистон бо мағлубияти Британияи Кабир поён ёфт.

**Низоъҳои дохилӣ**

Акнун байни даъвогарони тахт ҳаракатҳои ҷангӣ сар шуд. Соли 1880 Абдураҳмон ба лашкари Аюбхон талафоти калон расонд. Аюбхон маҷбур шуда, бо хориҷа гурехт. Дар Афғонистон ҳокимияти пурраи Абдураҳмон барпо карда шуд. Афғонистон дар даври Абдураҳмон (1880–1901) аҳволи вазнини иқтисодию иҷтимоиро аз сар гузаронд. Ҷангҳо бо Британияи Кабир истеҳсолотро аз маҷро баровард. Кобул ва дигар шаҳрҳо вайрон шуда буд.

Амир сиёсати пӯшидаро дар мамлакат татбиқ кард. Ба кишвар омадани хориҷиён, хусусан европоиҳо манъ карда шуд. Дар айни замон амир барои аз нигоҳи сиёсӣ муттаҳид намудани кишвар мубориза бурд. Идораи политсияи маъмурӣ ташкил карда шуд. Бо ҳаракати он ба хазина омадани андоз каме беҳтар шуд. Бехатарии роҳҳои корвон андаке таъмин шуд. Роҳзанҳо ҷазои сахт медиданд. Онҳоро ба қафасҳои оҳанин андохта, дар сутунҳои лаби роҳ овехта мемонданд, аз гуруснагию ташнагӣ мемурданд. Барои ба худ кашидани уламои динӣ Абдураҳмон ба онҳо маош таъин кард. Як қисми вақфро ба давлат гузаронд. Дар кишвар воҳиди ягонаи пул, тарозу ва ченакҳои ягона ҷорӣ гардид. Ба туфайли ин тадбирҳо дар Афғонистон савдо, истеҳсолот ва ҳунармандӣ инкишоф ёфт.

**Созишномаи Дюранд**

Аҳволи байналмилалии Афғонистон дар охири асри XIX – ибтидои асри XX ба маънои том ба муносибатҳои байни Россияю Британияи Кабир вобаста буд. Амир Абдураҳмон дар ин шароит аз зиддияти байни ду давлати бузурги мустамликадор моҳирона истифода бурд. Дар натиҷа мавқеи сиёсии Абдураҳмон мустаҳкам шуд. Ҳудуди кишварро дар шимол то соҳили Амударё васеъ кард. Соли 1887 дар ҷойҳои муқими туркманҳо сарҳадоти афғону рус қатъиян муқаррар карда шуд.

Пас аз ин Абдураҳмон барои ба давлати худ даровардани афғонҳои муқими соҳили дарёи Ҳинд, лекин аз соли 1849 тобеи англис шуда ҳаракат намуд. Амир Абдураҳмон барои онҳо худро чун ҳомии



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

динӣ нишон дод ва ба муборизаи зидди англисҳо даъват кард. Ин қадам хавфи ҷанг бо Британияи Кабирро пайдо кард. Абдураҳмон аз ин тарсида маҷбур шуд, ки бо англисҳо созишнома имзо намояд. Тибқи он ҳудудҳои қабилаҳои афғони муқими ҷануби Афғонистон дар итоати Британияи Кабир монд. Англисҳо ба хатти кашида – хатти Дюранд (аз номи намояндаи англисҳо Дюранд, ки музокира бурда буд) лашкар фиристоданд. Афғонҳои кӯҳӣ ҷавобан ба он исён бардоштанд.

**Даври Ҳабибуллохон**

Соли 1901 Абдураҳмон вафот кард. Тахти амириро писари вай Ҳабибулло ишғол кард. Вай бо роҳи падараш рафта, сиёсати муттаҳид кардани қабилаҳои афғонро пеш бурд. Муборизаи зидди англисҳоро давом дод. Барои барқарор кардани алоқаҳои савдо бо Россия кӯшид. Ҷавобан ба ин Британияи Кабир зидди Афғонистон сиёсати муҳосираи иқтисодиро ба кор бурд.

Дар айни замон Британияи Кабир ба Афғонистон шартнома таклиф кард. Дар он талабҳои зери назорати Британияи Кабир будани савдои хориҷӣ, барои сохтмони роҳи оҳан ба англисҳо розигӣ додан, ба ҳаракати озоди англисҳо дар Афғонистон пеш гузошта шуда буд. Соли 1907 айнан чунин шартнома ба имзо расид. Дар он Афғонистон минтақаи манфиатҳои Британияи Кабир эълон карда шуд. Бо Россия танҳо ҳуқуқи савдо дода шуд.

Афғонистон дар ибтидои асри XX давлате шуда монд, ки саноат надошт ва хеле ақибмонда буд. Андоз на бо пул, балки бо маҳсулот гирифта мешуд.

**Маърифатпарварӣ**

Сарфи назар аз шароити вазнин Афғонистон аз дунё канда нашуда буд. Дар Афғонистон ҳам ҳаракати республикахоҳон пайдо шуд. Тарафдорони ин ҳаракатро „Ҷавонафғонҳо“ мегуфтанд. Онҳо ғояи инкишофи мактабу маориф, маданият, илму техникаро тарғиб мекарданд. Онҳо баробари ҳокимияти амир мавҷуд будани конститутсияро талаб карданд. Дар масъалаи бекор намудани андози маҳсулот, нест кардани боҷи дохилӣ, баробарҳуқуқии қабилаҳо ва дигар фикрҳои пешқадамро таклиф намуданд. Ба ин ҳаракат муҳаррири рӯзномаи „Сироҷ-ул-ахбори афғония“ Муҳаммад Тарзӣ раҳбарӣ мекард. Вай падарарӯси писари сеюми Ҳабибуллохон – Амонуллохон буд. Ҳамаи умедиислоҳталабон аз Амонуллохон буд. Чунки ӯ дар рӯҳи „Ҷавонафғонҳо“ тарбия ёфта буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Миссия*** (лотинӣ) – вазифаи бузург ва масъулиятнок; намояндагони як давлат, ки ба давлати дигар махсус фиристода мешаванд.
***Резиденсия*** (лотинӣ) – қароргоҳи намояндагии дипломатии давлати хориҷӣ.

1. Дар бораи сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги дуюми англису афғон чиҳоро дониста гирифтед?
2. Чаро дар нимаи дуюми асри XIX Афғонистон кишвари „талош“-и байни Британияи Кабир ва Россия шуда монд?
3. Чаро муборизаи Британияи Кабир барои мутеъ кардани Афғонистон хеле дур давом кард?

1. Аз чиҳо иборат будани моҳияти сиёсати пӯшидаи Амир Абдураҳмонро эзоҳ диҳед. Чӣ гуна ислоҳот гузаронида шуд?
2. Хатти Дюранд чист?
3. Ҳабибуллохон чӣ гуна сиёсатро пеш бурд?
4. Мақсадҳои „Ҷавонафғонҳо“-ро аниқ кунед.

## § 32. Давлати Усмонӣ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX

### Аҳволи иҷтимоию иқтисодии давлати Усмонӣ

Давлати Усмонӣ монархия буд, онро султон идора мекард. Дар кишвар тартиботи асримиёнагии феодалӣ ҳукмрон буд. Соҳаи кишоварзӣ асоси иқтисодиёти давлати Усмониро ташкил медод, лекин хеле ақиб монда буд. 65 фоизи замини киштшаванда дар дасти заминдорони калон ва рӯҳониён буд, онро ба деҳқонони безамин ва камзамин ба иҷора медоданд. Ҳосилнокии меҳнат ҳам паст буд, дар оқибати гуруснагии вазнин одамони бисёр ҷон доданд.

Аҳволи аҳолии шаҳр низ бад шуда буд. Ҳунармандӣ рӯ ба завол оварда буд.Тартиботи кӯҳна ва бисёрии молҳои хориҷӣ роҳи тараққиёти иқтисодиро мегирифт. Саноат боло намерафт. Чунки соҳаи кишоварзӣ барои таъмини саноат бо ашёи хом қодир набуд. Ҳукумати султон барои беҳтарсозии аҳволи молиявии худ аз хориҷа қарз гирифтанро сар кард. Аҳволи молиявии давлат ба лаби ҷар омада буд. Қарзи хориҷӣ афзуда, ба 5,5 млрд. франк расида буд. Соли 1876 ҳукумат ноилоҷ Туркияро банкроти молиявӣ эълон кард.

Ин аҳволи вазнини иқтисодӣ дар ниҳояти кор давлати Усмониро ба ниммустамлика табдил дод. Давлатҳои Европа ин ё он мустамликаи империяро кашида мегирифтанд. Танҳо Германия аз дав-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

лати Усмонӣ чизе нагирифта буд. Аз ин боис ҳукумати давлати Усмонӣ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX ба Германия наздик шуд. Капитали Германия муваффақиятҳои калон ба даст овард. Сохтмони қисми Измир – Анқараи лоиҳаи роҳи оҳани Бағдод насиби немисҳо шуд. Соли 1903 ин лоиҳаро (сохтмони роҳи оҳани ба воситаи Бағдод то халиҷи Форс) пурра ба дасти онҳо гузашт.

### Мубориза барои монархияи конститутсиявӣ

Давлати Усмонӣ барои супурдани қарзҳо фоизи калон бояд месупурд. Давлати Усмонӣ супурдани қарз он тараф истад, маоши коргаронро дода наметавонист. Албатта ин сатҳи зиндагии мардумро бад кард. Дар чунин шароит „Ҳаракати усмониёни нав“ ташкил шуд. Аъзоёни ин ҳаракат нобуд кардани ҳокимияти султониро таклиф карданд. Рӯзномаи „Ибрат“-и онҳо ба тарғибгари ғояҳои пешқадами демократӣ табдил ёфт. Зиёиёни миллатпарвар, амалдорони рӯшанфикр ва афсарон ҳам ба ин ҳаракат шомил шуданд.

Дар кишвар ғояи ба охир расонидани ҳокимияти султон ташаккул ёфт.

Соли 1876 шӯриши халқ сар шуд. Ин шӯриш табақаҳои ҳукмронро тарсонд. Ниҳоят, Абдулазиз бо фатвои Шайх-ул-ислом аз тахт дур карда шуд. Баъди чанде тахтро Абдулҳамиди II ишғол кард.

23-юми декабри соли 1876 дар давлати Усмонӣ конститутсия эълон шуд. Мувофиқи он дар кишвар парламенти дупалата ҷорӣ карда шуд. Палатаи поёнӣ Палатаи депутатҳо, палатаи болоӣ Сенат номида шуд. Конститутсия ба султон ваколати зиёд дод. Қисми ками шаҳрвандон ҳуқуқи интихобот гирифтанд.

### Ба ҳокимият омадани Ҳизби „Ваҳдат ва тараққиёт“

Даври Абдулҳамиди II дар таърихи давлати Усмонӣ „даври зулм“ ном гирифт. Султон дарҳол парламентро пароканда намуд. Тарафдорони конститутсия таъқиб карда шуданд. Аксари онҳо ҳукми қатл гирифтанд. Мамлакат дар гирдоби ҷаҳолат монд. Соли 1889 курсантҳои омӯзишгоҳи ҳарбию тиббии Истанбул ташкилоти махфии „Ваҳдат ва тараққиёт“-ро ташкил карданд. Шӯъбаҳои он дар сартосари давлати Усмонӣ ба вуҷуд омада, дар кишвар ташвиқоти барпо намудани тартиботи конститутсияviro авҷ гиронд. Баъдтар ин ташкилот ба ҳизби (партияи) бонуфузи сиёсӣ табдил ёфт. Султон Абдулҳамиди II нисбати ин ташкилот суд ташкил намуд. 13 нафар ба қатл ҳукм карда шуданд. Аъзоёни ҳизби



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

„Ваҳдат ва тараққиёт“ ва дигар созмонҳои сиёсии ба он монанд номи „Ҷавонтуркҳо“-ро гирифтанд.

„Ҷавонтуркҳо“ дар Париж анҷумани нахустини худро гузарониданд. Дар он оиди барқарор намудани конститутсияи бекоршуда қарор қабул карда шуд.

3-юми июли соли 1908 афсарони ҳарбии аз ҷумлаи „Ҷавонтуркҳо“ буда исён бардоштанд. 20-уми июли соли 1908 дар шаҳри Монастир ҳизби „Ваҳдат ва тараққиёт“ дар вазъияти ботантана аз нав барқарор шудани конститутсияро эълон кард ва аз султон талаб намуд, ки оид ба ин масъала фармон барорад. Абдулҳамидро тарафдори „Ҷавонтуркҳо“ будани лашкар тарсонд. Вай 24-уми июли соли 1908 конститутсияро барқарор кард. Интихоботи нави парламентро ваъда дод. Инқилоби соли 1908-и давлати Усмонӣ зафар кард.

**Исёни 13-уми апрели соли 1913**

Аммо тарафдорони тартиботи кӯҳна зидди ҳар гуна ислоҳот буданд. Дар байни онҳо нуфузи рӯҳониён пурзӯр буд. Ҳизби „Иттиҳоди Муҳаммадӣ“-и рӯҳониён „Ҷавонтуркҳо“-ро дар бехудоӣ айбдор кард.

Тарафдорони ҳизби „Иттиҳоди Муҳаммадӣ“ аз ҷумлаи ҳарбиён исёни зидди инқилоб бардоштанд. Исёнчиён бекор кардани парламент, барқарор намудани шариат ва ҳокимияти султонро талаб намуданд. Ба Абдулҳамиди II айнан ҳамин ҳолат зарур буд. Аз ин боис талаби исёнгаронро дарҳол иҷро кард.

Як қисми арбобони „Ҷавонтуркҳо“ ба Салоники ва Адрианопол гурехтанд. Қисмҳои ҳарбии Салоники ва Адрианопол тарафдори „Ҷавонтуркҳо“ буданд. 26-уми апрел „Ҷавонтуркҳо“ бо қисмҳои ҳарбии ба онҳо содиқ ҳукумати исёнгаронро сарнагун карданд. Султон Абдулҳамид аз тахт рафт.

**Аҳволи дохилӣ ва хориҷӣ**

Инқилоби „Ҷавонтуркҳо“ давлатҳои бузургро ба ташвиш андохт. Онҳо аз беқарории сиёсии дохилии давлати Усмонӣ истифода бурда, ба чизи бештаре ноил шудан мехостанд.

Италия Либияро истило кард, ҳизби „Ҳуррият ва ягонагӣ“-и ба Британияи Кабир хайрхоҳ ҳукумати „Ҷавонтуркҳо“-ро дар корношоямӣ айбдор намуд. Онҳо 5-уми августи соли 1912 дар кишвар табаддулоти давлатӣ гузарониданд.

Дар ин байн аҳволи хориҷии давлати Усмонӣ низ вазнин шуд. Дар ҷангҳои 1 ва 2-юми Балкан давлати Усмонӣ аз таъсири худ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар Балкан қариб пурра маҳрум шуд. Ин ҳолат аҳволи ҳукумати „Ҳуррият ва ягонагӣ“-ро вазнин намуд.

Дар чунин шароит бо сарварии яке аз раҳбарони “Ҷавонтуркҳо” Анварбей моҳи январи соли 1913 исён сар зад. Ҳокимият боз ба дасти „Ҷавонтуркҳо“ гузашт.

Ҳокимият дар дасти гурӯҳи „Сегона“ (Анвар, Талъат ва Ҷамол) монд. Ба сегона Анварпошо раҳбарӣ мекард. „Сегона“ сиёсати наздик шудан бо Германияро давом дод. Ба Германия наздик шудани „Сегона“ аз хусуси ба ҳудудҳои империяи давлати Усмонӣ даъво надоштани Германия дарак медод. Германия „Сегона“-ро, ки мафкураи пантуркизм ва панисломизмро ба худ шиор намуда буд, дастгирӣ мекард. Ғояҳои ин мафкура зидди манфиатҳои Антанта буд.

Дар ин шароит Германия пеши назари „Ҷавонтуркҳо“ „ҳомии“ ягонаи Давлати Усмонӣ намуд. Акнун Германия давлати Усмониро ба имзои шартномаи иттифоқӣ даъват мекард. Ниҳоят, 2-юми августи соли 1914 пинҳонӣ ин шартнома ба имзо расид. Доираҳои ҳукмрони давлати Усмонӣ ин шартномаро имзо карда, империяро ба ҳалокат маҳкум карданд.

***Панисломизм*** – номе, ки империяҳои Россия ва Британияи Кабир, инчунин собиқ Иттифоқ ба ҳаракате, ки барои муборизаи олами мусулмонро бар зидди мустамликадорон дар охири асри XX муттаҳид карданӣ буд, дода шуда буд.

**Пантуркизм** – номи расмие, ки аз тарафи империяҳои Россия ва Британияи Кабир, инчунин собиқ Иттифоқ ба ғояи муттаҳид кардани халқҳои туркӣ, дода шуда буд.

***Сенат*** (лотинӣ) – ҷамъомади кӯҳансолони авлод то замони республика дар Рими қадим.

***Ҷавонтуркҳо*** – ҳизби буржуазию помешикии туркҳо, ки соли 1889 ташкил ёфт. Номи европоии аъзоёни Ҳизби „Вахдат ва тараққиёт“.

1. Империяи Усмонии турк, ки замоне давлати тавоно буду мустамликаҳояш дар се қитъа ҷой дошт, чаро дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар амал ба ниммустамлика табдил ёфта монд?
2. Монархияи конститутсиявӣ дар Давлати Усмонӣ чӣ хел барпо шуд?
3. Чаро даври ҳукмронии султон Абдулҳамиди II дар таърихи давлати Усмонӣ „даври зулм“ ном гирифт?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

4. Инқилоби „Ҷавонтуркҳо“ чӣ гуна ғалаба кард?
5. Мақсади ба Германия наздикшавии ҳукумати „Ҷавонтуркҳо“ аз чиҳо иборат буд?

1. Ба донишҳоятон аз фанни „Асосҳои дониши иқтисодӣ“ такя карда, мафҳуми „банкроти молиявӣ“-ро эзоҳ диҳед.
2. Фаъолияти ташкилоти „Ҳаракати ҷавонтуркҳо“ аз чиҳо иборат буд?
3. „Ҷавонтуркҳо“ киҳо будунд? Онҳо чӣ гуна сиёсатро пеш бурданд?
4. Оё Давлати Усмонӣ бо Германия шартномаи иттифоқиро имзо накарда метавонист? Агар мумкин набуд, ҷаро ин тавр нашуд?

# БОБИ VI. КИШВАРҲОИ АФРИКА ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

## § 33. Мамлакатҳои Африкаи Шимолӣ

### Ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ

Аксарияти аҳолии қисми шимолии Африка, то сарҳадоти ҷанубии Саҳрои Кабир (Сахара)-ро арабҳо ташкил медоданд. Дар ин ҳудуд барбарҳо, ҳабашҳо ва дигар халқҳо низ иқомат доштанд.

То солҳои 70-уми асри XIX дар шимол ва шимолу шарқи Африка, яъне дар ҳудуди иқомати арабҳо тартиботи подшоҳии мутлақ ҳукмрон буд. Аз онҳо Миср, Триполитания, Киренаика (Либияи ҳозира) ва Тунис расман ба таркиби империяи Давлати Усмонӣ дохил буданд, аммо дар амал ба султони давлати Усмонӣ итоат намекарданд.

Дар охири асри XIX Миср ва Судан ба мустамликаи Британияи Кабир, Тунис, Ҷазоир ва Марокаш – аз они Франсия, як қисми Марокаш ба Испания, Либия бошад ба ниммустамликаи Италия табдил ёфт.

### Зери асорат мондани Миср

Таърихи охири асри XIX – ибтидои асри XX-и Миср замони озод шудан аз ҳукмронии давлати Усмонӣ ва дигаргуниҳои зери байрақи муборизаи зидди сиёсати мустамликавии англисҳо гардид.

Яке аз рӯҳониёни мусулмон, мударриси мадрасаи Ал-Азҳар Ҷамолиддини Афғон ва шогирдони ӯ дар ҳаракати миллию озодихоҳӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

обрӯи калон пайдо карданд. Онҳо ҳамаи мусулмононро дар мубориза зидди мустамликадорон, зидди зулми давлати Усмонӣ ва барои барпо кардани сохти конститутсионӣ даъват мекарданд. Соли 1871 Ҷамолиддини Афғон Ҳизби „Ҳизб-ул-Ватан“ („Ҳизби Ватан)-ро ташкил кард. Ин ҳизб зери шиори „Миср аз они мисриён“ зидди хориҷиён мубориза бурд. „Ватанчиён“ барои конститутсияе мекӯшиданд, ки ҳуқуқи ҳукмдор (Ҳадив)-ро маҳдуд намояд. Соли 1882 Ҳадив маҷбур шуда, ба қонуни нав имзо гузошт. Мувофиқи он акнун ҳукумат ба палатаи депутатҳо итоат карда, парламент буҷетро назорат мекард, ягон қонун бе рухсати депутатҳо қабул намешуд. Ҳамаи ин дар роҳи гузариш аз тартиботи мустабиди феодалӣ ба парламенти буржуазӣ қадами калон буд. Давлатҳои хориҷӣ ба ҳукумат ултиматум фиристода, пароканда намудани ҳукумати ҷориро талаб карданд. Талаби мустамликадорон иҷро нашуд. Ҷавобан ба он Британияи Кабир соли 1882 Искандарияро зери тӯп гирифт. Десанти он шаҳрро ишғол кард. Бар зидди онон яке аз раҳбарони лашкари Миср Аҳмад Орабибей дар Қоҳира мақомоти олии давлатӣ – Шӯрои муваққат ташкил кард. Вай лашкари калон ҷамъ кард. Дере нагузашта англисҳо Сувайшро зер карда гирифтанд ва ба Қоҳира юриш ташкил карданд. Лашкари Миср мағлуб гардид. Полковник Аҳмад Орабибей ба Сейлон як умр бадарға карда шуд. Ҳамин тавр, Миср ба мустамликаи Британияи Кабир табдил ёфт.



Канали Сувайш

Британияи Кабир ҳокимияти империяи Усмониро дар Миср расман ба поён нарасонд. Сулолаи ҳадивҳои Миср, Шӯрои Вазирон ба номаш нигоҳ дошта шуд. Назорати молия пурра ба дасти мушовирони англис гузашт.

Соли 1888 дар Истанбул оид ба истифодаи канали Сувайш давлатҳои Британияи Кабир, Германия, Испания, Италия, Россия, давлати Усмонӣ, Франсия конвенсия имзо карданд. Мувофиқи он ба ҳамаи давлатҳо дар ҳама ҳолат – хоҳ ҷанг, хоҳ дар даври осоишта ҳуқуқи истифодаи ин канал дода шуд.

Тарафдори фаъоли муборизаи миллии озодихоҳӣ – ҳизби „Ватан“ дар назари англисҳо аз ҳама хавфнок буд. Барои заиф сохтани он



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чораҳои ҷиддӣ дида шуд. Дар натиҷа ҳизби Ватан аз мубориза васеи сиёсӣ ба террори якка гузашт.

Аммо ҳаракати озодихоҳӣ дар намудҳои дигар давом мекард. Ноиби президенти маҷлис Саъд Заглул дар атрофи худ депутатҳои демократ, озодипарастро муттаҳид карда, аз номи маҷлис санади зидди ҳукмронии англисҳоро баровард.

**Шӯриши маҳдиён**

Судани Шарқӣ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX тобеи Миср буд. Соли 1881 пешвои суданиҳо Муҳаммад Аҳмад мардумро ба ҷанги муқаддаси зидди зулми Мисру давлати Усмонӣ ва европоиҳо даъват кард. Муҳаммад Аҳмад худро Маҳдӣ эълон кард. Губернатор барои ҳабси Маҳдӣ 200 нафар ҳарбиёнро фиристод, аммо онҳо нобуд карда шуданд.

Соли 1882 ба Хартум Абдулқодири мисрӣ генерал-губернатор таъин шуд. Вай барои пахши ҳаракати маҳдиён кӯшид. Аммо мағлуб шуд. Дар ин байн англисҳо Мисрро забт намуданд. Лашкари англис бо роҳбарии генерал Хикс аз тарафи ансорҳои Судан торумор карда шуд. Соли 1884 англисҳо қисми ҳарбиро бо сарварии генерал Гордон фиристоданд. Аммо ин лашкар ҳам мағлуб гардид ва Судан озод карда шуд.

Соли 1885 дар Судан давлати мустақили маҳдиён ташкил шуд. Баъди вафоти сарвари шӯриш Муҳаммад Аҳмад халифаи якуми он (чор халифа дошт) Абдуллоҳ ҳокимиятро ба даст гирифт.Шаҳри Омдурман пойтахт эълон шуд. Лашкар такягоҳи асосии давлат буд.

Аммо низои дохилии кишвар авҷ гирифт. Айнан ҳамин омил маҳдиёнро суст кард. Британия Кабир аз ин истифода бурда, Эфиопияро зидди Судан барангехт. Дар натиҷа байни ду давлат соли 1885 ҷанг сар шуд. Ҳукмдори Эфиопия Йӯхонни ба Абдуллоҳ муроҷиат карда, ба муборизаи якҷояи зидди душмани умумӣ даъват намуд. Лекин Абдуллоҳ бар ивази он Йӯхонни ба ислом гузаштанашро талаб кард. Бинобар ин созишномаи зарурӣ имзо нашуд. Дар ҷанги Эфиопия – Судан хуни зиёд рехт. Соли 1889 император Менелик маҷбур шуда, созишномаи бар манфиати суданиҳоро имзо кард.

Августи соли 1889 лашкари муттаҳидаи Британияи Кабир – Миср лашкари маҳдиёни Суданро мағлуб кард ва қисми асосии Суданро истило намуд.

**Сиёсати давлатҳои бузург дар Африкаи шимолӣ**

Соли 1881 Франсия дар Тунис ҳукмрон шуд. То он Франсия Ҷазоирро ишғол карда буд. Дар охири асри XX дар ин кишвар беш аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

300 ҳазор нафар француз иқомат дошт. Замини ҳосилхез дар дасти французҳо буд.

Дар Ҷазоир бар зидди зулми мустамлика мубориза сар шуд. Соли 1912 Ҳизби „Ҷазоири ҷавон“ ташкил карда шуд. Ин ҳизб талаб кард, ки дар кори суд қоидаи поймолкунандаи „кодекси маҳаллӣ“ барои ҷазоириҳо бекор шавад, баробарии ҷазоириҳо ва европоиҳо ҳангоми додани андоз, маорифи халқ таъмин карда, мансабҳо барои арабҳо низ зиёд карда шавад.

Дар тақсимоти мустамлика аз байни давлатҳои Европа Франсия ба Марокаш низ соҳиб шуд. Италия „ҳуқуқи“ Франсияро дар Марокаш тан гирифт. Бар ивази он Италия дар Либия ҳуқуқи дахолатнопазир гирифт. Франсия барои ҷанги ошкорои Марокаш баҳона меҷуст. Соли 1907 дар шаҳри Марокаш духтури француз кушта шуд. Бо ин баҳона Франсия амалиётҳои ҷангиро сар кард. Дар муддати кӯтоҳ Франсия шаҳрҳои асосии Марокашро истило намуд. Баъзе ҳудудҳои Марокаш ба Испания дода шуд. Либия дер вақт мустамликаи Давлати Усмонӣ шуда монд. 29-уми сентябри соли 1911 Италия бар зидди Либия ҷанги истилогарона сар кард. Давлати Усмонӣ ҷавоби зарурӣ дода натавонист. Дар оқибати он соли 1911 Либия ба мустамликаи Италия табдил ёфт.

***Ансорҳо*** (арабӣ – ёварон, ҳамсафон) – номи яке аз табақаҳои саҳобагони Муҳаммад (с.а.в). (Онҳо соли 622 ба муҳоҷҷирони мусулмони аз Макка ба Мадина кӯчида ва ба Расулуллоҳ ёрӣ дода, дини исломро қабул кардаанд. Онҳо аъзои қабилаҳои авс ва ҳазраҷи Мадина буданд).

***Маҳдӣ*** (арабӣ – пешвое, ки аз тарафи Оллоҳ роҳи ростро ҳидоят мекунад) – пайғамбаре, ки дар Ислом ҳангоми охиризамон омада, дар замин адолатро пойдор карданаш қайд шудааст.

1. Чӣ тавр ба мустамликаи давлати Усмонӣ табдил ёфтани давлатҳои арабии Шимолии Африкаро ба ёд оред.
2. Дар Шимолии Африка манфиати кадом давлатҳои бузург ба ҳам зид омад?
3. Оид ба муборизаи миллии озодихоҳии халқи Миср чиҳоро дониста гирифтед?
4. Дар бораи шӯриши маҳдиён нақл кунед.

1. Фаъолияти Аҳмад Орабибейро эзоҳ диҳед.
2. Зиддияти байни Судан ва Эфиопия аз чиҳо иборат аст?
3. Сиёсати Франсияро нисбат ба ҷазоир ва Марокаш қиёс кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## § 34. Мамлакатҳои тропикӣ* ва Африкаи Ҷанубӣ

### Оиди Африкаи тропикӣ ва Африкаи Ҷанубӣ

Дар чоряки охири асри XIX истилои мустамликавии Африка вусъат гирифт. Аз заминҳои ба канданиҳо бой ёфта шудани алмос, конҳои тилло ба ин ҷойҳо омадани европоиҳоро тезонид. Дар истилои Африкаи Ҷанубӣ Британияи Кабир нақши асосӣ бозид. Дере нагузашта ба ин ҷо Германия ҳам омад.

Муттаҳид кардани заминҳои Мозамбик ва Анголаро португалиҳо ба нақша гирифта буданд. Яке аз мустамликаҳои асосӣ Республикаи Бур (Республикаҳои мустақили Трансваал ва Оранж) ба ҳисоб мерафт. Аз солҳои 70-ум сар карда Британияи Кабир барои муттаҳид намудани мустамликаҳояш ва ташкили федератсия ҳаракат кард.

### Мубориза барои Африкаи Ғарбӣ ва Шарқӣ

Судани Ғарбӣ, Сенегал ва ҳавзаи дарёи Нил дар охири асри XIX – ибтидои асри XX ба майдони рақобати Франсия, Голландия ва Британияи Кабир табдил ёфтанд.

Соли 1892 Франсия Судани Ғарбиро истило кард. Дар муборизаи халқи Судани Ғарбӣ Самори Туре аз худ номи дурахшон гузошт. Вай лашкаркаш ва сиёсатчии моҳир буд.

Франсузҳо танҳо соли 1898 ӯро таслим карданд. Самории асиршуда ба Габон бадарға карда шуд ва он ҷо вафот кард. Дере нагузашта атрофи кӯли Чад мутеъ карда шуд ва соҳилҳои халиҷи Гвинея ҳам ба Франсия тобеъ гардид. Ба он Гвинеяи Франсия ном доданд.

Баъд аз Британияи Кабир ва Франсия Белгия низ дар мубориза бори заминҳои Африка ҳамроҳ шуд. Бо баҳонаи омӯхтани илмии ҳавзаҳои болооби дарёи Нил европоиҳо кишвари Бугандаро кушоданд. Буганда ба таркиби протекторати Угандаи тобеи Британияи Кабир дохил карда шуд.

Султонии Занзибари араб ҳам бо баҳонаи муборизаи зидди савдои ғуломон аз тарафи немисҳо, франсузҳо ва англисҳо истило карда шуд. Дар охири асри XIX давлати Бунороро Британияи Кабир забт намуд.

Дар ибтидои асри XX якчанд давлатҳоли Африкаи Ғарбӣ, аз қабили Гамбия, Сиэрра Лионе, соҳили Тилло, Нигерия, Сенегал, Гви-

---

* Мафҳуми Африкаи тропикӣ маънои Африкаи Марказиро дорад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Давлатҳои Африка дар охири асри XIX – ибтидои асри XX**

(Харита дар ҳолати расм хурд карда дода шудаст)



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

неяи Франсия, Соҳили Оч, Догонея мустамликаи Франсия, Того, Камерун аз Германия, як қисми Гвинея мустамликаи Португалия шуда буд. Мустамликадорони Европа усулҳои гуногуни идоракуниро ҷорӣ карда буданд. Хусусан, Британияи Кабир сохти идоракунии маҳаллиро нигоҳ дошта, онҳоро ба манфиати худ мутеъ кард.

Дар мубориза барои мустамликаҳои Африкаи Ғарбӣ манфиатҳои Голландия, Белгия, Португалия, Британияи Кабир, Германия, Франсия ва ниҳоят ШМА ба ҳам зид омаданд. Шоҳи Белгия I ассосиатсияи омӯзиши илмии Конгоро таъсис дода, зери сояи он устокорона кор бурд. Дар ниҳояти кор он кишвар ба мустамликаи Белгия табдил ёфт. Як қисми Конго ба Франсия гузашт, қисми дигараш насиби Португалия шуд.

**Африкаи Ҷанубӣ**

Дар Африкаи Ҷанубӣ дар дунё конҳои бузурги олмос мавҷуд буд. Корчалони англис Сесил Родс компанияи „Де Родс“ ташкил карда, конҳои олмосро аз они худ намуд.

Дере нагузашта конҳои тилло ва миси Трансваал кушода шуд. Сесил ин конҳоро низ аз они худ намуд. Бо ташаббуси вай „Компанияи имтиёзии Британия-Африкаи Ҷанубӣ“ ташкил шуд. Компания „аз Кейптаун то Қоҳира бояд аз они Британияи Кабир шавад“ гуфта, ба ҳаракати истилогарона рухсат гирифт. Баъдтар дар Родезияи Шимолӣ протекторати англис ҷорӣ шуд. Британияи Кабир ба ҷанги нави зиддии бурҳо тайёр буд. Соли 1899 ҷанги англису бур сар шуд. Соли 1902 Республикаи Бур (Трансваал ва Оранж) ба мулки Британия табдил ёфт. Соли 1910 Британияи Кабир мустамликаҳои худ – Трансваал, Оранҷ, Натал, Карро як карда, „Иттифоқи Африкаи ҷанубӣ“ ташкил кард.

**Истилои Мадагаскар**

Ин ҷазира, ки дар ғарбии уқёнуси Ҳинд, наздики соҳили ҷанубу шарқии Африка ҷой гирифта буд, дар сиёсати мустамликавии давлатҳои бузург ҷои махсус дошт.

Франсия соли 1883 ба Мадагаскар ҷанг эълон кард. Ин ҷанг соли 1885 бо шартномаи нобаробари тарафҳо анҷом ёфт. Франсия бар Мадагаскар протекторати худро ҷорӣ намуд ва сиёсати хориҷии онро зери назорати худ гирифт. Соли 1896 бошад, Франсия Мадагаскарро мустамлика эълон кард.

**Сомали ва Эфиопия**

Британияи Кабир барои истилои зулусҳо ҷанги бешафқат бурд. Ҳокими зулусҳо Кетч-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ваё соли 1879 дар давоми се задухӯрд лашкари 20-ҳазорнафараи англисҳоро яксон намуд. Аммо лашкари Британия тӯпҳоро кор фармуда, заминҳои Зулулендро ишғол кард, онро ба ҳокимиҳои хурд тақсим намуд. Ба ҳукмдорони англис онҳоро байни худ ҷанг дошта, фоидаи худро дидан хос шуда буд.

Эфиопия ва Сомали баъди кушодани канали Сувайш соли 1869 аҳамияти савдоию иқтисодӣ ва ҳарбию стратегӣ пайдо кард. Ин ҳолат мустамликадоронро бефарқ нагузошт. Чанде пеш аз ин англисҳо соли 1867 зидди Эфиопия ҷанг карда, ба сиёсати муттаҳидсозандаи подшоҳ („негус“ меномиданд) Феодори II футур расонданд. Англисҳо аз низои динӣ ва кайфияти зидди Феодори II истифода бурда, лашкари ҳабашҳоро торумор карданд. Феодори II худро кушт.

Ба сари мансаб қувваҳои англиспараст омаданд. Лекин англисҳо ба муқовимати шадиди халқи Эфиопия дучор омада, маҷбуран аз мамлакат берун рафтанд. Дар солҳои 1889–1913 соҳили баҳри Сурх ва нимҷазираи Сомали байни Британияи Кабир, Франсия ва Италия тақсим карда шуд.

Италия ҳам нақшаҳои мустамликавии худро амалӣ карданӣ шуд. Аммо ин натиҷа надод. Эфиопия истиқлоли худро нигоҳ дошт.

### Гереро ва намаҳо

Қисми шимолу ғарбии Африкаи Ҷанубӣ аз тарафи Германия забт шуд. Қабилаҳои маҳаллии готтентотҳо ва гереро ба резерватсияҳо фиристода шуданд. Боқимондагон ғуломи мустамликадорони немис шуданд. Қабилаҳои гереро бо сарварии Самуэл Магареро зидди истилогарон исён бардоштанд. Аммо дар муборизаи нобаробар шӯришгарон шикаст диданд. Гереро҃ҳои зиндамонда, ба шимоли кишвар гурехта, ҷон ба саломат бурданд.


**Хендрик Витбой**

Қабилаҳои нама низ шӯриш бардоштанд. Шӯриши намаҳоро Хендрик Витбой сарварӣ кард. Витбой қабилаҳои намаро муттаҳид намуд.

Аммо дар ҷанги соли 1905 ҳалок шуд. Намаҳо баъди вафоти вай муборизаро боз ду сол давом доданд. Лекин техникаи замонавии немисҳо бартарии худро нишон дод. Истилогарони Германия 140 ҳазор нафар намаҳоро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

нобуд карданд. Шӯриши зидди Германия дар ҷануби Африкаи Шарқӣ ва марказаш (Танганика) сар шуд, беш аз ду сол давом кард. Лашкари немисҳо 120 ҳазор африкоиҳоро қир карда, шӯришро пахш намуданд. Қабилаҳои калони маҳаллӣ, ки асрҳо боз ин ҳудуд мезистанд, тамоман нобуд карда шуданд.

1. Чаро Африкаи Ҷанубӣ ба зид омадани манфиати давлатҳои бузург сабаб шуд?
2. Манфиатҳои кадом давлатҳои бузург дар Африкаи Ҷанубӣ зид омад?
3. Африкаи Шарқӣ байни кадом давлатҳои бузург тақсим карда шуд?
4. Ҷанги байни Британияи Кабир ва Республикаи Бур бо чӣ натиҷа хотима ёфт? Аз ин хусус нақл кунед.
5. Гереро ва намаҳо киҳо буданд?

1. Дар кадом давлатҳои Африкаи Тропикӣ ва Ҷанубӣ чӣ гуна металлҳои қимматбаҳо мавҷуданд, аниқ кунед ва дар харита қайд намоед.
2. Суруде, ки писари Хендрик Витой навиштааст, аз ёд кунед.

Савор шавед, эй чапандозҳо!
Ки кофист тиру туфанги шумо.
Ба ҳар амри сарвар итоат кунед,
Ба шаб раҳ кӯбеду шабохун занед.
Адӯро ба ғафлат бубояд ниҳод,
Хаёли гурез аз асар афканда бод.
Хуш аз таъми пирӯзӣ таъми дигар,
Набуду набошад дар ин баҳру бар.

*Хендрик Витбой (Тарҷумаи Паймон)*

# БОБ VII ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОНИИ СОЛҲОИ 1914–1918

## § 35. Оғози Ҷанги якуми ҷаҳон ва давоми он

**Оғози ҷанг**

Мубориза байни ду гурӯҳи ҳарбию сиёсӣ барои аз нав тақсим кардани дунёи тақсимшуда сабаби асосии саршавии ҷанги якуми ҷаҳон гардид. Давлатҳои пешқадами дунё барои амалӣ намудани ниятҳои нопоки худ роҳи ҷаҳолати маъ-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

навиро пеш гирифта, барои сарват шуда, ба қурбон кардани миллионҳо одамон камар бастанд. 28-уми июли соли 1914 дар Сараево як нафар серби миллатчӣ Г. Принсип ворисп тахти Австрияю Венгрия Франс Фердинандро кушт.

Ҳукумати Австрияю Венгрия ба Сербия ултиматуми дорои талабҳои ҳақоратангез фиристод. Сербия ба иҷрои танҳо як талаби ултиматум, яъне аз тарафи органҳои ҳуқуқи Австрияю Венгрия бурдани кори тафтиш оиди сӯиқасд розигӣ надод. Ин барои сар шудани ҷанги Австрияю Венгрия дар таърихи 28-уми июл бар зидди Сербия баҳона шуд. Иттифоқчии Сербия – Россия ҷавобан ба он қисман сафарбарии ҳарбӣ эълон кард.

Инро баҳона карда, доираҳои ҳукмрони Германия 1-уми август бар зидди Россия, 3-юми август бар зидди иттифоқчии он Франсия ҷанг эълон кард. Германия бетарафии Белгияро вайрон намуда, ба он ҳам ҳуҷум кард. Санади байналмилалиро оиди бетарафии Белгияро як замоне Пруссия имзо карда буд. Аммо ҳукумати Германия ин ҳуҷҷатро берӯёна „қоғази беҳуда“ гуфт. Бо баҳонаи ҳимояи Белгия аз Германия Британияи Кабир ҳам 4-уми август бар зидди Германия ҷанг эълон кард. Ҳамин тавр, Ҷанги якуми ҷаҳон сар шуда рафт. Япония аз Германия талаб кард, ки заминҳои мустамликавии Хитойро баргардонад. Япония ҷавоби радро гирифта, бар зидди Германия 23-юми август ҷанг эълон кард. Империяи Усмонии турк ва баъдтар Булғория ба тарафи Германия ҷангиданро маълум карданд. Дере нагузашта дар Кавказ, Сурия ва Фаластин, дар нимҷазираи Балкан ва мустамликаҳои Германия дар Африка фронтҳои нави ҷанг ташкил шуданд.

### Барбод рафтани нақшаи ғалабаи барқнок

Генерали лашкари Германия фон Шлиффен нақшаи ғалабаи зуду барқнокро кашида буд. Бинобар он лашкари Германия ба воситаи ҳудуди Белгияи бетараф ба Франсия ҳамла карда, лашкари Франсияро дар сарҳад муҳосира намуда, то тирамоҳ онро торумор карда, ба таслимшавии Франсия бояд муваффақ мешуд. Баъд аз он, дар муддати кӯтоҳ торумор намудани Россия низ дар назар дошта шуда буд.

3-юми август лашкари Германия бошиддат ба ҳуҷум гузашта, дар давоми як моҳ ба Париж наздик шуд. Акнун таслимшавии Франсия яқин буд. Ҳатто ҳукумат муваққатан аз Париж баромада рафт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аммо нақшаи Шлиффен ҷомаи амал напӯшид. Ба ин ҷавобан ба илтимоси ҳукумати Франсия 17-уми август бар зидди Германия ва Австрияю Венгрия ҳуҷум сар кардани Россия сабаб шуд.

Дар фронти ғарбӣ то андозае заиф шудани қудрати ҳарбии Германия Франсияро аз ҳалокат нигоҳ дошт. Ҳатто Франсия имконият ёфта, лашкар ҷамъ карда, ба ҳуҷум гузашт. Германия лашкари русро аз Пруссияи Шарқӣ танг карда баровард, аммо лашкари рус ба Австрияю Венгрия аксулҳамларо давом дод.

Сентябри соли 1914 лашкари муштараки Франсия ва Британияи Кабир дар соҳили дарёи Марна бар зидди лашкари Германия ба ҳуҷум гузашт. Дар ин ҷанг аз ду тараф наздики 2 млн. нафар ҷанговар иштирок кард. Британияи Кабир ва Франсия зафар карданд.

9-уми сентябр қӯмондонии Германия ба вазъияти ночор монда, маҷбур шуд, ки барои ақибнишинӣ дар фронти Ғарбӣ фармон диҳад.

Ба туфайли ғалаба дар ҷанги Марна нақшаи ҷанги барқноки Германия барбод рафт.

**Ба ҷанг дохилшавии давлати Усмонӣ**

Аксарияти доираҳои ҳукмрони давлати Усмонӣ ба тарафи Германия гузашта, ҷангиданро маъ-қул медонистанд. Бино ба фикри онҳо, заминҳое-ро, ки давлати Усмонӣ ният дошт забт кунад, ё мансуби Россия, ё дар итоати Британияи Кабир буд.

Айнан ин нияти истилогарона давлати Усмониро водор кард, ки 2-юми августи соли 1914 пинҳонӣ бо Германия шартномаи иттифоқӣ имзо кунад.

Германия ба давлати Усмонӣ қарзи бисёр дод. Давлати Усмонӣ ваъда дод, ки баробари гирифтани қарз ба ҷанг медарояд. Вазири ҳарбии германпараст ва сарқӯмондон Анварпошо амр дод, ки флоти давлати Усмонӣ таҳти қӯмондонии адмирали немис Сушан ба баҳри Сиёҳ даромада, ҳудудҳои Россияро тирборон намояд.

2-юми ноябр Россия ҷавобан ба ин ҳуҷуми давлати Усмонӣ ҷанг эълон кард. Амалиётҳои ҷанг то 350 км. тӯл кашида, фронти Кавказро ба вуҷуд овард. 5–6-уми ноябр Британияи Кабир ва Франсия ҳам зидди давлати Усмонӣ ҷанг эълон карданд.

Қувваҳои ҳарбии баҳрии Антанта дар гарданаи Дарданелли давлати Усмонӣ амалиётҳои ҷангиро сар карданд. Германия то ҳадди имкон ба давлати Усмонӣ мадад мерасонд. Дар натиҷа ба флоти баҳрии ҳарбии Британияи Кабир талафоти калон расонда шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**„Ақибнишинии бузург“**

Фронти шарқӣ дар соли 1915 ба майдони асосии ҷанг табдил ёфт. Германия ва Австрияю Венгрия қариб нисфи қувваҳои мусаллаҳи худро ба Россия партофтанӣ шуданд. Лашкари иттифоқчиён баҳори соли 1915 ҳаракатҳои ҷангиро дар Галитсия (Украинаи Ғарбӣ) сар карданд. Дар натиҷа лашкари рус маҷбур шуд, ки баҳор ва тобистони соли 1915 ҷангҳои хунини мудофиавиро барад. Он талафоти беқиёс дид. Чунончи, 850 ҳазор нафар аскар ва афсар ҳалок шуд. 900 ҳазор нафари он асир афтод. Вале дар ғарб лашкарҳои англису франсуз ҳаракати қатъиро сар накарданд.

Лашкари рус гарчанде муқовимати сахт нишон медод, дар натиҷаи баробар набудани қувваҳо Полша, соҳили Балтика, Белоруссияи Ғарбӣ ва як қисми Украинаи Ғарбиро гузошта, ақиб нишаст. Ин ақибнишинӣ дар таърихи ҷанги якуми ҷаҳон бо номи „ақибнишинии бузург“ даромадааст.

**Аҳволи фронти Ғарбӣ**

Германия аз муваффақиятҳояш дар фронти шарқӣ рӯҳбаланд шуда, дар фронти ғарбӣ ҳам вазъиятро дигар карданӣ шуд. Дар ин бобат вай ба аслиҳаи нав – киштиҳои зериобӣ умед баста буд. Дар айни вақт Германия дар ҳудудҳои ҳаракати ҳарбӣ ҳар гуна киштии зериобиро ғарқ карданӣ буд. Ҳамин тавр ҳам кард. Чунончи, киштиҳои зериобии Германия киштии мусофирбарии Британияи Кабирро бо номи „Лузитания“ ғарқ кунонд. Дар киштӣ наздики 2000 нафар (аз ҷумла 126 нафар шаҳрванди ШМА) буд.

Аз мусофирон нисфи зиёдашон ҳалок шуданд. Ғайр аз ин флоти Германия садҳо киштиҳои боркашонро ғарқ кард.

Германия на фақат аз киштиҳои зериобӣ истифода бурд. Вай бори аввал дар таърихи ҷангҳо апрели соли 1915 дар ҷанги Ипр аслиҳаи кимёвӣ – гази заҳрноки хлорро кор фармуд. Дар оқибати он 15000 нафар заҳролуд шуданд. 5 ҳазор нафарашон ҷон доданд. Аммо ин аслиҳа низ ба Германия натиҷаи дилхоҳ надод. Лашкари Антанта дарҳол бо воситаи ҳимоя аз газ (противогаз) таъмин шуд.

**Ба ҷанг дохилшавии Италия**

Италия расман аъзои „Иттифоқи сегона“ бошад ҳам, он кадом тараф ғолиб омаданаш ва кадоме аз онҳо ба Италия баъди ҷанг ғанимат доданашро мунтазир буд.

Антанта ба Италия ҳамаи заминҳои хостаашро доданӣ шуд. Моҳи апрели соли 1915 дар Лондон байни Антанта ва Италия шарт-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

нома имзо шуд. Бино ба шартнома Италия баъди як моҳ бар зидди собиқ иттифоқчиёнаш ба ҷанг мебоист медаромад. Ин ӯҳдадориро Британияи Кабир ба Италия 50 млн. фунт-стерлинг қарз дода мустаҳкам намуд. Дере нагузашта ҳукумати Италия аз „Иттифоқи сегона" баромаданашро маълум кард. 23-уми май бар зидди Австрияю Венгрия ҷанг эълон намуд. Ба тарафи Антанта гузаштани Италия мағлубияти бузурги дипломатияи Германияро нишон дод.

**Ҳаракатҳои Япония дар Шарқи Дур ва уқёнуси Ором**

Амалиётҳои ҷанг дар Европа барои ҳаракатҳои ҳарбии Япония дар Шарқи Дур ва уқёнуси Ором шароити муносиб фароҳам овард. Он январи соли 1915 дар назди ҳукумати Хитой аз зери таъсири Германия ба зери таъсири Япония додани вилояти Шандунро; имкон додан ба боз ҳам мустаҳкам шудани мавқеи Япония дар шарқи Муғулистони дохилӣ; боз ба муддати 99 сол дароз кардани иҷораи роҳҳои оҳани Порт-Артур; Манҷурияи Ҷанубӣ ва Андун-Мукденро; дар Манҷурияи Ҷанубӣ ва шарқи Муғулистони дохилӣ ба шаҳрвандони Япония додани заминро талаб намуд. Дар айни замон Япония аз дахолат кардани ШМА ба ин кор дар ташвиш буд. Аз ин боис аз баъзе талабҳояш даст кашид. 8-уми май Хитой талабҳои нисбатан нармтари Японияро қабул кард.

Ақибнишинии бузурги лашкари Россия дар соли 1915 масъалаи ба тарафи кӣ ҷангидани Булғорияро рӯшан намуд. 15-уми сентябри соли 1915 Булғория дар натиҷаи ҳамроҳ шудан ба иттифоқи Германия, Австрияю Венгрия ва давлати Усмонӣ „Иттифоқи чоргона" ба вуҷуд омад. 14-уми октябр лашкарҳои Булғория, Германия, Австрияю Венгрия ба Сербия ҳуҷум карда, онро забт намуданд.

***Ақибнишинии бузург*** – бо талафоти калон ақибнишинии армияи рус дар баҳор ва тобистони соли 1915.
***„Хлор"*** (гази заҳромез) – аслиҳаи қатли оммавӣ (кимиёвӣ), ки бори аввал дар таърихи ҷангҳо апрели соли 1915 истифода шуд.

1. Дар бораи сабабҳои саршавии Ҷанги якуми ҷаҳон чиҳоро дониста гирифтед?
2. Ҷанг чӣ гуна сар шуд?
3. Нақшаи Германия дар бораи ба даст овардани ғалабаи барқнок чӣ хел барбод рафт?
4. Чаро Италия аз шартномаи „Иттифоқи сегона" баромад?
5. Аз амалиётҳои ҷангӣ дар Европа Япония чӣ хел истифода бурд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Дар бораи Франс Фердинанд маълумот ҷамъ кунед.
2. Ба ибораи „Ғалабаи барқнок“ эътибор диҳед. Ин ибора боз кай ва дар куҷо истифода шуд?
3. Ғарқ шудани киштии „Лузитания“-ро эзоҳ диҳед.
4. Суханони зерини арбоби давлатии Британияи Кабир Лойд Ҷорҷро шарҳ диҳед:
„Таърих аз қӯмондонии ҳарбии Франсия ва Британияи Кабир, ки бо саркашии худбинона рафиқони ҳамяроқи русашонро ба ҳалокат дучор карданд, ҷавоб талаб мекунад. Ҳол он ки, онҳо русҳоро бо осонӣ халос карданашон мумкин буд“.

## § 36. Ҳаракатҳои ҷанг дар солҳои 1916–1917

### Ҷанги Верден

Доираҳои ҳукмрони Германия Россияро торумор накарда, эътибори асосиро боз ба фронти ғарбӣ равона намуданд. Мақсад аз ин пурра ҳал намудани тақдири Франсия буд. Аз ин рӯ, Германия ба қалъаи Вердени Франсия ҳуҷум кард. Чунки ин қалъа садди асосии роҳ ба Париж буд. Ҳуҷуми лашкари Германия 21-уми феврали соли 1916 сар шуда то 21-уми март давом кард. Аскарони пиёдаи немис акнун ба ҳуҷум гузашта буданд, ки онҳоро ғайричашмдошт французҳо аз тӯп бошиддат парронданд.

Лашкари немис ҳамагӣ 7 км ба пеш ҳаракат карду халос. Сарқӯмондонии Франсия бо мақсади боз ҳам суст намудани ҳаракати ҳарбии лашкари Германия дар самти Верден ба гузаштани хатти мудофиаи немисҳо дар соҳили дарёи Сомма қарор намуд. Лашкари французу немис ба соҳили дарёи Сомма ҳуҷум кард. Ин ҷанги хунин то ноябр давом кард.

Дар ин ҷанг англисҳо бори аввал дар таърих аслиҳаи нав – танкро истифода бурданд. Ин аслиҳаи пӯлодин лашкари душманро ба саросема андохт. Аз декабри соли 1916 лашкари немис маҷбур шуда, ба мудофиа гузашт. 21-уми декабр ҷанги Верден ба охир расид.

Ҷангҳои Верден ва Сомма ҷангҳои бемисли хунин шуданд. Дар ҷараёни онҳо аз ҳар ду тараф беш аз 2 миллиону 260 ҳазор нафар ҷанговарон ҳалок шуданд. Аз ин рӯ ҷанги Верден дар таърих бо номи „Куштори Верден“ даромадааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Аҳволи фронти шарқӣ**

Моҳи феврали соли 1916 лашкари Германия дар фронти ғарбӣ ба ҳуҷум гузашт, Франсия барои кӯмак ба Россия боз муроҷиат кард. Ҷавобан ба он лашкари рус таҳти фармондеҳии генерал А. А. Брусилов моҳи май ба ҳуҷум гузашт. Фронти лашкари Австрияю Венгрия дар Галитсия рахна карда, ба лашкар зарбаи сахт расонда шуд. Дар оқибати ҳуҷуми лашкари рус беш аз 1 миллион нафар ҷанговари лашкари Австрияю Венгрия ҳалок шуд. Беш аз 400 ҳазор нафар асир афтоданд. Лашкари рус ба пеш ҳаракат намуд.

**Ба ҷанг даромадани Руминия**

Октябри соли 1914 шартномаи Россия – Руминия имзо шуда буд. Бино ба шартнома Россия пуррагии ҳудуди Руминияро кафолат дода буд. Ғайр аз ин, ҳуқуқи Руминияро ба ҳудудҳои руминҳои муқими империяи Австрияю Венгрия эътироф кард.

Августи соли 1916 байни Руминия ва давлатҳои Антанта шартнома баста шуд ва Руминия маҷбурияти эълони ҷангро бар зидди Австрияю Венгрия ба зимма гирифт. Бар ивази он Трансилвания, Буковина ва қисми калони Банат ваъда дода шуд. 28-уми август Руминия зидди Австрияю Венгрия ҷанг эълон кард. Аммо лашкари Руминия, ки ба ҷанг хуб омода набуд, зуд торумор шуд.

**Нақшаҳои тарафҳо**

Соли 1917 бартарии қувваҳои мусаллаҳи Антанта аз нигоҳи шумора 40 фоизро ташкил медод. Ҳатто Россияи аз нигоҳи ҳарбию иқтисодӣ ақибмонда дар ибтидои соли 1917 аз рӯи истеҳсоли моҳонаи тир ва техникаи ҳарбӣ ба нишондоди баланд ноил шуда буд. Антанта ният дошт, ки аввалҳои сол ба ҳуҷум мегузарад. Зарбаи ҳалкунанда мебоист тобистон зада мешуд.

Дар айни замон „Иттифоқи чоргона“ ҳам остин бар зада нанишаста буд. Августи соли 1916 генерал-фелдмаршал фон Гинденбург қӯмондони лашкари Германия таъин шуд ва дарҳол нақшаи ҳаракати Германияро дар соли 1917 кашид. Нақша бо мақсади кам кардани ҳаҷми хатти фронт пеш аз ҳама ба дараҷаи даркорӣ тайёр намудани армияро дар назар дошт.

**Ба ҷанг даромадани ШМА**

ШМА вақти оғози ҷанг бетараф буд. Аммо ШМА рафти ҷанги якуми ҷаҳонро бодиққат мушоҳида мекард. Дар айни замон ғалабаи ҳеҷ ягон тарафи ҷангкунандаро намехост. Вай ба якдигар душман шуда мондани давлатҳои Европаро хуш медид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар он шароите, ки ҷанг хароҷоти беназири ҳарбӣ талаб карда, дер давом мекард, барои ШМА аниқ буд, ки манфиати калони молиявӣ хоҳад дид. ШМА айнан ин имкониятро аз даст доданӣ нашуда, ба Антанта ёрӣ расонданро сар кард.

Хусусан, соли 1915 ШМА бо Британияи Кабир ва Франсия дар бораи додани 500 млн. доллар қарз шартнома имзо кард. Қарзи 20-то давлати Европа аз ШМА оҳиста-оҳиста ба 10 млрд. доллар расид.

Аз моҳи феврали соли 1917 Германия бар зидди Британияи Кабир ҷанги калони зериобӣ эълон кард. Ин ҷанг дар айни замон ба манфиатҳои ШМА ҳам зарари калон расонд ва доираҳои ҳукмрони онро бефарқ нагузошт.

Ҳукумати ШМА ин фурсатро мусоид дониста, 6-уми апрел бар зидди Германия ҷанг эълон кард. Қуввaҳои нахустини ҳарбии ШМА моҳи июн ба ҳудуди Франсия омада фаромаданд. Баъди як сол шумораи лашкари ШМА, ки дар фронти Ғарбӣ меҷангид, 2 млн. нафарро ташкил медод. Ба ҷанг дохил шудани ШМА барои ба фоидаи Антанта ҳал шудани тақдири ҷанг омили калон шуд.

1. Германия аз ҷанги Верден чӣ мақсад дошт?
2. Хатти фронти Галитсияро рахна кардани А.А.Брусилов чӣ аҳамият дошт?
3. Дар бораи аҳамияти ҷанги соҳили дарёи Сомма чиҳоро дониста гирифтед?
4. Румыния чаро ба тарафи Антанта гузашта, ба ҷанг даромад?
5. Чаро ШМА фақат соли 1917 ба ҷанг даромад? Ба ҷанг дохил шудани ШМА дар ҷанги якуми ҷаҳон чӣ хел рол бозид?

1. Дар бораи роли танк дар ҷангҳо реферат тайёр кунед. Онҳо ҳоло чӣ гуна аҳамият доранд?
2. Моҳияти сиёсати найрангомези ШМА-ро шарҳ диҳед.

## § 37. Натиҷаҳо ва оқибатҳои Ҷанги якуми ҷаҳон

### Аҳволи давлатҳои ҷангкунанда

Ҷанг ба ҳаёти дохилии давлатҳои иштирокчии он таъсири манфии калон расонд. Иқтисодиёт ба мақсадҳои ҳарбӣ нигаронида шуд. Қисми асосии саноати вазнин ва сабук барои эҳтиёҷоти ҷанг кор мекард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҷанг вазъияти кишоварзиро низ хароб карда буд. Дар ин соҳа истеҳсоли маҳсулот якбора кам шуд.

Қариб дар ҳамаи давлатҳо норасоии озуқа ба вуҷуд омад. Дар натиҷа ҳукуматҳо карточкаи (меъёри қатъиян муқаррашуда) маҳсулоти озуқавориро ҷорӣ карданд. Дар байни аҳолӣ шовинизм ҳаматарафа тарғиб карда мешуд. Ягон парламент дар давоми тамоми ҷанги хунрезӣ бар зидди он эътироз баён накард. Акнун давлат барои ба тартиб овардани истеҳсолот сар кард. Ба кори банкҳо, тақсимоти ашёи хом ва супориши ҳарбиро ҳокимияти давлатӣ назорат менамуд.

Аҳолии аз ҷанг хасташуда тезтар тамом шудани онро талаб намуда, бар зидди ҳукумат сар бардошт. Ҳамин тавр, он ягонагии халқе, ки дар солҳои аввали ҷанг ба амал омада буд, аз байн рафт. Дар баъзе фронтҳои ҷанг аскарон бо ҳам бародар шуда, ба тарафи душман тир намепаррониданд. Чунки лашкар ҳам аз ҷанг монда шуда буд.

**Вазъияти Россия**

Ҷанг вазъияти иқтисодию сиёсии Россияро хеле тезу тунд кард. Дар оқибати он моҳи феврали соли 1917 дар Россия инқилоб рӯй дод. Императори Россия маҷбуран аз тахт даст кашид. Ҳокимият ба дасти буржуазия гузашт. Вай ҳукумати муваққатиро ташкил кард.

Ҳукумати муваққатӣ барои идомаи ҷанг қарор кард ва ҳатто вай тобистони ҳамон сол ҳуҷуми лашкари русро ташкил намуд. Аммо ин ҳуҷум ноком поён ёфт.

Ин бемуваффақиятӣ вазъияти бе ин ҳам душвори Россияро боз ҳам мураккабтар кард. Дар натиҷаи он 7-уми ноябри соли 1917 табаддулоти давлатӣ рӯй дод. Ҳукумати муваққатӣ сарнагун карда шуд. Ҳокимиятро ҳизби болшевикӣ (коммунистҳо) бо роҳбарии В. И. Ленин ба даст гирифт ва ҳукумати шӯравиро (советиро) ташкил дод. 8-уми ноябри соли 1917 давлати шӯравӣ декрет „Дар бораи сулҳ“-ро қабул намуд.

Дар ин декрети оид ба сулҳ ҷанги истилогарона маҳкум ва ҷинояти вазнинтарини зидди башарият номида шуд.

Ҳукумати советӣ дар ҳар гуна шароит барои имзои шартномаи сепаратӣ мекӯшид. Чунки лашкар рӯҳияти худро аз даст дода буд ва фронти шарқӣ дар ҳолати ҳалокат расида буд.

Моҳи декабри соли 1917 байни қӯмондонии Россияи Шӯравӣ ва Австрияю Венгрия созишномаи сулҳ имзо шуд. Ҳамин гуна шарт-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

нома бо Руминия ҳам имзо шуд. Ҳамин тавр, фронти шарқӣ ором шуда монд.

**Аҳвол дар дигар фронтҳо**

Апрели соли 1917 қувваҳои мусаллаҳи Антанта дар фронти ғарбӣ ба ҳуҷум гузаштанд ва дар он беш аз 100 дивизия иштирок намуд. Аммо хатти мудофиаи Германия рахна карда нашуд. Баръакс, дар оқибати ин ҷангҳо сафи қурбониён афзуд. Ин қурбониҳо бо номи сарқумондони қувваҳои мусаллаҳи Франсия Невел „куштори Невел“ ном гирифт.

Соли 1917 лашкари Италия ба мағлубият дучор омад. Британияи Кабир ва Франсия фавран қувваҳои ёрирасон фиристода, Италияро аз ҳалокат нигоҳ доштанд. Моҳи ноябри соли 1917 Германия барои баргардонидани ҳуҷуми лашкари англис боз як силоҳ–огнемётро кор бурд.

Ҳаракати армияи англис дар Байнаннаҳрайн ва Фаластин пурзӯр гардид. Моҳи марти соли 1917 англисҳо шаҳри Бағдодро ишғол намуданд. Дар тирамоҳ Давлати Усмонӣ нимҷазираи Арабистонро пурра ва як қисми Фаластинро бой дод.

**Аз ҷанг баромадани Россияи шӯравӣ**

3-юми марти соли 1918 Россияи шӯравӣ дар асоси шартҳои „Иттифоқи чоргона“ шартномаи сулҳи Брестро имзо кард. Шартҳои он барои Россия бисёр вазнин буд. Бинобар он Россия мебоист тамоми лашкарро демобилизатсия карда, флоти ҳарбиашро ба бандарҳо бармегардонд. Инчунин, Россия аз соҳили Балтика, Полша, Финландия ва Украина даст мекашид. Украина ва Финландия чун давлатҳои мустақил эътироф шуданд. Карс, Ардаган ва Батумии Кавказ ба давлати Усмонӣ гузашт. Ғайр аз ин, Россия ба Германия ба миқдори 6 млрд. марка репаратсия месупурдагӣ шуд.

**Марҳилаи охирини ҷанг**

Президенти ШМА В. Вилсон январи соли 1918 нуқтаи назари ҳукуматашро оид ба шартномаи сулҳи имзошаванда баъди ҷанги якуми ҷаҳон ва харитаи нави сиёсии дунё маълум кард. Ин нуқтаи назар дар таърих бо номи „Барномаи сулҳи Вилсон“ маълум аст. Ин барнома минбаъд асоси шартномаи сулҳи байни Антантаи ғолиб бо „Иттифоқи чоргона“-и мағлубшуда хизмат кардааст.

Германия моҳи марти соли 1918 дар фронти ғарбӣ қувваҳои асосии лашкарро ғун карда, ба ҳуҷум гузашт. Ин ҳуҷуми охирини вай буд. Аммо ин ҳуҷум ягон муваффақияти ҷиддӣ надод. Дар чунин шароит Британияи Кабир ва Франсия оид ба ташкили қӯмон-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

донии ягона қарор намуданд. Генерали Франсия Фош қӯмондони қувваҳои муттаҳида таъин шуд. Лашкари Франсия ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашт. Баъди ин ҳуҷуми Антантаро боздоштан амри маҳол буд.

Моҳи сентябр ба Булғория зарбаи дандоншикан дода шуд. Вай ҳаракатҳои ҷангиро бас карда, аз ҷанг баромад. Австрияю Венгрия оид ба имзо кардани созишномаи сулҳ ба Антанта муроҷиат кард. 3-юми ноябр он шартнома имзо шуд ва Австрияю Венгрия ҳам аз ҷанг баромад. Давлати Усмонӣ низ чунин шартномаро маҷбуран имзо намуда буд.

Ҷанг вазъияти инқилобиро дар Германия ба вуҷуд овард. 9-уми ноябр империяи Германия вожгун шуд. Император Вилгелми II аз тахт рафт ва аз мамлакат гурехт. 10-уми ноябр бо сарварии сотсиал-демократ Эберт ҳукумати нав ташкил ёфт. 11-уми ноябр дар ҷангали Компен дар вагони штаби маршал Фош оид ба таслим шудани Германия бо Антанта шартнома ба имзо расид. Ҳамин тавр, ҷанги якуми ҷаҳон бо ғалабаи Антанта ба охир расид.

28-уми июни соли 1919 шартномаи сулҳи Версал имзо гардид. Давлатҳои блоки Германия ғорат гардиданд, аз аксари ҳудудҳои худ ҷудо шуданд. Германия 132 млрд. марка репаратсия бояд месупурд. Дар ҷанги якуми ҷаҳон 38 давлати дунё иштирок намуд. Дар онҳо беш аз 1,5 млрд. нафар аҳолӣ зиндагӣ мекард. Наздики 74 млн. нафар ба ҷанг сафарбар карда шуд. Ҳамагӣ 10 млн. нафар кушта шуданд, беш аз 20 млн. нафар захм бардоштанд. Ғайр аз ин, одамони бисёр аз беморию гуруснагӣ мурданд. Инсоният дар тамоми он ҷангҳое, ки тӯли таърихи 1000-солааш рӯй дода буд, мисле, ки дар ҷанги якуми ҷаҳон талафот дида буд, надидааст. Давлатҳои иштирокчии ҷанги якуми ҷаҳон аз се як қисми сарватҳои миллиашонро аз даст доданд.

***Декрет*** (лотинӣ – қарор) – қароре, ки мақомоти идораи ҳокимияти олӣ бароварда, эътибори қонунро дорад.

***Репаратсия*** (лотинӣ – барқароркунӣ) – дар ҳуқуқи байналмилалӣ аз тарафи давлати мағлуб дар ҷанг ба давлати ғолиб супурдани товони зарари ҷанг.

***Сепаратизм*** (лотинӣ – ҷудо мекунам) – кӯшиш барои ҷудо шудан. Инчунин дар ҳуқуқи байналмилалӣ яке аз иштирокчии давлатҳои иттифоқӣ бе рухсати иттифоқчиён ё бе розигии онҳо имзо кардани созишнома бо давлати душмани ҷангкунанда.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Шартномаи сулҳ*** – созишнома оид ба қатъ намудани ҳаракатҳои ҷангӣ. Яке аз намудҳои шартномаи байналмилалӣ.

1. Дар бораи таъсири ҷанг ба вазъияти дохилии давлатҳои ҷангкунанда чиҳоро дониста гирифтед?
2. Дар бораи мазмуни декрети „Дар бораи сулҳ“-и ҳукумати советӣ нақл кунед.
3. Россияи шӯравӣ (советӣ) чӣ хел аз ҷанг баромад?
4. Чаро ҳукумати советӣ гарчанде шартҳои созишномаи сулҳи Брест хеле вазнин буд, онро имзо кард?
5. Дар бораи ҷараёни паси ҳам таслим шудани давлатҳои аъзои „Иттифоқи чоргона“ нақл кунед.

1. Асорати ҷангро ба аҳволи иқтисодӣ эзоҳ диҳед.
2. Моҳияти „Декрет дар бораи сулҳ“ аз чиҳо иборат аст?
3. Огнемёт чист? Он чӣ гуна такмил ёфт?
4. Дар бораи мағлубияти блоки Германия дар ҷанг реферат тайёр намоед.
5. Дар бораи мазмуни материали ҳуҷҷатии зерин мулоҳиза ронед:

Аз нутқи президенти ШМА В.Вилсон моҳи июли соли 1916: „Мо дар дунё роли калон бозиданамон мумкин. Оё шумо аҳамияти як далелро ба назар гирифта истодаед: мо дар тӯли як ё ду сол аз давлати қарздор ба давлати қарздиҳанда табдил ёфтем. Аксарияти тиллои зиёдатии дунё дар дасти мост, пеш аз ин ин қадар тилло надоштем. Аз ҳоло сар карда, кори мо аз додани қарз, ёрирасонӣ ба корхонаҳои калони байналмилалӣ ва аз пеш бурдани кори онҳо иборат шуда монд. Бар зиммаи мо бо маблағи калон таъмин кардани тамоми дунё ва то дараҷае, ки медонему мехоҳем, идора кардани он афтодааст“.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ФАСЛИ IV. ИЛМ ВА МАДАНИЯТ

## БОБИ VIII ИНКИШОФИ ИЛМ ВА МАДАНИЯТ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

### § 38. Инкишофи техника ва илм дар истеҳсолоти моддӣ

**Кашфиётҳои бузург**

Дар ин давр ба туфайли боло рафтани қувваҳои истеҳсолот ва эҳтиёҷоти ҷамият дар соҳаи нақлиёт, барқ (электр), бинокорӣ, металлургия, мошинсозӣ ва монанди инҳо кашфиётҳои бузург ба амал омаданд. Дар натиҷаи пеш рафтани роҳҳои оҳан дар кишварҳои дунё дар соҳаи паровозсозӣ дигаргуниҳои калон рӯй доданд. Ба ҷои мошинҳои буғии камқуввати содда ва заиф двигателҳои аз дарун сӯзанда ва двигателҳои электрӣ сохта шуданд. Аз двигатели электрӣ пеш аз ҳама дар нақлиёти шаҳр истифода шуд. Аллакай дар соли 1895 дар шаҳрҳои калони Британияи Кабир ва ШМА аз трамвай истифода мебурданд. Дар бобати электркунонии роҳҳои оҳан таҷрибаҳо гузаронида шуданд. Дар сохтмони киштиҳо аз пӯлод бештар кор мефармудагӣ шуданд.

**Электр**

Кишварҳое, ки саноати электрашон пеш рафта буд, бо суръати баланд инкишоф намуданд. Пешрафти саноат дар фабрика, завод, ҷойҳои савдо ва идораҳо талаботро ба чароғҳои сунъӣ беш аз пеш зиёд кард.



Томас Эдисон

Соли 1876 ихтироъгари рус *П. Н. Яблочкин* лампаи барқиро, ки „шамъи барқӣ“ меномиданд, ихтироъ намуд. Ихтироъгари америкоӣ *Т. Эдисон* лампаи наве ихтироъ кард, ки ҳавои он кашида гирифта шуда, дарунаш нахи ангишти тафсонанда дошт. Эдисон дар Ню-Йорк стансияи нахустини гармии электриро ҳам сохт, ки садҳо истеъмолгаронро бо энергия таъмин менамуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### Истифода бурдани металл ва оина дар бинокорӣ

Дар соҳаи бинокори низ дигаргуниҳои калон рӯй доданд. Акнун аз металл ва оина васеъ истифода мебурданд Аз ин сабаб банк, фабрикаҳо, завод, растаҳои савдо, бозорҳо, вокзал, хонаю чой, меҳмонхонаҳои калон ва монанди инҳо сохта шуданд.

Дар бинокорӣ аҳамияти семент калон шуда монд. Он замон масолеҳи нави сохтмон – оҳану бетон пайдо шуд. Онро боғбони француз Моне ихтироъ карда буд. Вай аз оҳану бетон гултубакҳои калон тайёр мекард.

Дар сохтмон бештар истифода шудани оҳану бетон, металл ва шишаҳо ба меъмории биноҳо таъсир расонд. Соли 1889 дар Париж ба муносибати намоишгоҳи ҷаҳонӣ муҳандиси француз Эйфел манораи дар ҳамон давр бағоят баланди иборат аз 300 метрро фақат аз металл бунёд кард. Сонитар дар Америка металл барои сохтани биноҳои осмонбӯси баландиашон то 400 метр истифода шуд.

Техникаи кушодани туннели роҳи оҳан ва сохтани кӯпрукҳои роҳи оҳан ба куллӣ дигар шуд. Соли 1880 зери ағбаи Сен-Готарди машҳури кӯҳҳои Алп туннели 15-километра сохта шуд.

Дар ин давр техникаи гидросохтмон низ тағйир ёфт. Канали Панама, ки уқёнуси Атлантика ва уқёнуси Оромро ба ҳам мепайваст, бунёд гардид.

### Металлургия

Албатта саноати металлургияро ривоҷ надода масолеҳи сохтмонҳоеро, ки дар боло зикр шуд, тайёр намудан ғайриимкон аст. Техникаи гудохтани металл такмил дода шуд. Олими немис *Р. Кирхгоф* усули автоматикунониро дар металлургия кашф кард. Ҳаҷми печҳо калон карда шуданд. Масъалаи ба пӯлод табдил додани чӯян ҳал шуд. Дапр бобати истеҳсоли кислотаи сулфат, ки барои саноат хеле зарур буд, технологияҳои нав ҷорӣ карда шуд. Усули аммиакии истеҳсоли содаи сунъӣ ҷорӣ гардид.

Соли 1886 бо усули электролит алюминий ҳосил намуданд. Дар ибтидои асри XX *Л. Бакеланд* (Белгия) роҳи истеҳсоли пластмассаро ёфт.

Дар ин давр мошинсозӣ бо суръати баланд пеш рафт. Олими рус *И. А. Тиме* ба санҷиши илмии ҷараёни буридани металл асос гузошт. Усули пайвандкунии электриро соли 1867 электротехники америкоӣ Томсон истифода бурд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Коркарди нефт**

Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX яке аз соҳаҳои муҳими саноат – саноати коркарди нефт ба вуҷуд омад. Баробари инкишофи двигатели аз дохилсӯзанда муаммои истеҳсоли бензин кӯндаланг пайдо шуд. Олими немис *Г. Даймлер* дар бобати истеҳсоли двигателҳои сабуки бо бензин коркунанда ба натиҷаҳои калон ноил шуд. Вай двигателҳои автомобил, қаиқи мотордор, мотосиклро офарид.

Соли 1897 *Р. Дизел* двигатели наве сохт, ки он аз фишорёбии сӯзишворӣ худаш дар мегирифт. Дар бобати офаридани аэропланҳои нахустин конструктори рус *А. Ф. Можайский*, ихтироъгари англис Г.Филиппс, ихтироъгари франсуз *К. Адер* ҳиссаи калон гузоштанд. аэроплани нахустинро ихтироъ кард. Соли 1903 бародарон *Уилвер* ва *Орвилл Райтҳо* ба самолёт парвоз намуданд. Мошинҳои рақамноки ҳисобро *Чарлз Беббич* (Англия), мошинҳои барномавии дӯзандагиро *Жозеф Мари Ҷаккард* (Франсия), усули идоракунии автоматии самолётҳоро *Л. Сперри* (ШМА), ракетапланро *Н. И. Кибалчич* (Россия) офариданд.



**Автомобили нахустин. Соли 1885**

**Радиотелефон**

Ихтироъ шудани радио яке аз кашфиётҳои калонтарини соҳаи техника ба шумор меравад. Олими немис *Г. Герс* дар дунё аввалин шуда, бо таҷрибаи худ паҳншавии мавҷҳои электромагнитро исбот кард. Олими рус *А. С. Попов* барои алоқаи бесим усули пайдо ва қабул намудани мавҷҳои электромагнитиро ва асбобҳои зарурӣ (интиқолкунанда ва қабулкунанда) офарид. Ҳамин тариқ ба радио асос гузошта шуд. Дар Британияи Кабир аз тарафи *Г. Маркони* телеграфи бесим ихтироъ карда шуд.



**А.С.Попов**

Дар охири асри XIX соҳаи нави техника – телефон зуд инкишоф ёфт. Техник *А. Белл*, ки дар Шотландия таваллуд ёфта, муқими Америка гашта буд, аввалин шуда, барои аппарати телефон соҳиби имтиёзнома шуд. Телефон нисбат ба дигар ихтироъҳои нав қариб



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дар ҳамаи кишварҳо зуд паҳн шуд. Нахустин стансияи телефонии шаҳр дар ШМА ба кор даромад. Баъд дар Париж ва Берлин низ стансияҳои телефон кушода шуданд.

Соли 1877 *Т. Эдисон* дастгоҳи сабти овоз ва такроран шунавонидани он – фонографро ихтироъ кард. Дар асоси фонограф граммафон ва дигар асбобҳои механикии сабти овоз пайдо шуд.

**Соҳаи ҳарбӣ**

Аз охири асри XIX сар карда, бинобар он, ки мубориза барои аз нав тақсим намудани дунё сар шуд, вобастагии соҳаи ҳарбӣ ва иқтисод чуқур шуд. Соҳаи индустрияи мошинсозӣ барои навигариҳои хеле муҳими ҳарбию техникӣ имконият фароҳам овард.

Дар ин давр дар ҳамаи мамлакатҳо шумораи лашкари саҳро ва артиллерияи саҳро афзуда рафт. Ин ҳолат боиси беҳтар шудани сифат ва шумораи яроқу аслиҳа барои лашкари пиёдагон ва артиллерия гардид.

Дар он давр милтиқи дорои тирдони (магазин) зудпаррон ихтироъ шуд. Аммо истифодаи порохи дуддор сифати ин милтиқи ҷанговариро паст мекард. Ҳангоми зуд-зуд паррондан аз милтиқи магазиндор дуд бештар баромада, нишон дида намешуд. Ҳамин тавр, амалиёти кори ҳарбӣ кашфи порохи бедудро тақозо кард.

Соли 1884 олим француз *Велйе* ба тайёр кардани порохи бедуд муваффақ шуд. Дар Россия *Д. И. Менделеев* мустақил аз французҳо „асрори“ порохи бедудро ёфт. Ҳамин тавр дар аксари кишварҳо истеҳсоли порохи бедуд ба роҳ монда шуд. Баробари такмилёбии милтиқ ва беҳтар шудани порох армияҳо пайдо шуданд, ки ба тазйиқи лашкарҳои сершумор муқовимат карда метавонистанд.

Пайдо шудани тӯпҳои худрави зудпаррон, инчунин моддаҳои таркондаи поракунанда сифати ҷанговарии армияро боло бурд.

Дар соҳаи тайёр намудани моддаи нави тарканда муҳандиси швейтсариягӣ *А.Нобел* кашфиёти оламшумул кард. Вай соли 1888 дар натиҷаи ҷустуҷӯйҳои бисёрсола динамитро ихтироъ намуд.

Дар арафаи ҷанги якуми ҷаҳонӣ аслиҳаи тирпаррон ва артиллерия боз ҳам такмил ёфт. Дар давоми ҷанг баробари пулемёти станокдор пулемёти хеле сабуки дастӣ офарида шуд. Тӯпҳое сохта шуданд, ки ба масофаи хеле дур парронда метавонистанд. Танки дорои двигатели дохилӣ ва тасмачарх, зиреҳпӯш, дорои тӯп бори аввал дар шароити ҷанг аз тарафи англисҳо истифода шуд. Танк ба аслиҳаи даҳшатноки ҷанг табдил ёфт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ибтидои асри XX самолётҳое сохта шуданд, ки суръаташон 220 км. буда, дар баландии 7000 метр, ба масофаи 900 км. парвоз карда метавонистанд.

1. Дараҷаи инкишофи техника дар давлатҳои мутараққии дунё дар солҳои 70-уми асри XIX ба чӣ асос ёфта буд?
2. Дар кадом давлатҳо ба нақлиёт ва роҳҳои оҳан чун ба соҳаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим нигоҳ мекарданд?
3. Аз ихтироъгарони бузург киҳоро медонед? Онҳо барои инкишофи илм чӣ хел ҳисса гузоштаанд?
4. Самолёт аз тарафи кӣ ихтироъ карда шуд ва самолёти нахустин кадом сол парвоз намуд?
5. Дастгоҳи телефон бо мақсади наздик кардани фосила аз кай ба кор бурда шуд?
6. Радиоро кӣ ихтироъ кард? Ҳоло нақши радио чӣ гуна аст?

1. Ҳоло дунёро бе истифодаи электр (барқ) тасаввур кардан мумкин аст?
2. Чаро дар Ўзбекистон ба сохтмони истгоҳи атомии барқӣ (электрӣ) эътибор дода шуд? Бо далелҳо асоснок кунед.
3. Дар бораи Алфред Нобел реферат тайёр кунед.

## § 39. Инкишофи фанҳои аниқ ва табиатшиносӣ

**Инкишофи илмҳои табиатшиносӣ**

Охири асри XIX – ибтидои асри XX дар бобати инкишофи илми табиатшиносии замони ҳозира марҳилаи муҳим ба шумор меравад. Дар ин марҳилаи дар соҳаҳои гуногуни илмҳои табиатшиносӣ кашфиётҳои инқилобӣ ба амал омад, ба решаи тасаввуроти кўҳна оид ба олам теша зада шуд.

Инкишофи илми табиатшиносӣ дар ин давр бо пурзўр шудани рақобати иқтисодии байни баъзе кишварҳо ва кўшишот барои дохил шудан ба ҳудудҳои нав аз нигоҳи иқтисодӣ низ вобаста аст.

Дар ин замон илмҳои дақиқи оид ба табиат низ дар заминаи таҷрибаҳои калонмиқёс инкишоф ёфт ва ин таҷрибаи амалиро бо кашфиётҳои нави илмӣ ғанӣ гардонд.

Дар ин марҳила илм боз ҳам ба соҳаҳо ихтисосонида шуд ва соҳаҳои нав ба нави фанро ба майдон овард. Баъзе илмҳои пешина ба ҳам як шуданд. Аз ҷумла дар сарҳади физика ва кимиё физика-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

кимиёи мустақил пайдо шуд. Кашфиётҳое, ки дар ин давр амалӣ шуданд, ба инқилоби илмию техникии (ИИТ) нимаи дуюми асри XX замина гузоштанд. Соҳаҳои нави дониш – илмҳои техникӣ ба вуҷуд омаданд. Онҳо дар заминаи муваффақиятҳои илмии замонҳои гузашта бо масъалаҳои такмил додани истеҳсолот машғул мешуданд.

Инкишофи илм ғояи дар бораи ягонагии оламро бе пеш гузошт, сониян нисбӣ будани донишҳоямонро дар бораи олам исбот карда дод.

**Математика, кимиё, физика**

Кашфиётҳои бузурги соҳаи математика бо номи олими рус *Н. И. Лобачевский*, олими италиявӣ *Е. Белтрами,* математики австриягӣ *Д. Гилберт* ва дигар олимон алоқаманд аст. Олими рус *Н. Е. Жуковский* дар соли 1904 чунин кашфиёт кард, ки ин кашфиёт барои инкишофи аэродинамикаи ин замон асос шуд. Он аз формулаи аниқ намудани қувваи бардошти бол буд.

Тадқиқоти олими рус *А. С. Попов* барои истифодаи васеи алоқаи бесим тавассути мавҷҳои электромагнитӣ имкон дод. Дар натиҷаи корҳои илмии *П.Н. Лебедов* ҷойи холии мавҷҳои электромагнитӣ дар шкалаи умумиаш – яъне холигии байни радиомавҷҳо ва нурҳои инфрасурх пур карда шуд. Лебедов назарияи электромагнитии рӯшноиро исбот кард.

Соли 1870 олими англис *У. Куркс* нурҳои катодро дар ҳавои тунук кашф намуд. Соли 1897 боз як нафар олими англис Ҷ. Томсон заррачаҳои зарядноки манфии нурҳои катодро, яъне маҷрои электронҳоро аниқ кард.

Соли 1888 *В. Галване* агар пластинкаи металлии манфӣ заряднокшуда бо нури лампаи камонӣ равшан гардад, зарядашро гум карданашро исбот карда дод.

Ба омӯзиши амиқтари заррахои атом олими рус *Д.И. Менделеев* асос гузошт. Вай соли 1869 дар байни вазни атомии ҳамаи элементҳои кимиёвӣ мавҷуд будани вобастагиро кашф намуд ва системаи даврии элементҳоро бо номи худаш тартиб дод.

Дохил шудан ба сохтори дохили атом бо омӯхтани нурафканӣ вобаста буд. Физики француз *А.Беккерел* ин ҳодисаро омӯхта, аниқ кард, ки атомҳои уран нурҳое мебарорад, ки аз ҷисмҳои дар наздаш истода бемалол гузашта метавонад. Қадами навбатиро дар Париж *М.Склодовская-Кюри* гузошт. Дар ҷараёни таҷриба ӯ исбот кард, ки аз худ нур баровардан фақат ба атомҳои уран хос нест. Ин



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Алберт Эйнштейн**

хусусияти атомҳои муайянро вай радиоактивӣ номид. Вай бо шавҳараш физики намоёни француз *П.Кюри* ба исбот кардани интенсивӣ нур баровардани баъзе элементҳои радиоактивӣ нисбат ба уран муваффақ шуд. Зану шавҳар Кюриҳо боз дуто элементро ҷудо карда доданд. Ин элементҳоро полоний (ба шарафи ватани М.Склодовская-Кюри, ӯ аз Полша буд) ва радий (яъне нуркунанда) номиданд.

Олимон ба назарияи моддаи хурдтарин набудани атом боварӣ ҳосил карданд. Дар ибтидои асри XX микрозарраи аввалин – электрон кашф шуд. Дере нагузашта ҳангоми парча шудани элементҳои радиоактивӣ айнан электронҳо ҷудо шуданашон маълум гардид. Физики англис *Э.Резерфорд* ҳамаи атомҳо дорои ядрои вазнин буданашонро исбот намуд. Вай модели сайёравии (планетарии) атомро сохт, дар ин модел дар атрофи ядро („офтоб“) электронҳо („сайёраҳо“) давр мезад.

Физики даниягӣ *Н.Бор* ислоҳ даровард, яъне электронҳои модели ӯ аз як орбита ба орбитаи дуюм ҷаҳида гузашта, зимнан порсияи энергия (квант)-ро мебарорад. Ин аз физикаи классикии Нютон тамоман фарқ мекард ва қонунҳои физикаи классикӣ акнун ба микродунё чандн мувофиқ наомаданашро нишон медод.

Дар айни вақт тасаввуроти илмӣ дар бораи нисбати байни ҳамдигарии фазо ва вақт ҳам дигар шуд. Соли 1905 олими немис *А.Эйнштейн* қоидаҳои асосии назарияи нисбиятро эълон намуд. Вай исбот кард, ки бузургии ҷисмҳо ва дарозии вақт нисбист, хусусиятҳои фазо ва вақт ба ҳаракати объектҳои моддӣ вобаста аст. Ҳангоми ба суръати рӯшноӣ наздик шудани рӯшноӣ гузаштани вақт суст мешавад, бузургии ҷисмҳо хурд мегардад.

Дар соҳаи биология низ пешравиҳо ба амал омаданд. Аз тарафи *Г.Мендел* кашф шудани қонунҳои баъзе ирсиятҳо ба инкишофи илми нав – генетика асос гузошт. Дар ин давр дар роҳи донистани решаҳои моддии фикрронӣ қадамҳои нахустин гузошта шуданд. Физиологи рус *И.П.Павлов* дар заминаи рафтори инсон дар косахонан сар ҷараёҳои физиологӣ рӯй доданашро исбот намуд. Бинобар он ҷараёни фикр (тафаккур) хусусияти алоҳида материяи олӣ ташкилшуда мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар бобати синтези органикӣ муваффақиятҳои калон ба даст оварда шуд. *В. Гриняр* соли 1900 усули синтез кардани моддаҳои гуногуни органикиро кашф намуд. Кашфи реаксияи диазот аз ҷониби *П. Грисс* имкон дод, ки як гурӯҳи калони рангҳоро, ки номи „рангҳои азотӣ“ гирифтанд, ҳосил карда шаванд.

Корҳо оид ба синтези рангҳо ба инкишофи истеҳсолоти доруҳо ёрӣ расонданд. Дар натиҷаи татбиқи термодинамика дар санҷидани ҷараёнҳои кимиёвӣ термодинамикаи кимиёвӣ пайдо шуд. Соли 1887 олими швед *С. Аррениус* назарияи диссотсиатсияи электролитиро офарид. Соли 1881 *М. Г. Кучеров* реаксияи гидраткунониро кашф намуд.

**Табиатшиносӣ**

Аз тарафи олими немис *Т. Шван* кашф шундани назария оид ба сохти ҳуҷайравии тамоми организмҳо асоси илми табиатшиносиро боз ҳам мустаҳкам намуд. Аз чоп баромадани асари олими табиатшиноси бузурги англис *Чарлз Дарвин* „Пайдоиши намудҳо“ дар илм табаддулот гардид. Чоряки охири асри XIX-ро даври паҳншавӣ ва қарорёбии дарвинизм номидан мумкин аст. Таълимоти Дарвин самтҳои тадқиқотҳои соҳаи биологияро дигар карда фиристод. Ч. Дарвин дар асоси ҷамъбаст намудани материалҳои беназири ботаника ва зоология, ки баъди саёҳати панҷсола ба дунё гирд оварда буд, ба хулоса омад, ки табиати зинда, аз ҷумла инсон ҳам маҳсули ҷараёнҳои эволютсия (инкишофи тӯлонӣ) аст.

**Микробиология**

Инқилоб дар фанни микробиологя бо номи микробиолог ва кимёгари франсуз, асосгузори микробиология ва иммунологи-яи ҳозира *Луи Пастер* вобаста аст. Вай ҷараёни туршшавиро омӯхта, асоси илмии дар саноат истеҳсол намудани вино, пиво ва дигар маҳсулотро таъмин намуд. Вайроншавии маҳсулот сабабгори пайдоиши микробҳо буданашро исбот кард. Таҷрибаҳои Пастер барои софкунӣ(стерилизатсия) ва пастеризатсияи маҳсулоти гуногуни озуқавӣ аҳамияти калон дошт. Олими бузург касалиҳои сирояткунандаи одам, ҳайвон ва паррандаҳоро (сӯхтанӣ, вабо ва монанди инҳо) омӯхта, барои пешгирӣ намудани онҳо усули емкуниро офарид. Ин ҷустҷӯйҳои илмӣ барои фанни иммунитет асос шуданд.

**Тиббиёт**

Дар ин давр тиббиёт ҳам хеле пеш рафт. Соли 1880 олими немис *К. Эбер* бемории вараҷа, соли 1884 *Ф. Лёфлер* микроби бӯғмаро ёфт. Олими немис *Р. Вирхов* асосҳои анатомияи патологии имрӯзаро офарида буд. Олими рус *Ф. А. Леч*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Вилгелм Рентген**

микроберо, ки дизентерияи амёбаро пайдо мекунад, аниқ намуд.

Кашфиётҳои соҳаи физика низ ба инкишофи тиббиёт ёрӣ доданд. Физики немис *Вилгелм Конрад Рентген* ба назарияи мавҷҳои электромагнити Максвелл такя карда, соли 1895 нури ноаёнеро кашф кард, ки аз ҳар чиз мегузарад. Пайдоиши ин нурҳо барои олим маълум набуд ва онҳоро „Х-нурҳо“ номид. Айнан ба ҳамин кашфиёт асос намуда дастгоҳи рентген пайдо шуд, ки бевосита аз номи олим баромада буд. Акнун шифокорон ҷароҳати дохилӣ, ҷои шикасти устухонро дида метавонистанд. Барои ин кашфиёт аз байни олимони физик аввалин шуда Рентген мукофоти нобелиро гирифт.

Аз кашфиётҳои соҳаи кимиё низ дар тиббиёт васеъ истифода бурданд. Усули саноатии истеҳсоли собун, аз он дар касалхонаҳо хусусан ҳангоми ҷарроҳӣ истифода бурдан хавфи инфексияро кам кард.

Олими немис *Роберт Кох* (1843 – 1910) батсиллаеро, ки сабабгори бемории сил аст, кашф карда, дар муборизаи зидди бемориҳои сирояткунанда саҳми калон гузошт. Вай чораҳои профилактикии зидди эпидемияҳоро кор карда баромад ва доруҳо офарид. Олими рус, барандаи мукофоти Нобел *И. Мечников* оиди ҳимояи организм аз микробҳо таълимоти нав эҷод намуд.

***Илм*** (арабӣ) – донише, ки инсон дар натиҷаи хондан, омӯхтан ва таҷрибаи ҳаётӣ меандӯзад.

***Фан*** (арабӣ) – маҷмӯи донишҳое, ки дурустии он дар амал тасдиқ шудааст, он қонуниятҳои табиат ва ҷамъият ошкор карда, ба муҳити атроф таъсир мерасонад.

***Стерилизатсия*** (лотинӣ – тоза) – аз микроорганизмҳои зарарнок тоза кардани моддаҳои гуногуни тиббиёт ва биология, маҳсулоти озуқаворӣ.

***Пастеризатсия*** (аз номи муаллифи кашфиёт Пастер гирифта шудааст) – то 60 – 80 дараҷаи гармӣ тафсонидани моеъ барои куштани микробҳои зарарнок ва дарҳол хунук намудани он моеъ.

***Батсилла*** – микроорганизмҳое, ки сабабгори бемориҳо ва паҳншавии онҳо мешаванд (микроб, таёқча).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Олимҳоеро номбар кунед, ки ба инкишофи илму фанни охири асри XIX – ибтидои асри XX ҳиссаи бузург гузоштаанд.
2. Дар соҳаи физика кадом кашфиётҳо ба амал бароварда шуданд?
3. Дар бораи корҳои илмии олимони машҳури соҳаи кимиё чиҳоро дониста гирифтед?
4. Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX ба кадом соҳаҳои нави илм асос гузошта шуд?

1. Аҳамияти илм дар ҳаёти ҷамъият чӣ гуна аст? Аз ин хусус фикр ронед.
2. Ҳоло генетика дар кадом соҳаҳо истифода мешавад?
3. Ба таълимоти Ч. Дарвин ҳоло муносибат чӣ гуна аст? Эволютсия чист?
4. Ин маълумотҳоеро, ки оид ба ин мавзӯъ аз китоби дарсии „Таърихи ҷаҳон“ омӯхтед, бо маълумотҳое, ки аз китоби дарсии физика, кимиё ва биология гирифтаед, пурра намоед. Оид ба баъзе мулоҳизаҳоятон, ба муаллиматон муроҷиат кунед.
5. Ҷаро дар охири асри XIX – ибтидои асри XX аз кишвари мо алломаи ба дунё машҳури табиатшинос набаромад?

## § 40. Таълими халқ. Фанҳои (гуманитар) ҷамъиятшиносӣ. Санъат

### Таълими халқ

Тараққиёти техника эҳтиёҷотро ба мутахассисони баландмалака ва коргарони босавия пурзӯр намуд. Дар мамлакатҳои мутараққӣ нисбати бачаҳои то 12 – 13-сола таҳсили умумии маҷбурии бепул ҷорӣ карда шуд. Он омили болоравии саводнокии мардум шуд.

Донишкадаҳои имтиёзнок ҳам зиёд карда шуданд. Аммо дар аксари кишварҳо, ки дараҷаи зисти мардум паст, шароити хонаву ҷой бад, ҷалби бачаҳо ба меҳнат зиёд буд, бачаҳо мактабро партофта мерафтанд.

Дар айни замон ҷиҳатҳои манфии соҳаи таълимро надидан мумкин набуд. Масалан, дар баъзе кишварҳо ба тарбияи ҷавонон дар рӯҳи миллатгароӣ, нажодпарастӣ эътибор медоданд.

Хусусан, дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка маорифи халқ дар рӯҳи нажодпарастӣ ба роҳ монда шуда буд. Барои бачаҳои сиёҳпӯст мактабҳои алоҳида мавҷуд буд, дар ин мактабҳо нисбат ба мактабҳои барои бачаҳои сафедпӯст дониш кам дода мешуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Масъалаи муборизаи зидди нажодпарастӣ дар кишвар дар асари *Гаррийет Бичер-Стоу* „Кулбаи Том таго“ пурра ифодаи худро ёфтааст.

Дар ин давр дар Шарқ комёбиҳои таълими халқи Ғарб ташвиқ карда мешуд. Таъсири Европа пурзӯр мегардид.

Дар ибтидои асри XX баробари тараққиёти ҷамъият пеш рафтани илмҳои табиатшиносӣ, инкишофи беш аз пеши техника барои ба ҷои хурофоти динӣ мустаҳкам шудани мавқеи ҷаҳонбинии илмӣ шароит фароҳам овард. Дар соҳаи илмҳои (гуманитар) ҷамъиятшиносӣ, пеш аз ҳама дар фалсафа, назарияи иқтисодиёт, адабиёт ва сотсиология асарҳое пайдо шуданд, ки ҳаётро реалистона, воқеъбинона инъикос менамуданд. Як қатор олимону нависандагон бо мақсади таъмини зиндагии беҳбуди инсонҳо, барпо намудани ҷамъияти демократӣ ва баробарҳуқуқ асарҳои дар худ ғояҳои бузургро ифодакардаро офариданд. Лекин асарҳое ҳам пайдо шуданд, ки кӯшиш барои ҷамъкунии сарватро талқин менамуданд.

Дар ин давр барои дар асоси демократӣ пеш рафтани маданият, адабиёт ва санъат шароит ба вуҷуд омад. Ин ҷиҳат хусусан дар адабиёт ифодаи равшани худро ёфта буд. Аз ин сабаб реализми танқидӣ ва натурализм пайдо шуд.

**Фалсафа ва ғояҳои мустамликадорӣ**

Дар ин давр илми фалсафа ҳам мутобиқи замон шуд. Агар пештар ба он ҷиҳати маърифатпарварӣ хос бошад, акнун ба ҳуқуқи инсон эътибори асосӣ дода мешуд. Баробари пешравии илм кӯшиш барои муқаррар намудани нақши он дар ҷамъият, дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ ҳодисаи муҳим будани он авҷ гирифт.

Яке аз файласуфони машҳури ин давр *Фридрих Нитсе* ба масъалаи иродаи инсон эътибор калон дод. Вай барои асоснок намудани як шудани хусусияти махлуқӣ ва холиқӣ дар инсон ҳаракат намуд. Ӯ зери таъсири зардуштия асари „Таваллои Зардушт“-ро навист. Дар ин асар ғояи тарбияи шахсони боирода ва матин баён шуда буд.

*О. Шпенглер* бар зидди „евросентризм“ баромад. Вай ғояи ҳар як маданият хусусияти хос доштанашро ва ҳар кадоме аз якдигар мустасно инкишоф ёфтанашро исбот намуд. Ин фикрҳои ӯ дар асари „Ғуруби офтоби Европа“ баён шуда буд.

*З.Фрейд* чун асосгузори назарияи психоанализ дар дунё ном баровардааст. Асарҳои вай дар охири асри XIX – ибтидои асри XX



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба инкишофи адабиёт ва санъат таъсири калон расондааст. Моҳияти инқилоби бузурги Фрейд аз он иборат аст, ки ӯ тасаввуроти Декартро оид ба инсон инкор карда, бо ёрии методи феноменологӣ (фавқулодда, нодир) таҳлил кардани бешуурӣро асоснок намуд. Мувофиқи анъанаҳои психоанализ бешуурӣ чараёни омӯхтанашаванда талқин шуда буд.

Ғояҳои модели даврии тараққиёти таърих, омили асосии қаробат ва муттаҳид шудани халқҳо гардидани динҳои дунё (буддоӣ, насронӣ, ислом) пешниҳод карда шуд.

Ҳамин тавр, калисо ба озодии виҷдон, озодии эътиқоди динӣ, ба тамоилҳои баробар будани ҳамаи динҳо босаброна муносибат мекардагӣ шуд. Як зумра нависандагон дар асарҳои худ империяи Британияро чун „хӯҷаини“ баҳру укёнус, „офтобаш ҳеҷ гоҳ ғурубнашаванда“ мадҳу ситоиш карданд. Онҳо ақидаи „бартарӣ доштани сафедпӯстон, дар байни дигар халқҳо айнан онҳо маданиятро паҳн намудаанд“-ро тарғиб карданд. Ин гуна ғоя дар асари адиби англис *Р.Киплинг* „Андӯҳи қарзи одами сафедпӯст“ ҳам вомехӯрад.

**Мусиқа**

Дар санъати мусиқа низ реализм ва халқият бар хилофи шаклан мураккабию нозукии декадентӣ пеш рафт. Дар ин давр дар Мюнхен бастакори аслаш австриягӣ *Рихард Штраус* бо асараш „Саломея“, „Электра“, „Ошиқи гулон“, симфонисти австриягӣ *Густав Малер* бо „Суруд оид ба бачаҳои қазокарда“, „Шохи сеҳрноки бача“ ва бо дигар асарҳо машҳур гаштанд.

*Р. Штраус* операро мисли Мотсарт аз нав зинда кард. Асарҳои вай бо ҳаётбахшию инсонпарварӣ, тараннуми зебоӣ фарқ карда меистанд. *Г. Малйер* анъанаҳои Бетховенро ривоҷ дод. Вай аҳамияти иҷтимоии асарҳои мусиқиро боло бардошт, навоҳои соддаи мардумиро бо асарҳои мураккаби мусиқӣ биомехт.

Бастакори рус *А. М. Скрябин* дар асарҳояш ғоя ва образҳои замонро ифода кард. Бастакор, пианинонавоз ва дирижёр *С. В. Рахманинов* ба воситаи навоҳои хубаш мавзуи Ватанро бо пафоси романтикӣ ва лирика пайваст.

**Санъати тасвирӣ**

Дар санъати рассомӣ якчанд чараёнҳои нав пайдо шуд. Яке аз онҳо импрессионизм (таассурот) буд. Пайравони ин чараён воқеъиятро, таассуроти аз мушоҳида гирифтаро соф инъикос мекарданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Эдуард Мане, Клод Моне, Огюст Ренуар ва Камил Писсаро* намояндагони боистеъдодтарини импрессионизм буданд. Маҳсули мӯйқалами нозуки онҳо муҳаббати бепоёнро ба зиндагӣ тасвир мекарданд. Онҳо дар тасвири нури офтоб, фазо ва мукаммалӣаз воситаҳои нави техникӣ истифода мебурданд. Аммо онҳо инъикоси дунёи ботинии инсон, нақши он дар ҳаёти иҷтимоиро дар назди худ мақсад карда нагузошта буданд.

Дар санъати рассомӣ тамоили инъикос кардани ҳаёти реал бо ҳар ҳолате, ки ҳаст, низ мавҷуд буд. *Пол Сезанн, Пол Гоген* ва *Винсент ван Гог* дар тасвир намудани аҳли меҳнат беназир буданд. Чунки онҳо аз азобу уқубати коргарон сахт дар изтироб буданд.

Рассоми машҳури хитоӣ *Ҷен Бонян* усули бисёр хуби нақши рӯи матои шоҳиро офарид. Асари „Мутафаккир"-и ҳайкалтароши бузурги франсуз *О. Роденро* дида, чуноне, ки декадентҳо бовар мекунониданд, инсон дар дасти қувваҳои „олӣ" ба лӯхтак буданаш бовар намекард.

Умуман, хулоса карда гуфтан мумкин аст, ки илмҳои ҷамъияттиносӣ, адабиёт ва санъат ба эҳтиёҷи давр табдил ёфтанд ва ба ташаккули мафкураҳои гуногун хизмат карданд.

***Гуманитар*** (франсузӣ – табиати инсонӣ, донишмандӣ) – калимае, ки оид ба инсон, ҳуқуқи инсон ва манфиатҳои он мавриди истифода мешавад.

***Илмҳои ҷамъияттиносӣ*** (гуманитар) – фанҳое, ки инсон ва ҳаёти он, маданиятро меомӯзонанд (масалан, таърих, фалсафа, забоншиносӣ, адабиёт ва ҳоказо).

***Евросентризм*** – ғояи европоӣ кардани ҳамаи маданиятҳо.

***Индивид*** – одам, шахси алоҳида.

***Психоанализ*** – усули давокунии бемориҳои асаб, ки аз тарафи шифокор ва олими рӯҳшиноси австриягӣ З. Фрейд пешниҳод шуда буд. Бино ба таълимоти Фрейд ҳаёти психикии инсон ирсӣ, ба майлҳои бешуурона вобаста аст. Саргузашти рӯҳии инсон, хоҳишҳои амалинашудаи он нест шуда намеравад. Онҳо аз доираи шуур баромада, ба ҳолати бешуурона мегузаранд ва ба ҳаёти рӯҳии инсон таъсири фаъол мерасонанд. Ин ҳол дар асабӣ шудани он намоён мешавад. Ғайритабиӣ қонеъ кардани майлҳо ё ба соҳаи дигар кӯчонидан онҳо (масалан, эҷод, сиёсат, меҳнат ва ҳоказо) усули асосии давояшон аст.

***Фалсафа*** – фаннест дар бораи қонуниятҳои умумии инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккур.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Омилҳоеро, ки барои инкишофи маорифи халқ таъсири мусбӣ расондаанд, қайд кунед.
2. Дар таълимоти З. Фрейд кадом ғоя бартарӣ дошт?
3. Нависандагоне, ки мустамликадориро тарафдорӣ мекарданд, фикри худро бар кадом ғояҳо асоснок менамуданд?
4. Дар бораи намояндагони бузурги санъати меъморӣ ва тасвирӣ ҳикоя кунед.

1. Маорифи халқи ҳамон даврро бо маорифи халқи ин замон муқоиса кунед.
2. Чаро дар Шарқ чун дар Ғарб фанҳои аниқ инкишоф накард? Дар ин бобат нақши дин чӣ гуна аст? Эзоҳ диҳед.
3. Дар бораи аз олами исломии ин замон кадом олимони бузург баромадаанд, маълумот гирд оваред.

## § 41. Адабиёт

**Реализми танқидӣ**

Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар ҳаёти мадании кишварҳои Европа байни тамоили реализм ва декадентизм мубориза авҷ гирифт. Мардум асарҳое, ки дар рӯҳи декадентӣ офарида шуда буданд, қабул намекард. Дар натиҷа ба асарҳое, ки ҳаётро бевосита дақиқ ифода мекарданд, эҳтиёҷ афзуд. Нависандагони реалист воқеъиятро далерона ва ҳаққонӣ тасвир мекарданд. Аз ин боис ин давр номи даври реализм ё реализми танқидиро гирифт. Дар ин давр намояндагони адабиёти рус *Ф. М. Достоевский, Л. Н. Толстой, А. П. Чехов* барои ҳамзамонони хориҷиашон имкониятҳои нави эҷоди реалистиро кушода доданд.



**Ф. М. Достоевский**

*Ги де Мопассан* эҷодкори беназирест, ки ба қалами сеҳрнокаш дар „Ҳаёт“, „Азизам“, „Монт-Ориол“ ва бо дигар асарҳояш дар олами бадеии француз масъалаҳои гуногуни иҷтимоиро тасвир кардааст.

Эҷодиёти нависандаи Америка *Ҷ. Лондон* бо кӯшиши радикалиаш фарқ мекунад. Дар романи „Пошнаи оҳанин“-и вай ҳалокати дар назди инсоният истода ва азобҳои мудҳиш



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Робиндранат Тагор**

пешакӣ гуфта шудааст. Дар романи тарҷимаи ҳолии „Мартин Иден“ адиб зиддияти фоҷиаоки санъаткори ҳалолро бо маданияти сохта фош кардааст.

Сатира, яъне ҳаҷв дар ин давр аҳамияти калон пайдо кард. Романи „Шаҳрванди собиқ“ ва трилогияи ҳаҷвии „Империя“-и нависандаи немис, ҳаҷвнигор *Г.Ман* ҳам хеле пуртаъсир баромада буд. Дар саҳифаҳои ин шоҳон ва канслерҳо, ашрофон ва амалдорон, зодагони ба халқ хиёнат карда ва ашрофони аз вилоятҳои баромада, ҳатто император Вилгелми II-ро дидан мумкин.

Адиби намоёни француз *А. Франс* ҳам устоди ҳаҷв буд ва сохти мавҷударо сахт танқид карда буд. Дар асарҳояш „Ҷинояти Силвестер Боннар“ иллатҳои Республикаи сеюм, харобии маънавии доираҳои ҳукмрон, хиёнати арбобони сиёсӣ, фитнаҳои монархҳо зери тамасхур гирифта шудаанд. Романҳо, ҳикоя, мақолаҳои нависандаи намоёни ҳаҷвнигори америкоӣ *М. Твен* аз сатираи тунд ва пурғазаб саршор буданд. Худи номи мақолаи „Штатҳои муттаҳидаи талошкунанда“, ибораҳои „сенатор агар дар ҳабсхона набошад, қувваи қонунбарор аст“, „Хизматгорони халқ – шахсони барои тақсим намудани пора ба лавозим интихоб шудаанд“ хеле пурарзишанд.

Нависандаи гуманисти ҳинд *Р.Тагор* бо романҳо, песаҳо, ҳикоя ва шеърҳояш, ки бо назари фалсафӣ ва камолоти бадеиашон фарқ менамуданд, дар саросари дунё машҳур шуданд. Тамоми эҷоди вай аз даъватҳои оташин барои истиқлоли миллӣ иборат буд. Хусусан романи вай бо номи „Ҳалокат” машҳур гашт. Эҷоди *Лу Сини* хитоӣ аз рӯҳияти ҳамдардӣ ба вазъияти вазнини камбағалон иборат буд.

### Адабиёти демократӣ

Эҷодкорони адабиёти демократӣ ба ғалаба кардани принсипҳои баробарҳуқуқӣ ва адолат, ба қувваи бунёдгаронаи инсон, дигар карда тавонистани олам боварӣ доштанд. Адиби америкоӣ *Г. Бичер-Стоу* яке аз намояндагони он буд. Романи „Кулбаи Том тағо“-и Бичер Стоу яке аз намунаҳои нодири адабиёти ҷаҳон ба шумор меравад. Дар роман ҳаёти ғуломон ва ғуломдорони асри XIX дар Америка, зиддияти байни онҳо, исёни негрҳо бар зидди ғуломдорӣ ҳаққонӣ инъикос шудааст. Дар асарҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

„Ман ва зани ман“, „Мо ва ҳамсояҳоямон“ ҳам зиндагии мардуми Америка воқеъбинона тасвир шудааст.

Асари *Ҷек Лондон* дар бораи қаҳрамони табиатро мутеъкарда – „Муҳаббат ба ҳаёт“, оид ба ҳаёти коргарон ва деҳқонон“, „Як порча гӯшт“, „Гурги баҳр“ ва монанди инҳо машҳуранд.

Драматурги англис *Бернард Шоу* дар асарҳояш эксплуататсия, ахлоқи мешчаниро, мунофиқӣ, сохтакориро сиёҳ кардааст. Дар асарҳояш ба монанди „Дар хонаи мӯйсафедон“, „Шогирди шайтон“, „Майор Барбара“ дар баробари танқиди иллатҳои ҷамъият, муборизаи қувваҳои неки иҷтимоиро бар зидди зӯрию табъид тасвир шудааст.

Адиби франсуз *Виктор Гюго* дар асарҳояш „Соли даҳшатнок“, „Хоршудагон“, „Соли наваду се“, „Заҳматкашони баҳр“ нафрату эътироз ба зулм, ҷаҳолат ва беадолатӣ, ба халқ дар муборизаи зидди истилогарӣ хайрхоҳӣ баён карда, ҳаёти фоҷианок ва муборизаи меҳнаткаши таҳқиршударо тасвир кардааст.

Адиби франсуз *Жюл Верн* намояндаи бузурги романнависи илмию фантастикӣ аст. Қаҳрамонони асарҳояш ба мисли „Панҷ ҳафта дар кураи ҳаво“, „Саёҳат ба маркази замин“, „Бачаҳои капитан Грант“, „Капитани понздаҳсола“ шахсони ҷасур, матин, муборизони зидди зулми миллию мустамликавӣ аст.

Нависандаи рус *Л. Н. Толстой* дар солҳои охирини умри худ давлат ва калисои Россияи подшоҳӣ, тартиботи иқтисодию иҷтимоӣ, манбаъҳои беахлоқиро танқид кардааст. Адиби дигари рус *А. П. Чехов* дар песаҳояш „Се хоҳарон“, „Боғи олучазор“ бо қуввai калон барои ҷамъбаст кардани масъалаҳои иҷтимоӣ ҳаракат кардааст.

Дар ин давр романи адиби машҳури япон *Рока Токумоти* дар асараш „Куросиво“, „Назистан бехтар”, нависандаи дигар *Наое Киносити* дар „Сутуни оташин“-аш бар зидди боқимондаҳои феодалӣ, нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, зидди таъсири маънавии хориҷа нигаронида шуда буд.

**Натурализм**

Натурализм дар бобати навсозии адабиёти бадеӣ инқилоб намуд. Як гурӯҳ санъаткорон ҳаёти он давpро бо зеҳни тез, бо ранги бадеӣ моҳирона тасвир намуда, худро натуралистон номиданд. Яке аз намояндагони бузурги онҳо *Эмил Золя* дар назди худ мақсад гузошта, мавқеи ҳамаи синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии Франсия, тарзи зиндагӣ ва психологияи онҳоро нишон додааст. Асари Эмил Золя „Ругон–Макарҳо“-и иборат аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

20 ҷилд ба ҳаёти як оила дар даври Империяи дуюм ва таърихи иҷтимоӣ бахшида шудааст. Романҳои „Ҷерминал“ ва „Торумор“ қуллаи баланди эҷодиёти он аст.

Аз намояндагони натурализм дар Италия *Луиджи Капуана* ва *Жованни Вегаро* зикр кардан мумкин аст. Онҳо дар асарҳояшон қашшоқии ҳаёти Италияи ҷанубиро, муборизони онро бо маҳорати баланди бадеӣ инъикос кардааст. Аз натуралистони Америка *Стивен Крейн* дар асараш „Нишонаи хунини ҷасорат“, *Френк Норрис* дар асараш „Гирдоб“ масъалаҳои калони иҷтимоиро бардоштаанд.

Тамоили декадентизм пеш аз ҳама дар адабиёти француз бараъло намоён буд. *П. Верлен, А. Релебо, С. Маллорме*, ки „Шоирони лаънатӣ“ ном гирифта буданд, ба тамоили символизм пешрав буданд ва ба онҳо декадентизм таъсири калон расонда буд.

Адабиёти демократӣ – адабиёте, ки на ба манфиати табақаи ҳукмрон, балки ба манфиати халқ, оияндаи он хизмат карда, одамонро дар рӯҳи боварии умедбахш тарбия намуда, воқеъиятро ҳаққонӣ инъикос мекунад.

***Декадентизм*** (лотинӣ – таназзул) мафҳуме, ки ҳолати инқирози маданияти Европаро ба таври умумӣ ифода мекард. Тамоиле, ки дар худ рӯ овардан ба таназзул, кайфияти ноумедӣ, безор буданро аз ҳаётро инъикос мекард.

1. Адабиёти реализми танқидӣ чӣ хел ба вуҷуд омад?
2. Хусусиятҳои ба худ хоси адабиёти демократиро қайд кунед.
3. Ҷараёнҳои натурализм, декадентизм ва реализми танқидиро дар адабиёт муқоиса кунед.
4. Дар бораи намояндагони бузурги адабиёти ҷаҳон дар охири асри XIX – ибтидои асри XX чиҳоро дониста гирифтед?

Кадом асарҳои нависандагонеро, ки дар боло номашон зикр шуданд, хондаед? Дар ин бора иншо нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



(Харитаҳо дар ҳолати расм хурд карда дода шудаст)




**Давлатҳои Америкаи Лотинӣ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Ҷанги русу япон**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИЧА

Муқаддима......................................................................................3

*Фасли 1*

ҶАҲОН ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

*Боби I.* **МАНЗАРАИ ИҶМОИВУ ИҚТИСОДӢ ВА СИЁСИИ ДУНЁ**

§ 1. Рӯй додани дигаргуниҳои куллӣ дар инкишофи капитализм дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.....................................4
§ 2. Тамаддуни индустриалӣ.....................................................10

*Фасли II*

ДАВЛАТҲОИ ЕВРОПА ВА АМЕРИКА

*Боби II.* **ДАВЛАТҲОИ ЕВРОПАИ ҒАРБӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX**

§ 3. Ҷанги Франсияю Пруссия ва натиҷаҳои он.............................15
§ 4. Республикаи Сеюми Франсия ва табаддулоти давлатии 18-уми марти соли 1871.....................................................................17
§ 5. Ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии Франсия дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.......................................................................20
§ 6. Сиёсати дохилии Франсия.....................................................22
§ 7. Сиёсати хориҷии Франсия.....................................................26
§ 8. Германия дар охири асри XIX – ибтидои асри XX. Ташкилёбии империя.. ..........................................................28
§ 9. Сиёсати дохилии империя.....................................................31
§ 10. Сиёсати хориҷии империя...................................................34
§ 11. Аҳволи сиёсию иқтисодии Британияи Кабир дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.........................................................38
§ 12. Сиёсати дохилии Британияи Кабир .....................................41
§ 13. Сиёсати хориҷии Британияи Кабир.....................................44

*Боби III.* **ДАВЛАТҲОИ АМЕРИКА ДАР ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX**

§ 14. Штатҳои Муттаҳидаи Америка............................................48
§ 15. Сиёсати дохилии ШМА.........................................................51
§ 16. Сиёсати хориҷии ШМА .........................................................54



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

§ 17. Давлатҳои Америкаи Лотинӣ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.....58
§ 18. Давлатҳои дигари Америкаи Лотинӣ.....62

## *Боби IV.* ИМПЕРИЯИ РОССИЯ, ДАВЛАТҲОИ ЕВРОПАИ МАРКАЗӢ, ҶАНУБУ ШАРҚӢ ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

§ 19. Аҳволи иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии империяи Россия дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.....66
§ 20. Сиёсати хориҷии империяи Россия.....69
§ 21. Ташкилёбии Думаи давлатии Россия.....72
§ 22. Империяи Австрияю Венгрия дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.. .....75
§ 23. Сиёсати хориҷии империяи Австрияю Венгрия.....79
§ 24. Италия дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.....82
§ 25. Давлатҳои Балкан дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.....85

## *Фасли III*

## ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АФРИКА

## *Боби V.* ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

§ 26. Япония дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.....90
§ 27. Хитой дар охири асри XIX.....94
§ 28. Вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии Хитой дар ибтидои асри XX.....97
§ 29. Ҳиндустон дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.....101
§ 30. Эрон дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.....105
§ 31. Афғонистон дар ибтидои асри XIX – ибтидои асри XX.....109
§ 32. Давлати Усмонӣ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.....112

## *Боби VI.* КИШВАРҲОИ АФРИКА ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

§ 33. Мамлакатҳои Африкаи Шимолӣ.....116
§ 34. Мамлакатҳои тропикӣ ва Африкаи Ҷанубӣ.....120



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### *Боби VII.* ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОНИИ СОЛҲОИ 1914–1918

§ 35. Оғози Ҷанги якуми ҷаҳон ва давоми он..............................124
§ 36. Ҳаракатҳои ҷанг дар солҳои 1916–1917..............................129
§ 37. Натиҷаҳо ва оқибатҳои Ҷанги якуми ҷаҳон..........................131

*Фасли IV*

## ИЛМ ВА МАДАНИЯТ

### *Боби VIII.* ИНКИШОФИ ИЛМ ВА МАДАНИЯТ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

§ 38. Инкишофи техника ва илм дар истеҳсолоти моддӣ................136
§ 39. Инкишофи фанҳои аниқ ва табиатшиносӣ..............................140
§ 40. Таълими халқ. Фанҳои ҷамъиятшиносӣ. Санъат......................145
§ 41. Адабиёт.....................................................................149
Иловаҳо.........................................................................153



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

63.3(0)я72
Ж 40

**Lafasov M. ва дигарон.**
**Таърихи ҷаҳон:** Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ/М.Лафасов ва дигарон., нашри 4-уми аз нав коркарда ва такмилшуда. – Тошканд ХЭНТ-и „O‘qituvchi“, 2019. – 160 с.

ISBN 978-9943-22-399-8

УЎК: 94(100)(075.3)
КВК 63.3(0)я72

**MOYLI FOZILOVICH LAFASOV**
**USMON TOSHPO‘LATOVICH JO‘RAYEV**
**ESHQOBIL XOLIQOVICH XOLIQOV**
**DILOROM QODIROVA**

# JAHON TARIXI

**Ta’lim tojik tilida olib boriladigan maktablarning 9-sinfi uchun darslik**

Qayta ishlangan va to‘ldirilgan 4-nashri

*„O‘qituvchi“ nashriyot-matbaa ijodiy uyi*
*Toshkent – 2019*

Муҳаррир *Ч. Эшонқулов*
Тарҷимон *Ш. Салимов*
Муҳаррири бадеӣ *Ш. Тоштурдиев*
Муҳаррири техникӣ *Н. Ниёзмунамедова*
Саҳифабанд *Ў. Қурбонова*

Литсензияи нашриёт AI №012. 20.07.2018. Аз макети асл барои чоп рухсат дода шуд. 10.07.2019. Андозааш $70\times90^{1}/_{16}$. Кегли 11, 12 шпондор. Гарнитураи „Таймс“. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 11,70. Ҷузъи чопӣ 9,7. Адади нашр 6 743 нусха. Супориши №

Хонаи эҷодии нашру табъи „O‘qituvchi“-и Оҷонсии иттилоот ва коммуникатсияҳони оммавии назди Маъмурияти Президенти Республикаи Ўзбекистон. Тошканд–206, ноҳияи Юнусобод, кўчаи Янгишаҳар, 1. Шартномаи № 30-19.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Чадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба ичора додашуда**

| № | Ному насаби донишомўз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

**Чадвали боло ҳангоми ба ичора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф дар асоси меъёрҳои зерин пур карда мешавад:**

| | |
|---|---|
| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал супоридан. |
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоби дарсӣ чудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, чудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноат-бахш | Муқова кач шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ чудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои чудошудааш аз нав таъмир шудааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноат-бахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ чудо шудааст ёки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |

http://eduportal.uz

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE